*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

24 июни соли 2015, чоршанбе, №26 (1005)

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ВАҲДАТОФАР



Ҳаёти ҳизб

СОЗАНДАГӢ МАРОМИ МОСТ...

*саҳ. 2*

## РОҲЕ, КИ ҲАНӮЗ МУШКИЛОТ ДОРАД



*саҳ. 8*

## ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР ВА ПЕШГИРИИ ОН

*саҳ. 5*



ЗЕРИ МУҲРИ МАХФӢ

## Нашри нахустини девони Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ



*саҳ. 11*

Минбари халқ
24 июни соли 2015,
№26 (1005)



# МУЛОҚОТИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ БО ВАКИЛОНИ АССАМБЛЕЯИ ПАРЛУМОНИИ СААШ

***23 июн Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ вакилони Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ)-ро ба ҳузур пазируфт.***

Дар мулоқот масоили ҳамкорӣ бо СААШ оид ба масоили амнияти минтақавӣ ва дастгирии техникии сохторҳои дахлдори Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Тавре зикр гардид, Тоҷикистон бо СААШ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар масири омодасозии кадрҳои низомӣ, омӯзиши забонҳо, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, поксозии гуманитарии минаҳо, нобудсозии муҳимоти ҳарбӣ, амнияти сарҳадот, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, пешгӯии офатҳои табиӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо ҳамкории босамар дорад.

Чунин ҳамкорӣ бештар дар доираи "Барномаи шарикӣ барои сулҳ"-ва "Барномаи инфиродии шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ" сурат мегирад.

Таваҷҷуҳи зиёд ба масоили ҳамкорӣ доир ба мусоидат ба таҳкими сулҳу эътидол дар Афғонистон ва сарҳади Тоҷикистон бо ин ҳамсоякишвар зоҳир гардид.

Дар ин робита Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла изҳор дошт: "Тоҷикистон тасмими Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолиро барои таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа ба хотири устувории сулҳу субот дар Афғонистон дастгирӣ менамояд".

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба дигар масоили доғи минтақавӣ, аз ҷумла вобаста ба вазъи кишварҳои Шарқи Наздик ва пурзӯр намудани мубориза бо терроризму ифротгароӣ сурат гирифт.

Изҳори бовар карда шуд, ки ҳамкорӣ бо СААШ минбаъд ба хотири дастгирии бештари сохторҳои амниятию дифоии Тоҷикистон ва ба нафъи таҳкими амнияту субот дар минтақа боз ҳам густариш меёбад.

# ГО ГЭНМАО ДАР ҲУЗУРИ ПРЕЗИДЕНТ

***Рӯзи 22 июни соли равон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон котиби кумитаи ҳизбии музофоти Хэнани Ҷумҳурии Мардумии Чин Го Гэнмаоро ба ҳузур пазируфт.***

Аз ҳамкории мустақими Тоҷикистон бо ин музофоти дар соҳаи кишоварзӣ машҳури Чин, ки панҷ сол пеш оғоз ёфта буд, изҳори қаноат карда шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба имконоти фарохи рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, кӯҳкорӣ, сохтмон ва ғайра сурат гирифт.

Таваҷҷуҳи зиёд ба иҷрои нишондодҳои тафоҳумнома оид ба ҳамкорӣ миёни як зумра вазорату идораҳои Тоҷикистон бо музофоти Хэнан зоҳир гардид. Чунонки ёдоварӣ шуд, тибқи ин санад бояд аз ҷониби ширкатҳои чинӣ дар Тоҷикистон якчанд корхонаи саноатӣ, аз ҷумла барои истеҳсоли техникаи кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, орд, равған, хӯрокии омехтаи чорво ва коркарди тухмии зироатҳо сохта шавад.

Бо хушнудӣ зикр гардид, ки як зумра корҳои муштарак, аз ҷумла кишти пунбадона, ҷуворимакка ва дигар зироатҳо бо технологияи муосири кишоварзӣ дар Тоҷикистон аллакай иҷро шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки корхонаҳои саноатӣ низ бояд ҳарчи зудтар сохта ба кор дароварда шаванд.

Ҳамчунин доир ба ташкил ва густариши робитаҳои фарҳангӣ ва таҳкими минбаъдаи дӯстию ҳамгироӣ табодули назар карда шуд.

*www.president.tj*

Ҳаёти ҳизб



# СОЗАНДАГӢ МАРОМИ МОСТ

***Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан", ки 21 ноябри соли 2011 дар Вазорати адлияи кишвар ба қайд гирифта шудааст, рӯзи 22 июни соли равон Конфронси IV-уми худро доир намуд. Конфронс таҳти раёсати Фирӯза Шарифӣ, мудири шуъбаи кор бо занони дастгоҳи КИМ ҲХДТ баргузор гардид.***

Дар кори конфронс муовини Раиси ҲХДТ **Раъно Бобоҷониён**, муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ **Руслан Ризозода** ва раиси Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ Бахтовар Сафаров ҳузур доштанд.

Дар асоси пешниҳоди гурӯҳи корӣ дар конфронс масъалаҳои интихоби раиси **ТҶҶ "Созандагони Ватан"** ва муовинони ӯ, тасдиқи ҳайати нави Шӯрои марказии ТҶҶ "Созандагони Ватан", таъсиси комиссияҳои доимоамалкунанда дар назди Шӯрои марказии ТҶҶ "Созандагони Ватан" ва интихоби Комиссияи назоратӣ - тафтишотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ** - ҳуқуқшиноси дастгоҳи КИМ ҲХДТ раиси нави ташкилоти ҷамъиятии "Созандагони Ватан" интихоб шуд.

***Абдулло Раҳмонзода** 32 **сол дошта, соли** 1983 **дар ноҳияи Фархор таваллуд шудааст. Ӯ соли** 2005 **факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи сурх хатм карда, муддате дар Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҷумҳурӣ ва аз моҳи январи соли** 2013 **дар Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ба ҳайси ҳуқуқшинос фаъолият дошт.***

Дар кофронс ҳамзамон **Фирӯза Шарифӣ** - муовини аввал, **Муҳаммадҷон Аҳрорӣ** ва **Сураҷ Чоршанбиев** - муовинони раиси ташкилоти ҷамъиятии "Созандагони Ватан" интихоб гардиданд. Инчунин дар конфронс ҳайати нави Шӯрои марказии ташкилоти ҷавонон "Созандагони Ватан" иборат аз 27 нафар ва комиссияҳои доимоамалкунанда дар назди Шӯро таъсис дода шуд.

Пас аз конфронс дар бораи интихоби раиси нави ТҶҶ "Созандагони Ватан" вакилон чунин ибрози ақида намуданд:

**Орзу Ҳамидов вакил аз вилояти Хатлон:**

-Воқеан ташкилоти ҷамъиятии "Созандагони Ватан" як ниҳоди муҳим дар канори ҲХДТ мебошад ва пешниҳод шудани Раҳмонзода низ ба ин вазифа сабабҳои худро дорад, чунки Абдулло Раҳмонзода дар ҳақиқат ҳам шахси аз лиҳози сиёсӣ устувор ва аз ҷиҳати донишу тавонмандии маънавӣ низ бағоят такмилёфта аст. Мо бовар дорем, ки ӯ аз иҷрои ин вазифаи пурмасъул баромада метавонад ва ТҶҶ "Созандагони Ватан"-ро ба як марҳилаи нави таърихӣ, марҳилаи рушду созандагӣ ва пешрафт ворид месозад.

**Иззатуллои Ҳабибзод, вакил аз ноҳияи Синои пойтахт:**

- Мо ҷавонон аз Абдулло Раҳмонзода умедҳои зиёде дорем, чунки ӯ худшинос аст, эҳсоси баланди миллӣ дорад, пайваста меомӯзаду дигаронро низ меомӯзонад. Бо чунин шахс ТҶҶ "Созандагони Ватан" қуллаҳои баланди муродро фатҳ хоҳад кард. Ҷавононояндаи миллатанд ва мо дар атрофи ин ташкилот гирди ҳам омада, кӯшиши зиёд ба харҷ хоҳем дод, ки дар ҳалли мушкилоти кишвар саҳми босазо гузорем.

**М.СОҲИБНАЗАР**

***Бо мақсади амалӣ намудани ҳидоятҳои эҳсонкоронаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии шахсони эҳтиёҷманд Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур дар арафаи моҳи шарифи Рамазон иқдоми хуберо пеш гирифта таҳти шиори "Дастгирии оилаҳои камбизоат" аксияи хайрия баргузор намуд.***

# ДАСТГИРИИ ОИЛАҲОИ КАМБИЗОАТ

Ба аксияи хайрия ташкилотҳои ҳизбӣ ва шахсони саховатманд барои иштироки фаъолонаи ихтиёрӣ ҷалб карда шуданд. Метавон гуфт, ки шахсони хайрхоҳу саховатманд аз миёни вакилони маҷлиси вакилони халқи ноҳия, аз ҷумлаи Ширин Қурбонова, Ҷамолиддин Абдуллоев, Далер Шарифи, Гавҳар Мухторова, Бибираҷаб Воҳидова, Тоҷиддин Муҳиддинов, Ҳафиза Саидова, Саида Ғафforова, Адлия Бобоева, Наргис Ғаниева, Мирзо Исмоилов, Шаҳло Давлатова, Илҳомҷон Муродов, Манзура Исмоилова, Гулнора Муҳаммадҷонова, Сайёра Ашрапова, Хоркаш Раҳмонов, Каримхон Нозимов ва ташкилотҳои ибтидоии "Самт-2", "Амонат", "Омӯзгор", "Таваллудхонаи №2", "Маркази саломатии шаҳрии №3", "Академияи илмҳо", "Вазорати маориф ва илм", "Тоҷиксармоягузор", "Олӣ Сомон" якҷоя бо Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур дар аксияи хайрия ширкат варзида, аз ҷониби онҳо барои 85 хонавода, 17165 (ҳабдаҳ ҳазору яксаду шасту панҷ) сомонӣ ҷамъоварӣ шуда, ба ҳар як оилаи камбизоат як халта орду 5 литрӣ равған расонда шуд.

Аз чеҳраи ин нафарони маъюбу ниёзманд аён буд, ки ин иқдом каме ҳам бошад, дар моҳи шарифи Рамазон барои онҳо кӯмаки хубе мегардад. Моҳи Рамазон имсол ба диёри мо дар марҳилае омада, ки ба ҷашни Ваҳдати миллӣ рост меояд. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар баромадаш қайд кард, ки моҳи шарифи Рамазон метавонад барои мову шумо, ҳамватанони азиз, моҳи хайру баракат гардад, агар дар ин давра мардуми мусулмони мамлакатамон ба аъмоли нек даст зада, дар якҷоягӣ барои оромию осудагии кишвар саъю талош варзанд. Дар ҳақиқат ваҳдату ягонагӣ ин кафолати дастархони пурфайзи мо мебошад. Зиндагӣ аз хайру саховат рушду нумӯъ мегирад.

Ҳангоми дидорбинӣ ва тақсим кардани маводи ғизоӣ нафарони маъюбу ниёзманд ашки шодӣ рехта, миннатдории хешро аз Президенти кишвар ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иброз медоштанд. Албатта, моҳи шарифи Рамазон ба дидаҳо нуру ба дилҳо фараҳ мебахшад. Шукри давру замон ва оромиву осоиштагӣ мекунем, ки таҳти роҳбарии хирадмандонаи Раҳбари давлат, сатҳи камбизоатӣ сол то сол дар ҷумҳурӣ паст гардида, бошад, ки рӯзе дигар ягон оилаи камбизоат дар кишвар намонаду ҳама дар фазои сериву пурӣ қадамҳои устувор ба пеш гузошта, ба дастовардҳои меҳнативу истеҳсолӣ бештар ноил гардем.

**Шаҳло НАҶМИДДИНОВА,**
*мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва занони КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур*

## САИДКАБИР АБДУРАҲМОНОВ:

# МО ҲУҚУҚИ БЕТАРАФИРО НАДОРЕМ

*Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 1994 таъсис ёфтааст. Агар шумораи аъзои ҲХДТ дар соли аввали таъсисёбӣ ҳамагӣ 134 нафарро ташкил медод, имрӯз ба 2451 нафар расида, онҳо дар 55 ташкилоти ибтидоии 16 ҷамоати шаҳраку деҳот, идораву муассиса ва хоҷагиҳо муттаҳид гардидаанд. Ҳизбиёни ноҳия фаъолияти худро дар самти ҳарчи беҳтар ба роҳ мондани ҳамкории судманд бо ҷомеа ба роҳ монда дар ин самти фаъолият ба комёбиҳо ноил мегарданд.*



ҲХДТ-ро чун нерӯи пешбарандаи ҷомеаи навин беҳуда ҳизби аксарияти парлумонӣ ном намебаранд. Имрӯз аксарияти курсиҳои парлумонӣ насиби намояндагони ҳизби мо мебошад, зеро барномаи фаъолияти мо ба пешрафту тараққиёти минбаъдаи ҷомеа равона карда шудааст ва халқ ба он эътимод дорад. Собиқ раиси кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳияи Рӯдакӣ Хайрулло Сӯфиев имрӯз вакили Маҷлиси намояндагон аст ва аз аввали моҳи равон ба ин вазифа бо нафари таҷрибадор Саидкабир Абдураҳмонов раис интихоб карда шуд.

Номбурда дар марҳилаи рушди бисёрҳизбӣ бо донишҳои мукаммали сиёсӣ рақобати солим намуданро бо намояндагони дигар ҳизбу ҳаракатҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ яке аз самтҳои афзалиятноки кор меҳисобад. Таҳияи харитаи сиёсии натиҷаи интихобот, пешбурди самараноки кори ҳизбӣ, тақвияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ғанӣ гардонидани буҷаи ҳизб, ҳамкории самаранок бо ҳизбҳои дигари сиёсӣ аввалин вазифаҳое мебошанд, ки дар назди масъулини кумитаи иҷроия қарор доранд, - иброз медорад, С.Абдураҳмонов. Дар муддати кӯтоҳ созмон додани 11 ташкилоти нав имкон дод, ки боз 245 нафар сокинони ноҳия, ки аксарияти онҳоро ҷавонон ва мутахассисони касбу кори гуногун ташкил медиҳанд, ба ҳизб шомил карда шаванд. Ҳарчанд дар як муддати кутоҳ ба сафҳои ҳизб пайвастани чунин теъдод аз фаъолияти дастаҷамъонаи аъзои кумитаи иҷроия гувоҳӣ медиҳад, мо аз он ба ҳеҷ ваҷҳ хотирҷамъ буда наметавонем, зеро ноҳияи Рӯдакӣ чун калонтарин воҳиди маъмурӣ дорои захираҳои фузун асту истифодаи неруҳои зеҳнӣ ва ақлонии он бар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тақвияти фаъолияти ҳизбӣ заминаи устувор гузошта метавонад.

Муҳимтарин вазифае, ки имрӯз дар назди мо истодааст, густариши ҳамкории судманд миёни ҷомеа мебошад, зеро дар марҳилаи ҳассоси геополитикӣ баланд бардоштани ҳисси хештаншиносии ҷавонон, тарбияи ғояҳои ватандӯстӣ, ваҳдату ҳамбастагии сокинони кишвар заминаи боэътимоди пешрафту тараққиёт аст. Мебояд ҳамеша дар ҷараёни таҳаввулоту тағйирот бошем ва барои фаҳмондани воқеаву ҳодисаҳои минтақа ва ҷаҳон донишу таҷриба ва маҳорати худро равона сохта, ниятҳои ғаразноки гурӯҳҳои ифротӣ сари вақт фош ва ҷалби ҷавонон ба сафи онҳо пешгирӣ карда шавад. Оқибатҳои фалокатбори бетарафӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ бозгӯи он аст, ки мо, намояндагони нерӯҳои сиёсии ҷомеа ба ҳеҷ ваҷҳ ҳуқуқ надорем, ки аз ҳодисаҳои дар ҷаҳони муосир рухдодаистода бетарафиро пеша кунем. Дини мубини Ислом дини раҳму шафқат, дӯстиву хайрхоҳӣ, маърифату мағфират аст, аммо нафароне ҳастанд, ки онро ба пиёда сохтани ғаразҳои нопоки худ истифода бурданӣ мешавад. Ин амали нангин самар нахоҳад овард, зеро ҳаводиси кишварҳои араб ва бархе аз кишварҳои ҳамсоя собит менамояд, ки дар мавриди нодида гирифтани амали ғайриқонунии бадхоҳон ва ниятҳои хоҷагони хориҷии онҳо хавфи ноором сохтани ҷомеа таҳдид хоҳад кард.

Кор бо қишрҳои мухталифи ҷомеа, бахусус ҷавонону занон ҷузъи таркибии фаъолияти мо маҳсуб гардида, ният дорем бо роҳандозӣ намудани чорабиниҳои мухталиф сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлатро амалӣ намоем. Мусаллам аст, ки Барномаи ҲХДТ бо барномаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ тавъам асту амалӣ намудани нуктаҳои он танҳо ба хотири рушди босуботи кишвар ва беҳдошти ҳаёти сокинони ватани маҳбубамон равона гардидааст, - хулоса менамояд, Саидкабир Абдураҳмонов. Ва илова мекунад, ки барои расидан ба ин мақсад ҳизбиён аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода хоҳанд бурд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

# ҶАВОНОН ЗИДДИ ИФРОТГАРОӢ

Ба наздикӣ дар толори шуъбаи маорифи ноҳияи Шаҳринав конференсияи илмӣ-амалии намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар мавзӯи "Алайҳи таҳмили ақида ва идеологияи хурофотпарастиву ифротгароӣ дар байни ҷавонон мубориза мебарем" доир гашт. Нахуст раиси намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" Умедҷон Нарзуллоев ба кори конференсия ҳусни ифтитоҳ бахшида суханро ба узви КИМ ҲХДТ Ҳусейн Қудратӣ дод. Мавсуф зикр кард, ки ташкилоти "Созандагони Ватан" дар назди ҲХДТ ташкил шуда, фаъолияташро дар самти таҳкими бештари ифтихори ватандорӣ, худшиносию худогоҳӣ, ҷалби бештари ҷавонон ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ва пешгирии гароиши онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ва ифротӣ равона кардааст. Ин ташкилот дар навбати аввал насли ҷавонро дар рӯҳияи ватандорию ифтихори миллӣ ва садоқат ба давлату миллат тарбия менамояд.

Баъдан раиси намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" У. Нарзуллоев дар мавзӯи "Ақидаҳои ифротгароӣ барои ҷавонони мо бегона ва зиёновар мебошад", маърӯза карда изҳор намуд, ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон бо ҷавонони кишвар вазифаи мо, ҷавононро аз "Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатиро ба ҷо овардан иборат донистаанд". Чунки давлат ва миллат аз ҷавонон умеди калон доранд, зеро масъулияти давлатдорӣ ва рушди кишвар дар оянда бар уҳдаи онҳост, изҳор намуд ӯ.

Раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳринав Абдуҷаббор Сатторов дар мавзӯи "Салафия ҷараёни ифротгаро буда, барои мо ҷуз бадбахтӣ чизе нахоҳад овард" маърӯза карда, сабаби пайдоиши ин ҷараёни ифротгароро дар таҳсили ҷавонони тоҷик дар мадрасаҳои ғайрирасмии динии кишварҳои хориҷа арзёбӣ намуд. Ба андешаи ӯ, ҷавонони таҳсилкардаи ин гуна мадрасаҳо вориди Тоҷикистон мешаванду ҷавонони моро гумроҳ карда, барои шомил шудан ба созмону гурӯҳҳои террористӣ ҳидоят мекунанд.

- Мо, рӯҳониёнро лозим аст, ки аз минбар хатари ҷиддӣ доштани ин равияи шайтонии доғдоркунандаи Исломро ба мардум расонем, -гуфт дар маърӯзааш имомхатиби масҷиди ҷомеъи деҳоти Чуст И. Солиев,- роҳи таблиғотиро дар масоҷид ба роҳ монем ва ҷавононе, ки дар садади ба чанголи ин гурӯҳи хуношом афтидан ҳастанд, раҳонем.



Дар музокираҳо ва суолу ҷавобҳо муҳассилини литсеи тиббии ноҳия Таҳмина Бекмуродова, мактаб-парваришгоҳи ҷумҳуриявии ба номи устод М.Турсунзода Самандар Давлатов, Анӯшервони Шамсиддин, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 3 Шоҳрух Абдуллоев иштироки фаъол намуда, нисбати ин зуҳуроти номатлуб ибрози назар карданд.

Пас аз ин собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Олия Рашидова, Гулсара Хоҷаева, Зоирҷон Қурбонов, Умедҷон Нарзуллоев ба 130 нафар ҷавонони ноҳия шаҳодатномаҳои аъзои ТҶҶ "Созандагони Ватан"-ро дар вазъияти тантанавӣ супурданд.

Дар охири чорабинӣ кормандони шуъбаи фарҳанги ноҳия таҳти роҳбарии ҳунарпешаи шинохтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Убайдулло Кароматов барномаи консертиеро таҳти унвони "Ватан дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту" пешкаши ҳозирин гардониданд. Бо садои суруди миллии кишвар ба кори чорабинӣ ҳусни анҷом бахшида шуд.

**А.ҶӮРА**

Минбари халқ
24 июни соли 2015,
№26 (1005)

Ҳаёти ҳизб

*КИ ҲХДТ дар шаҳри Турсунзода тасмим гирифтааст, ки дар назди кумитаи иҷроияи шаҳрӣ Маркази ҷамъияти "Бонувони сарвар"-ро таъсис диҳад.*

# «БОНУВОНИ САРВАР» БА ФАЪОЛИЯТ ШУРӮЪ КАРД

Ҳадафи асосии таъсис додани маркази номбурда ин ҷалб намудани занону духтарон ба ҳунару касбомӯзӣ, пешгирии ҳодисаҳои хушунат нисбат ба занон, баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии онҳо, ҷалби занону духтарон ба аъзогии ҲХДТ ва чорабиниҳои сиёсӣ, васеъ намудани доираи назари занону духтарон ба рӯйдодҳои ҷаҳони муосир ва зиёд намудани сафи занони сарвар мебошад. Директори Маркази ҷамъиятии "Бонувони сарвар" Моҳистон Азизова, ки ҳамзамон раисии КИ ҲХДТ дар шаҳри Турсунзодаро бар уҳда дорад, ин иқдомро чунин тавзеҳ дод:

- Имрӯз эътибору таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба масъалаи занон ва мавқеи онон хоса буда, мавқеи занон нисбат ба солҳои пеш ба маротиб хеле боло рафтааст. Чун нек назар кунӣ, эҳтиромашон низ дар сатҳи боло ва назари аҳли ҷомеа низ ба онҳо дар ҳадди эътидол аст. Вале аз воқеият наметавон чашм пӯшид: на ҳамеша ва на дар ҳар ҷо занон ин эҳтирому таваҷҷуҳ, мартабаи волову мавқеи эҳтиромонаро соҳибанд. Бо дарназардошти он, ки ҳоло низ ҳолатҳои монеъ шудани волидон ба таҳсили фарзандон бахусус духтарон, зери хушунати хонаводагӣ қарор доштани занон, аз оддитарин ҳаққу ҳуқуқҳои хеш огаҳ набудану сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии занону духтарон, дур аз сиёсат будани онҳо мушоҳида мешаванд, КИ ҲХДТ салоҳ донист, ки чунин як марказ таъсис дода шавад.

Тавре М. Азизова изҳор дошт, маркази мазкур дар раванди фаъолияташ занони муваффақу дар вазифаҳои роҳбарӣ фаъолияткунандаро ҷалб карда, донишу маҳорат ва таҷрибаву малакаи онҳоро ҷиҳати амалигардонии ҳадафҳои хеш равона менамояд.

Нақшаи фаъолияти Марказ таҳия гардида, корҳо дар самти амалигардонии нишондодҳои он оғоз ёфтааст.

**Фирӯза МӮМИНОВА**

# МАРГИ ҲАЛИМОВ ДУРӮҒ АСТ?

**Бино ба иттилои сомонаи "Arabi-Press"-и Лубнон Гулмурод Ҳалимов, сардори собиқи ОМОН-и Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар Сурия ҳалок шудааст.**

**Ин сомона рӯзи 22 июн навиштааст, ки ҳамла ба Гулмурод Ҳалимов ва бархе дигар аз раҳбарони "Давлати исломӣ", аз ҷумла Абу Умари Чеченистонӣ, шоми ҷумъаи 19 июн дар минтақаи Дайр аз-Зури шаҳри Муҳассан рух додааст:**

**"Дар пайи зарбаи мушакии артиши Сурия биное, ки он ҷо бо иштироки Ҳалимов ва Чеченистонӣ ҷаласа ҷараён дошт, хароб шуд. Ҳалимов дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат расида, дуюмӣ ҷароҳати вазнин бардоштааст".**

**Ба иттилои манбаъ, Ҳалимов бо Чеченистонӣ ду корвони бузурги техникаи ҳарбиро аз Ироқ интизор буданд ва ният доштанд, баъди гирифтани яроқ пойгоҳи ҳарбӣ-ҳавоии минтақаи Дейр-аз Зуриро мавриди ҳамла қарор диҳанд.**

**Маълумоти дар ВАО интишоршуда дар бораи марги собиқ фармондеҳи ОМОН-и ВКД Тоҷикистон Гулмурод Ҳалимов яқинан дурӯғе бо мақсади "ба гумроҳӣ андохтани ҷомеа" аст. Дар ин бора ба "Азия-Плюс" якчанд сарчашмаҳо аз хадамоти махсуси Тоҷикистон хабар доданд.**

**Ба гуфтаи онҳо, дар бораи марги ҳама гуна фармондеҳи ин сатҳ Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ) ҳатман ба наздикони ӯ хабар медиҳад, вале чунин маълумот алҳол ба хешовандони Ҳалимов нарасидааст.**

**"МХ"**

# НИШАСТ ПАСИ ДАРҲОИ БАСТА

Рӯзи 22 июни соли равон дар қароргоҳи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Хусусияти баргузории ин нишаст аз дигар чунин чорабиниҳо дар он буд, ки… ин ҷо рӯзноманигоронро ба "худӣ"-ву "бегона" тақсим карданд. Ба як қатор намояндагони расонаҳои ватанӣ, аз ҷумла ду хабарнигори ҳафтаномаи «Минбари халқ» имкони ширкат дар ин нишасти "муҳиму таърихӣ" дода нашуд, ки мӯҷиби норозигии бархе аз рӯзноманигорон гардид ва боиси баҳсҳои тезу тунд миёни онҳо ва масъулини ҳизб низ шуд. Аҷиби кор ин аст, ки намояндагони ВАО-и хориҷии мустақар дар кишвари мо бе ягон мамониат вориди маҷлисгоҳ мегаштанду рӯзноманигорони бумӣ, ки дар хоки Меҳани аҷдодиашон қарор доранд, назди дар иҷозати вуруд надоштанд. Суоле ба миён меояд: ин чӣ гуна нишасти матбуотист, ки бо даъватномаҳои махсус баргузор мегардад (магар ин ҷашни арӯсист, ки ашхоси ношиносро хуш надоранд)? Мақсади дилхоҳ нишасти матбуотӣ даъвати шумораи ҳарчи бештари рӯзноманигорон аст, то ин ки баргузоркунандаи чунин ҳамоиш аз натиҷаи фаъолияти худ иттилои васеъ диҳад ва ин ба манфиати ӯ буда, имкони хуби таблиғу ташвиқ ҳам ҳаст. Аммо вақте муғризона ба як нафар иҷозати вуруд дода намешавад ва нафари дигарро (он ҳам табааи хориҷӣ) бо оғӯши боз пешвоз мегиранд, инро чӣ гуна бояд фаҳмид? Вақте ки пайваста дам аз "демокрасӣ" зада мешавад, бояд ҳадди ақал аз меъёрҳои оддии он бохабар буд ва ба шаҳрванди кишвару меҳмони азизи хориҷӣ бо як нигоҳ нигарист, гарчи хориҷӣ Ҳотами Тай ҳам бувад…

**"МХ"**

Амали хайр

# Ашки модари афғон

**Бахши вилоятии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ба истиқболи Рӯзи Ваҳдати миллӣ тасмим гирифт, кори хайру савоберо анҷом диҳад. Бо ин мақсад 40 нафар кӯдакони ятиму бепарастор ва имкониятҳояшон маҳдудро ба дастурхони идона даъват кард.**

Ин чорабинӣ дар қаҳвахонаи "Бахтиёр"-и маркази вилоят баргузор гардид. Роҳбари бахши вилоятии Ҷамъият Парвиз Ҷабборзода бачагону волидайни онҳоро бо фарорасии 18-умин солгарди Ваҳдати миллӣ таҳният гуфта аз ҷумла қайд кард:

-Шукронаи Ваҳдати миллӣ, ки ба шарофати ҷонфидоиҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи тоҷик ба он соҳиб шуд. Ин аст, ки имрӯз ҳаёти осуда ба сар мебарем ва имкониятҳо баҳри гузаронидани чунин чорабиниҳо фаровонанд...

Қатори кӯдакони таҳҷоӣ дар ин чорабинӣ 6 нафар фарзанди зодаи шаҳри Кобули Ҷумҳурии Афғонистон, муқими шаҳри Хуҷанд Соҳибаи Саиднурулло низ ширкат дошт. Вақте суруди Фарҳоди Дарё "Кобул ҳаме саломат мекунам" дар иҷрои ҳофизи писандида Ҳасани Камол садо дод, вай ашки фироқи Ватан рехта гуфт:

-Суруд диламро ба ёди Ватан гум занонд. Шумо инсонҳои хушбахтед, ки дар ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ умр ба сар мебаред. Кош дар Ватани ман ҳам сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо мешуд. Мусофирӣ моро хаста кард, ҳарчанд дар сарзамини шумо чун дар Ватани худем. Ман бас миннатпазирам аз иқдомкунандагони ин кори хайр, ки фарзандони маро бегона наҳисобиданд ва ба ин чорабинӣ даъватамон карданд…

-Маротибаи чандум аст, ки ман бачагонро аз оилаи камбизоат ба чунин чорабинии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар ҳамроҳӣ мекунам,- гуфт омӯзгори МТМУ №17 шаҳри Хуҷанд Марҳабо Шарифова. Байни онҳо кӯдакони ятим низ ҳастанд. Дар рӯзҳои моҳи муборақи Рамазон ва арафаи иди Ваҳдат кори басо хайру савоб шуд. Шайх Саъдӣ беҳуда намегӯянд:

***Ҳар ки хандонад***
***ятими хастаро,***
***Боз ёбад ҷаннати***
***дарбастаро.***

Кӯдакон муддате чанд баробари ошомидани неъматҳои моддӣ дар ҳавои суруду таронаҳои дилангези шогирдони мактаби санъати ба номи Лоиқ Шералӣ ва Аълочии фарҳанги ҷумҳурӣ Ҳасани Камол бас шодиву хурсандӣ карданд.

Дар охир ба бачагон туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

**М.МАҚСУДОВ**



# НИГАРОНӢ АЗ ХАТАРИ ПАҲНШАВИИ ВНМО

**Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд, рӯзи 23 июни соли равон аз ҷониби Гурӯҳи ҳамоҳангсозии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи лоиҳаи "Пешгирии бемории Вируси норасоии масъунияти одам аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шаҳри Душанбе мизи гирд баргузор гардид.**

**МАВЗӮИ асосии мизи гирд инъикоси масоили пешгирии Вируси норасоии масъунияти одам (ВНМО) аз модар ба кӯдак дар воситаҳои ахбори омма буд, ки масъулини Муасиссаи давлатии маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди ВНМО аз хатари паҳншавии ин беморӣ изҳори нигаронӣ намуданд. Дар ҷаласа хабарнигорони дохиливу ватанӣ ширкат доштанд. Мутахассисони соҳа дар бораи роҳҳои пешгирии паҳншавии бемории мазкур аз модари сироятёфта ба кӯдак маълумоти муфассал дода, таъкид карданд, ки ин масъала яке аз проблемаҳои ҳалталаби рӯз ба шумор меравад ва бояд ҳарчи зудтар пеши роҳи ин раванд гирифта шавад.**

**Зӯҳро Нурляминова, мудири шуъбаи назорати диспансерии Муассисаи давлатии маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди ВНМО зикр кард, ки танҳо дар семоҳаи аввали соли равон, дар ҷумҳурӣ 25 нафар кӯдаки сироятёфта ба қайд гирифта шудааст, ки аз модарони мубталои ВНМО ба дунё омадаанд. Ин ҳамон кӯдаконе ҳастанд, ки модаронашон ҳангоми ҳомиладорӣ ба марказҳои хизматрасонии тиббӣ муроҷиат накардаанд ва ё аз ин хизматрасониҳо даст кашидаанд. Мақсад аз баргузор намудани ҷаласаи имрӯза дар он аст, ки занони тоҷик дар бораи ин беморӣ маълумоти бештар дошта бошанд ва минбаъд ҳангоми ҳомиладорӣ аз хизматрасониҳои тиббӣ ба пуррагӣ истифода намоянд, то кӯдакони солим ба дунё оранд.**

**Ба иттилои номбурда, шумораи мубталоёни бемории ВНМО дар ҷаҳон аз соли 1991 то имрӯз 6944 нафарро ташкил медиҳад, ки 69,9 фоизро мардон ва 30,1 фоизро занон ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб кӯдакони синни то 14-сола 10,6 фоизро ташкил медиҳанд. Танҳо дар соли 2014 дар ҷаҳон 2,1 миллион нафар мубталои ВНМО шудаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки нисбат ба солҳои 2010-2011 ва 2012-ум сатҳи паҳншавии ВНМО дар тамоми гӯшаву канори дунё то андозае кам шудааст. Солҳои 2010 -2011 дар тамоми ҷаҳон 2,5 - 3 миллион нафар ҳамчун сироятшуда ба қайд гирифта мешуданд ва ин шумора тайи ду соли охир каме коҳиш ёфтааст. Аммо дар ҳоли ҳозир дар бештари кишварҳои дунё шумораи фавтидагон аз ҳисоби ВНМО зиёд гардидааст. Сатҳи паҳншавии ВНМО бештар дар мамлакатҳои Африқо-минтақаи Сахара ба қайд гирифта мешавад, ки аз рӯи маълумотҳо аксарияташон бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гирифтори ин беморӣ мешаванд.**

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар семоҳаи аввали соли равон ҳамагӣ 386 нафар сироятшудагон ба қайд гирифта шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 91 ҳолати сироятёбӣ зиёд аст. Агар солҳои 2002 то 2006 шумораи гирифторони ВНМО аз 100 то 300 нафар ба қайд гирифта мешуд, аз соли 2007 инҷониб ҳамасола аз 800 то 1000 нафар ҳамчун сироятёфта ба қайд гирифта мешавад. Солҳои 2004 - 2006 шумораи гирифторони ВНМО аз ҳисоби истеъмоли маводи нашъаовар бештар ба назар мерасид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир қисми зиёди гирифторони ин беморӣ бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироят ёфтаанд ва аксарияти онро ҳам дар дар байни занон ва ҳам дар миёни мардон ҷавонон ташкил медиҳанд. Имрӯзҳо зарурат пеш омадааст, ки ҳарчи зудтар пеши роҳи паҳншавии ВНМО гирифта шавад. Зеро дар сурати идома ёфтани ин ҳолат, назорати гирифторони ин беморӣ мушкил хоҳад шуд, - афзуд Зуҳро Нурляминова.**

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

**Шароити пуртазод ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон тақозо менамояд, ки нисбат ба хатарҳои ҷаҳонӣ ба монанди терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддиру ҷинояткории фаромарзӣ ва даҳҳо дигар падидаҳои хатарнок, ки ба амният ва сулҳу субот дар ҷаҳон таҳдид менамояд, бетараф набошем, -таъкид менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.**

# ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР ВА ПЕШГИРИИ ОН

Дар ин замони ҳассоси таърихӣ ҷараёнҳои сиёсӣ ва ифротию харобовар дар бисёре аз кишварҳои минтақа ва ҷаҳон талош доранд, ки ҷавононро ба доми харобиовари худ дароранд. Онҳо асосан ҷавононеро фирефта мекунанд, ки саводу маърифати сиёсии заиф доранд. Аз ин рӯ, мехоҳанд ҳамчун воситае барои аҳдофи шуми сиёсии худ аз онҳо истифода намоянд. Бо номи ҷиҳод ва дифоъ аз дину мазҳаб ва ҷанги муқаддас бо куффор манфиату мақсадҳои иқтисодӣ-сиёсии худро пиёда сохта, ҷомеаро ба тарзи ҳаёти асримиёнагӣ баргардонанд.

Вазифаи зиёиён, қувваи солимфикри ҷомеа дар чунин шароит ба назари мо аз он иборат аст, ки зидди ифротиён ва мубаллиғони он мубориза оштинопазир бурда, ба решакан кардани ин зуҳуроти манфӣ ноил гарданд. Агар нисбати ин вазифаи муҳим беларво бошем, оқибати ногувор ба бор меорад. Дар мубориза бо ифротгароии динӣ, агар тамоми ҷомеа ба сохторҳои қудратӣ ёрӣ нарасонанд, ба муваффақият ноил шудан имкон надорад. Аз худи ҷиноят дида оқибатҳои бади он муассиртаранд. Ҷавоне, ки зери таъсири ифротгароён монда, ба ин ё он гурӯҳи экстремистӣ шомил мегардад, агар сари вақт ӯро аз ин роҳи бад барнагардонем, як умр гирифтори ин бало шуда, дигаронро низ аз қафои худ мебарад. Ин раванд албатта, хатарнок аст.

Дар тарбияи ҷавонон, пешгирии онҳо аз воридшавӣ ба ҷараёнҳои экстремистӣ нақши зан-модар ниҳоят муассир мебошад. Занҳо дар кишвар нерӯи бузургеро ташкил медиҳанд. Ин боиси сарфарозӣ ва ифтихори мост. Вале аксари занҳое, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, дар чорчӯбаи оила ва рӯзгори худ маҳдуд монда, аз дарку фаҳмиши равандҳои иқтисодию сиёсии кишвар ва ҷаҳон ба пуррагӣ бохабар нестанд. Барои зане, ки ба хотири ояндаи фарзандаш эҳсоси масъулият дорад, тарбияи ахлоқии фарзанд арзиши бузург дорад. Вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон водор мекунад, ки ба олами атроф, ба равандҳои сиёсию иҷтимоии ҷаҳони муосир бо диди ибрат нигоҳ кунем. Дар ҳавзаи сиёсию ҷуғрофие, ки мо зиндагӣ мекунем, ду тамоюли аз ҳам фарққунанда равшан ба назар мерасад. Яке ҳаракат ба сӯйи уфуқҳои нави пешрафту тараққиёт ва арзишҳои аз имтиҳони замон гузаштаи тамаддуни башарӣ. Дигаре бозгашт ба гузаштаи асримиёнагӣ.

Дар робита бо ин, мехостам атрофи инқилобҳои ранга, махсусан инқилобҳои баҳори арабӣ ва давлатҳои собиқ Шӯравӣ ба таври мухтасар ибрози назар намоям.

Даҳсолаи охир дар як қатор давлатҳои номбурда инқилоб ба вуқуъ пайваста, низоми сиёсии онҳоро сарнагун кард. Гӯё сохти демократӣ ва мардумсолорӣ ҷорӣ шуда, рушду нумуи иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳанг таъмин гардида, мардум саодатманд мешавад. Дар асл бошад, мо акси он, ҷангу ҷидол, куштор, хунрезӣ, қашшоқӣ, гуруснагӣ, дағалона вайрон кардани ҳуқуқи инсон, озодии дину эътиқод, миллионҳо одамони гурезаро дар давлатҳое, ки инқилобҳо дар он ҷо ғалаба намудаанд, мебинем.

Ба ҳамагон маълум аст, тибқи қонунҳои ҷомеа инқилоб дар он ҷое сар мезанад, ки сатҳи зиндагии мардум дар дараҷаи паст қарор дошта, роҳбарон ба таври пештара ҷомеаро идора карда наметавонанд ва мардум дигар қашшоқона зиндагӣ кардан намехоҳанд. Дар натиҷа вазъи мусоид барои эҷоди инқилоб ба вуҷуд меояд ва онҳо амалӣ мегарданд. Аммо, дар давлатҳои Ироқ, Сурия, Либия ва Миср мо акси инро мушоҳида менамоем. Сатҳи зиндагии мардум дар ин давлатҳо бо сабаби доштани захираҳои бойи нафту газ дар дараҷаи баланд қарор дошт, амнияти мардум, ҳуқуқи шаҳрвандон ба пуррагӣ таъмин буд. Саволе ба миён меояд, ки кадом омилҳо ин давлатҳоро ба чунин ҳолат овард, ки солҳои зиёд аҳолӣ ва давлатмардон мехоҳанд оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш кунанд, вале муяссар намегарданд. Ин ҷо, фикр мекунам, омилҳои субъективӣ (зеҳнӣ) мавқеи муайянкунандаро ишғол мекунанд. Манзури ман ин ҷанги иттилоотӣ, махсусан шабакаҳои интернетии қувваҳои беруна ва дохилӣ алайҳи мардум, хусусан ҷавонони хунгарму камтаҷрибаю обутобнаёфта дар муборизаҳои сиёсӣ мебошад. Ин шабакаҳо нисбати ҳукуматдорону амалдорон туҳмату буҳтон ва иғвоҳои гӯшношунид паҳн намуда, мардумро ба кӯчаю майдонҳо мекашанд. Айни ин амалро мо дар ҳодисаҳои солҳои аввали 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон мушоҳида намудем, ки ба талафоти зиёди ҷонӣ ва молӣ оварда расонид.

Қобили зикр аст, ки бо дастгирии баъзе қувваҳои беруна дар Мисри Араб ҳизби Ихвон-ул-муслиминро сари қудрат оварданд. Аз сабаби дар миёни мардум маҳбубият надоштани идеологияи ихвониҳо ва надоштани кадрҳои роҳбарикунанда, онҳо дер напоида, сарнагун шуданд.

Соли 2009 бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бо иштироки шоирон, нависандагон, олимон, фарҳангиён ва сиёсатмадорони варзидаи Шарқу Ғарб Симпозиуми байналмилалии Имоми Аъзам баргузор гардид, ки он, агар аз як тараф мутафаккири бузурги тоҷикро ба ҷаҳон муаррифӣ карда бошад, аз тарафи дигар мардуми тоҷик ба ҳаёт, фаъолият ва махсусан ба мазҳаби худ - Ҳанафия шинос гардид. Аз ҳама муҳимаш шиносоӣ бо мазҳаби Имоми Аъзам воситае гардид дар мубориза бар зидди ҷараёнҳои ифротгаро ба мисли Ҳизб-ут-таҳрир, ҲИУ, Ансоруллоҳ, Таблиғ, Салафия, Ҷундуллоҳ ва ғайра. Баъди таҷлили ҷашни Имоми Аъзам паҳн шудани афкору ақида ва андешаи ин ҳаракату ҳизбҳои ифротӣ, махсусан дар байни ҷавонон хеле коҳиш ёфт. Пас аз гузаштани панҷ сол аз ин чорабинӣ имрӯз ҳаракатҳои радикалию ифротӣ дубора дар байни мардум, махсусан ҷавонон фаъол гардидаанд.

Аз ин рӯ, ташаккулу такомули худшиносии миллӣ, шинохту таблиғи мазҳаби таҳаммулпазири Имоми Аъзам-Ҳанафия беҳтарин роҳу восита дар мубориза алайҳи ҳаракату ҷараёнҳои тафриқаандози экстремистӣ мебошанд.

Барои безарар гардонидани идеологияи иртиҷоӣ ва пешгирии воридшавии ҷавонон ба ин ҳаракату созмонҳо, уламои маъруф ва саршиноси динии моро лозим аст, ки дар ин самт саҳмгузор бошанд. Дар бaромаду суханрониҳои худ дар воситаи ахбори оммаи кишвар ва мавъизаҳо дар масҷидҳо, бо такя ба оятҳои Каломи Раббонӣ ва ҳадисҳои шарифи Паёмбари акрам Муҳаммад (с) моҳияти иртиҷоию харобиовар доштани онҳоро фош намоянд.

Дар робита ба ин, ба зиёиён тавсия дода мешавад, ки зуҳуроти инқилобҳои рангаи давлатҳои ИДМ ва баҳори арабро ба риштаи таҳқиқ кашида, мақсаду мароми фоҷиабору харобиовари ин зуҳуротро ба мардум, махсусан ҷавонон ифшо намоянд, то ҳар як фарди миллат хуб дарк кунад, ки ин инқилобҳо аз куҷо оғоз гардида, чӣ мақсаду ҳадаф доранд. Бояд хуб донанд, ки онҳо сабаби парокандагии миллат ва тикка-тикка шудани давлату давлатдории аҷдодии мо мегарданд. Ба мардум, махсусан ҷавонони бетаҷрибаю зудбовар талқин кунанд, ки мақсаду мароми аслии ифротгароён ҷуз манфиати шахсию гурӯҳӣ беш нест.

Маълум аст, ки ба даст овардани рушди устувори иқтисодӣ, созандагию ободӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум танҳо аз роҳи расидан ба ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ имкон дорад.

***Ҳар гуна ҷудоиандозӣ, дар заминаи эътиқоди динӣ барангехтани мардум бар зидди ҳамдигар, пайвастан ба ҳизбу гурӯҳҳои иртиҷоӣ реша дар кишварҳои парваришдиҳандаи терроризми байналмилалӣ дорад.***



Албатта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавоноии онро дорад, ки пеши роҳи ифротгароёнеро, ки ҷавонони моро ба раҳгумӣ ҳидоят мекунанду шабу рӯз дар орзуи ба сари қудрат омадану ҷомеаро мазҳабӣ кардан мебошанд, гирад ва барои ин кор аз тамоми воситаҳои қонунӣ истифода мекунад.

Дарки воқеияти имрӯз, яъне шинохти манфиатҳои миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ҳимояи Ватан, хизмати содиқона барои рушду ободии кишвар талаботро нисбат ба зиёӣ даҳчанд карда, мақому манзалати ӯро боз ҳам боло мебардорад. Агар зиёӣ донишу маърифатро ба ҷавонон талқин кунад, онҳоро бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ карда тавонад, табиист, ки онҳо ҳама гуна зуҳуроти ҷамъиятиро дарк намуда, хулосаи дурусти мантиқӣ мебароранд ва фирефтаи ҷараёнҳои ифротӣ нагардида, ба халқу Ватани худ хизмати содиқона мекунанд. Мақсади ягонаи мо ин аст, ки ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои муҳиму мубрам ва таҳлили равандҳои ҷаҳонишавӣ қодир бошанд ва дар маҷрои таҳаввулоти ҷаҳони муосир мақому манзалати сазовори Ватани маҳбубамонро ҳифз карда тавонанд.

Аз ин лиҳоз, дар ҳар кишваре донишмандон ва шоирону нависандагон, умуман зиёиён барои пешгирии ин хатари фоҷиабор нақши муассир ва калидӣ доранд. Онҳо бояд бо эҷодиёт ва осори арзандаи худ дар бедорӣ ва огоҳии қишрҳои мухталифи кишвар саҳми босазо гузоранд. Роҳнамову роҳкушои халқи наҷиб ва бузургвори тоҷик, бавижа ҷавонони ғаюр ва меҳанпарасти тоҷик бошанд.

Шароити кунунӣ ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар замони инкишофи босуръати технологияи муосири иттилоотӣ ҳамчун падидаи нав дар ҷаҳони имрӯза то андозае тавонистааст, ки ба ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии инсоният таъсири худро расонад. Албатта, ҳамқадами кишварҳои пешрафта ва рушдёфта будан боиси ифтихор аст. Вале дар ин раванд ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва тарбияи фарзандон дар рӯҳияи эҳтироми фарҳангу тамаддуни миллӣ ва арзишҳои волои он бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Имрӯз, ки технологияи ҷадид ва интернет вориди ҳар як оила мегардад, волидайн бояд дониши замонавӣ дошта бошанд, то тавонанд аз таъсири манфии интернет кӯдакро эмин нигоҳ доранд. Маълум аст, ки имрӯз дар интернет маводи фаҳшу зӯроварӣ, таблиғи идеологияҳои ифротӣ интишор меёбад. Кӯдакон бошанд, бештар ин маводҳоро тамошо мекунанд, ки ба мафкураи онҳо беасар намемонад.

Тавре солҳои охир мушоҳида менамоем, кӯшишҳои таъсир расонидан ба ҷаҳонбиниву андешаи ҷавонон аз ҷониби ҷараёну равияҳои ифротгаро дар ҷомеаи имрӯза ба назар мерасад. Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз фориғболии баъзе падару модар ва роҳбарону кормандони муассисаҳои таълимӣ истифода намуда, гурӯҳҳои гуногуни тундраву ифротгаро ба муассисаҳои таълимӣ роҳ ёфта, ҷавонони бетаҷрибаро ба кирдорҳои номатлуб ҷалб менамоянд. Мутаассифона, падару модароне ҳастанд, ки нисбати тақдиру ояндаи фарзандони худ бетафовут мебошанд. Баъзе падару модар, ҳатто фарзандони ноболиғи худро бо роҳҳои ғайриқонунӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар мефиристанд. Ва намедонанд, ки фарзандонашон ба ҷои таълим ба чӣ корҳо машғул мешаванд. Баъзе аз ин муассисаҳо ҷавононро дар рӯҳияи ифротгароӣ ва экстремистӣ омода менамоянд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, Президенти кишвар ба мақомоти дахлдор супориш додаанд, ҷавононе, ки ғайриқонунӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар рафтаанд, баргардонда шуда, дар муассисаҳои таълимии кишвар ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Имрӯз қисми зиёди онҳо ба Ватан баргаштанд ва дар муассисаҳои таълимии кишвар таҳсил намуда истодаанд.

Дар ин марҳилаи басо ҳассосу муборизаҳои ошкору ниҳони нерӯҳои гуногун, вазифаи муқаддаси ҷомеа, пеш аз ҳама ба таълиму тарбия фаро гирифтани ҷавонон, ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо ва пешгирӣ аз воридшавии онҳо ба ҷараёнҳои ифротию тундгаро мебошад. Ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбия ёфта, ба онҳо дар муҳити оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ ахлоқу одоби ҳамида, маърифати шаҳрвандӣ, камолоти инсонӣ, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ таълим дода шавад, то ки наврасону ҷавонони мо ҳамчун ворисони арзандаи халқу Ватан ба воя расанд, - қайд менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

**Манзура КОШОНОВА,**
*доктори илмҳои иқтисодӣ*



**Мирзошоҳрух АСРОРӢ,**
***Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон***

# ВАҲДАТОФАР



**Оид ба нақши Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди сулҳу ваҳдат**

*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

Аммо, киштии сулҳи мо бо ҳидоятҳои хирадмандонаи Сарвари муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собитқадамона ба соҳили муроди хеш пеш мерафту ҳеҷ гуна монеае наметавонист онро аз масири интихобкардааш бозгардонад. Нуқтаи ниҳоиро ба ҷанги дохилии қариб панҷсолаи Тоҷикистон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ гузошт, ки он дар шаҳри Маскав рӯзи 27 июни соли 1997 аз ҷониби Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини Тоҷикистон Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба имзо расид.

Он рӯз ҷашн буд, рӯзи шодию нишот буд. Сарвари мамлакатамонро дар фурудгоҳи Душанбе ҳазорон нафар мардум бо гулу гулдастаҳо, бо ашки шодӣ, бо эҳсосоти саршор аз меҳр ва миннатдорию сипос истиқбол карданд. Воқеаи мазкурро тамоми Тоҷикистон ҷашн мегирифт. Фармони Президенти кишвар дар бораи таҷлили ҳамасолаи 27 июн ҳамчун Рӯзи ваҳдати миллӣ ҷавоб ба ҳамин эҳсосоти миннатпазиронаи шаҳрвандони мамлакат буд.

Татбиқи амалии тавофуқоти ҳосилшуда шурӯъ гардид. Дар пойтахт Комиссияи оштии миллӣ ба фаъолият оғоз намуд. Ин комиссия, ки аз теъдоди баробари намояндагони Ҳукумат ва ИНОТ таркиб ёфта буд, тамоми раванди татбиқи созишномаю дигар асноди дар ҷараёни музокирот қабулшударо идора ва назорат мекард.

Намояндагони ИНОТ дар асоси квотаи 30 дарсадие, ки барояшон муқаррар шуда буд, ба ҳайати сохторҳои давлатии марказию маҳаллӣ шомил карда мешуданд. Ҳамчунин, раванди ба ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ шомил намудани размандагони ИНОТ оғоз гардид.

Масъалаи ба ҷойҳои муқимии зисташон бозгардондани гурезаҳо яке аз мавзуоти калидии раванди сулҳи тоҷикон маҳсуб мешуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз ҷараёни музокирот бо рақибони сиёсиаш, масъалаи мазкурро ҳамеша мадди назари хеш медошт. Моҳи марти соли 1993 масъалаи асосии маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ватан бозгардонидани фирориён буд. Аз ҳисоби мутахассисони Вазорати корҳои хориҷӣ бо ин мақсад се гурӯҳи корӣ созмон дода шуд. Танҳо як гурӯҳи ин вазорат ҳамон вақт 30 ҳазор паноҳандаро ба Ватан бозгардонд.

Барномаи "Хоки Ватан", ки онро Радиои Тоҷикистон аз соли 1993 ба ин тараф, муддати чандин сол пахш мекард, ҷиҳати ба роҳ мондани иртиботи фирориён бо Ватан ва ташвиқи онҳо барои бозгашт ба диёри аҷдодиашон хизмати бебаҳоеро анҷом дод. Он вақт Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тавассути барномаи мазкур ба гурезагон чунин муроҷиат карда буд: "Ҳамватанони азиз, ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, як бурда ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем. Пушту паноҳи шумо Ватан аст. Шуморо хонаву даратон, фарзандонатон, хешу таборатон интизоранд.… Ба Ватан баргардед, ҳамватанони гиромӣ…!"

Масъалаи дигар бо ҷойи кор ва хонаю ҷой таъмин кардани фирориёни ба Ватан баргашта аст, ки дар ин маврид аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхорӣ зоҳир гардида, маблағҳои махсус ҷудо шуда буданд. Ба ин васила гурезаҳои пешин ба ҷойҳои собиқи корашон барқарор мегардиданд. Ҳазорҳо хонаҳои вайрона ба таври ройгон таъмир ва хонаҳои нав сохта шуданд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими раванди оштии миллӣ масъалаи авфи иштирокчиёни муқовиматҳои мусаллаҳона мебошад. Бо ин мақсад Шӯрои Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир намудаанд", қабул кард, ки иқдоми бузурги инсондӯстона маҳсуб мешавад. Умуман дар ин давра аз ҷониби Сарвари давлати Тоҷикистон се санади авф қабул карда шудаасту дар асоси онҳо садҳо афроди раҳгумзада аз ҷазои ҷиноятӣ озод гардидаанд, ки онҳо садҳо заминаи мустақилонаеро ба муросову оштии миллӣ фароҳам овардаанд.

Мусодираи силоҳу муҳимоти ҷангии ғайриқонунӣ дар дасти аҳолӣ нигоҳдошташаванда ҳам, ки бо фармонҳои Президенти мамлакат сурат мегирифт, ба ҳамин мақсад ва инчунин, ба пешгирии минбаъдаи ҷиноятқорӣ равона гардида буд. Соли 1994, замоне, ки Эмомалӣ Раҳмон бо овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид, нахустин санади имзокардааш фармон дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ буд. Дар ҷараёни иҷрои фармони мазкур то 10 000 мил автомат ва дигар анвои силоҳ ҷамъоварӣ шуд. Зимни як фармони дигари Сарвари давлат бо силоҳ ва техникаи ҷангӣ аз ҳудуди қисму ҷузъу томҳо берун рафтани хизматчиёни ҳарбӣ манъ карда шуд.

Дар роҳи барқарории сулҳу оштии миллӣ Сарвари давлати Тоҷикистон борҳо бо ошӯбу балвоҳо, сӯиқасдҳою мухолифатҳо рӯ ба рӯ омадааст. Ягонтое аз ин амалҳои ғаразноку ноҷавонмардона натавонистаанд ӯро ҳатто ба қадри мӯе аз сиёсати пешгирифтааш ба хотири оянадаи босуботу ободи Тоҷикистони азизаш бозгардонанд. Яке аз ин балвоҳоро полковники хоин аз Вазорати мудофиа Маҳмуд Худойбердиев сарварӣ карда буд. Вай қисми ҳарбии дар тобеияташ қарордоштаро ба по хезонда, давоми солҳои 1996-1997 бедодгариҳои зиёдеро дар вилояти Хатлон ба вуқӯъ оварда буд. Яке аз ононе буд, ки ба раванди сулҳ бо ИНОТ зиддият дошт ва мехост бо истифода аз зӯри силоҳ манофеи шахсиашро ба Ҳукумат таҳмил кунонад. Вале тираш хок хӯрду бо пасмондаҳои гурӯҳи фиребхӯрдааш ба хориҷи кишвар гурехт. Моҳи ноябри соли 1998 як бори дигар аз хориҷи кишвар ба вилояти Суғд тааруз кард, баъзе аз иншооти муҳимро ишғол намуд. Аммо боз ҳам ноком шуд. Дар ин ҷо якумин маротиба ҷузъу томҳои ҳукуматӣ якҷоя бо размандагони собиқи ИНОТ амалиёт карда, ба зудӣ балвогарони Маҳмуд Худойбердиевро аз ҳудуди вилоят берун намуданд.

Дафъаи дигар ба ҷонаш сӯиқасд карданд. Ин воқеа дар шаҳри Хуҷанд рӯй дода буд, ҳангоми таҷлили 65-солагии Донишгоҳи давлатии ба номи Бобоҷон Ғафуров. Дар пешаш норинҷакро тарконданд. Вале, ба мақсад нарасиданд. Президент аз он осеби сабуке дид. Маълум шуд, ки ин сӯиқасд кори дасти ҳамон Маҳмуд Худойбердиев ва сарвазири собиқи кишвар Абдумалик Абдуллоҷонов будааст.

Барои ба мардум фаҳмондани сиёсати сулҳу созиши худ зуд-зуд ба шаҳру ноҳияҳо мерафт, махсусан ба маҳаллаҳои аз лиҳози вазъи ҷамъиятию сиёсӣ мураккаб, ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва аз он заррае парво надошт, итминон дошт, ки амали пок, сиёсати софдилона бар ҳама кӯрдилиҳо пирӯз мешавад. Ин ҷо ҳам муқобилаш бархоста буданд, на фақат бо сухан, балки бо силоҳ ҳам. Ин навбат аз ҷониби дигар, аз ҷонибе, ки хешро мухолифони оштинопазир ҳисоб мекарданд. Вай гӯё девори пӯлодине буд, ки дар баробараш ҳамаи тирҳо пора-пора шуда, ба замин мерехтанд. Ин девори пӯлодин аз ҳақиқату ростӣ, инсофу адолат ва таҳаммулу гузашт бино ёфта буд.

Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд ҳангоми суханронӣ баъди интихоб шуданаш ба мақоми Раиси Шӯрои Олӣ дар бораи қатъи ҷанг, ҷонибдори таъсиси давлати демократию ҳуқуқбунёд будан ва амсоли ин ҳарф зада, муросову мадоро оштии миллиро ҳадафҳои усулию меҳварии сиёсати хеш дар маснади Сарвари давлат қарор дода буд.

Ин ҳадафу мақсадҳо баъдан ҳамаҷониба пурраву мукаммал гардида, дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ аз ҷониби мардум якдилона ҷонибдорӣ шуда буд, ифодаи воқеии худро ёфтанд. Усулҳои мазкур имрӯз ба воқеияти зиндагиамон табдил шудаанд, чизҳое, ки он замон ба назар ноошно ва ғайривоқеӣ менамуданд.

***Мусодираи силоҳу муҳимоти ҷангии ғайриқонунӣ дар дасти аҳолӣ нигоҳдошташаванда ҳам, ки бо фармонҳои Президенти мамлакат сурат мегирифт, ба ҳамин мақсад ва инчунин, ба пешгирии минбаъдаи ҷиноятқорӣ равона гардида буд.***

Шумо ба ҳаёти мо назар кунед. Озодии сухану матбуот, озодии афкору андеша ва ҳадафҳои сиёсӣ, озодии таъсиси ҳизбҳо, озодии интихоботӣ, озодии парастиши динҳо, озодии гирдиҳамоию роҳпаймоиҳо ва монанди инҳо. Ҳамаи аслҳои демократии мазкур, ки дар Сарқонун ифода ёфтаанд, таҳкурсии оштии миллӣ, ризоияти миллӣ ва ваҳдати миллӣ мебошанд. Қабули муқарраротӣ мазкур тавассути Сарқонун раванди оштии миллиро тезонида, суботи ҷамъиятию сиёсиро барои ҳамеша таъмин гардониданд.

Баъдтар дар асоси шартҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба матни Сарқонун тағйиру иловаҳо ворид карда, онҳо бо раъйпурсии умумихалқӣ соли 1999 якдилона қабул гардиданд. Ин дигаргуниҳо пояҳои демократии ҷомеаамонро қавитар сохтанд. Ҳизбу ҷунбишҳое, ки сабабгори сар задани ҷанги дохилӣ шуда, фаъолияташон бо ҳукми Суди Олӣ манъ шуда буд, аз нав иҷозати амал гирифтанд. Дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ягона қувваи сиёсии диниест, ки аз тарафи давлат барояш иҷозати кори озодона фароҳам шудааст.

Ҳамин тавр Эмомалӣ Раҳмон ба ваъдаҳои дар оғози фаъолияти давлатдорӣ додаи худ вафо кард: гурезаҳоро ба хонаю кошонаҳояшон бозгардонд, ҷангро хотима бахшид, ба мардум оштии миллиро ҳадя намуд, давлати демократию ҳуқуқбунёди Тоҷикистон ва ваҳдати миллиро пайваста такмил бахшида, имрӯз кишварамон ва халқи саодатманди онро бо амри росих ба сӯи ободию шукуфтанҳо раҳнамоӣ дорад.

Соли 1996 бо ташаббуси Сарвари давлат Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон қабул гардида буд, ки мақсадаш дар роҳи ҳадафҳои умумимиллӣ ба ҳам овардани ҳамаи иттиҳодияҳои сиёсию ҷамъиятии кишвар, бо роҳи сулҳу созиш ҳал намудани ҳамаи мушкилоти ба миёномада буд. Ба ин аҳднома 30 ҳизбу ҷунбиш ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамроҳ шуданд. Ҳамзамон Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон аз таъсиси хеш мужда дод, ки он ҳам ба хотири таъмини ризоияти миллист. Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мунтазам масъалаҳои дар ин замина пайдошударо мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Он зиёда аз 50 ҳизбу ҷунбиш ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар бар гирифта , ҳайати аъзо раёсати онро ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вогузор кардаанд.

Оштии миллӣ дастоварди бузурге гардид, ки кишвари тозаистиқлоли моро аз хатари парокандашавӣ наҷот дод. Аммо он наметавонист ба тӯли дарозмуддат суботу оромиро дар ҷомеа таъмин кунад, фазои мусоиди сиёсиро барои рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат фароҳам биоварад. Ҷомеаи кишвар ба сатҳи болотари камолоти ғоявию сиёсӣ ва маънавию фарҳангӣ зарурат дошт.

Ба ин хотир дар ҷараёни таҳақуқи оштии миллӣ аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати нав, сиёсати ваҳдати миллӣ ба миён омад, ки мебоист ҷомеаи моро ба ҳамин дараҷаи нави сифатӣ бирасонад. Таъсиси Ҳаракати сартосарии ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, инчунин Шӯрои ҷамъиятии назди Президент, ки болотар аз ин ниҳодҳо ёд овардем, ҳарду бо иқдоми хирадмандонаи Сарвари давлатамон рӯйи кор омада буданд, натиҷаҳои амалии татбиқи сиёсати мазкур маҳсуб мешаванд. Ин созмонҳо, ки аъзои худро дар заминаҳои аҳдофи умумимиллӣ муттаҳид гардондаанд, давоми солҳои фаъолият рисолаташонро доир ба таҳкими ғояҳои ваҳдати миллӣ дар ҷомеа, тарбияву ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии мардумамон, баррасии дастаҷамъонаи масоили мубрами умумимиллӣ бо ширкати фаъолонаи тамоми нерӯҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон сарбаландона ба ҷо овардаанд.

Вале ташаккули эҳсоси ягонагии мардум, таҳкиму тақвияти ваҳдати миллӣ кори пурмашаққати бардавомест, ки ду даҳсолаву се даҳсола ҳам барои иҷрои муваффақонаи он басандагӣ намекунад.

Аввалан ин, ки ваҳдати миллӣ бо паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа алоқамандӣ дорад: ҳам бо сиёсат, ҳам бо иқтисоду иҷтимоъ, ҳам бо тарбияву фарҳангу маънавиёт, ҳам бо ҳолати рӯҳиву равонии аҳли ҷомеа… ва ғайра. Яъне, он вазифаест, ки паҳлуҳои басо гуногунро дар бар мегирад. Шумо бубинед, ки барои иҷрои танҳо як вазифа аз ин силсила, тавассути шабакаҳои нақлиётӣ бо ҳам васл намудани маҳаллу минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ берун овардани кишвар чӣ қадар вақту имконият сарф шудааст. Ва ин кор ҳанӯз идома дорад. Таҳкими равандҳои демократӣ, ислоҳоти идораи давлатӣ чӣ? Ҳамаи инҳо вазифаҳои мураккаби бардавомеанд, ки бо ин ё он восита ба таҳкими ваҳдати миллии мо таъсири судбахш доранд.

Сониян, дастёбӣ ба ваҳдати миллӣ бо мушкилоте рӯ ба рӯст, ки агар баъзеҳояшон ҳамин дирӯз ба миён омада бошанд, решаи баъзеи ин мушкилот дар умқи садсолаҳои таърих нуҳуфтааст. Тоҷикони имрӯза, мисли бисёр халқҳои дигари дунё, дар заминаи омезиши тамаддунҳои мухталифи таърихӣ ба вуҷуд омадаанд. Мо ворисони тамаддуне ҳастем, ки ин садсолаҳо пеш чун халқҳову давлатдориҳои алоҳидаи Суғд ва Бохтар дар ин сарзамин вуҷуд доштанд. Ва ҳарчанд муддати мадиде гузаштаасту сулолаҳову давлатдориҳои бешуморе дар қаламрави мо пайдо шудаву нопадид гардидаанд, забони ягона, миллати ягона, давлати ягона ташаккул ёфтаанд, касе гуфта наметавонад, ки эҳсоси тафовут имрӯз ба тамом аз миён рафта бошад. Баъдан, ҳарчанд дар заминаи забонҳои суғдиву бохтарӣ забони ягонаи тоҷикӣ ташаккул ёфт, давлатҳои ягона ҳам буданд, бисёр мавриди мардуми маҳаллҳои гуногуни Тоҷикистони имрӯза дар ҳайати мулкҳои алоҳидаи ниммустақил зиндагӣ доштанд. Чунин вазъият ба ваҳдат мусоидат намекард. Шароит, иқлими кӯҳистон робитаи миёни мардуми минтақаҳои кишвар, ташаккули бозори ягонаи хоҷагӣ ва фарҳанги умумиллиро душвор мегардонд.

Давлати Шӯравӣ ҳам масруфи амалӣ намудани ғояи хаёлии "умумияти нави таърихии мардум", "халқи шӯравӣ" ба ташаккули умумият ва ваҳдати миллии халқҳои дар ҳайаташ қарор дошта манфиатдор набуд, балки баръакс, ҷое имкон дошт, "ҷудо куну ҳокимият рон"-ро шиор менамуд.

Ҳамин тавр, ваҳдати миллӣ бори нахуст баъди таъсиси давлати мустақили Тоҷикистон ва ба сари қудрат омадани марди сарсупурдаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ба сиёсати ҳадафманди давлатӣ табдил шуд. Сабақҳои талхи ҷанги дохилӣ, ташаккули давлатдории навини тоҷикон бар пояи асосҳои демократӣ ваҳдати миллиро аз вазифаҳои умдаи давр қарор доданд.

Воқеан ҳам, озодиҳои афкору майлҳои сиёсӣ, бисёрҳизбият, озодӣ дар диндорӣ, озодии намоишу гирдиҳамоиҳои оммавӣ, интихоботи шаффофу афзалиятҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявии моанд, ки бидуни ваҳдати миллӣ ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандию ватандорӣ, бидуни арҷгузории арзишҳои умумимиллӣ метавонанд ҷомеаро ба харאҷу марҷ рӯ ба рӯ сохта, миллатро ба парешонию, давлатро ба нобудӣ мувоҷеҳ гардонанд.

Замона даҳсолаҳои охир болои таҳдидҳои номбурда, ба ҳастии ваҳдати миллиамон хатарҳои наврo зам намуд. Он ҷаҳонишавӣ аст, ки баробари таъсири мусбӣ ба ҳаёти давлатҳову кишварҳо бисёр пайомадҳои манфиро низ сари ҷомеа бор мекунад. Терроризму экстремизм аст, ки имрӯзҳо чун хори мағелон иддае аз давлатҳои ҷаҳони исломро печонда гирифта, шаҳру деҳаҳои ободро ба харобазорон табдил додааст ва домани ҷиноятҳои гӯшношунидаш нуқтаҳои нав ба нави оламро фаро мегирад. Инҳо ҳама таҳдидҳои ҷиддӣ ба асолати миллӣ, арзишҳои миллӣ ва давлатдории миллӣ ба шумор меравaнд.

Намешавад гуфт, ки ин хатарҳо аз мо дуранд. Ҷаҳони имрӯза марзҳову сарзаминҳоро намедонад. Дастаҳои хуношоми террористӣ дар Сурияву Ироқ аллакай иддае аз ҷавонони ноогоҳи моро низ бо шиорҳои дурӯғини исломӣ ба сафҳои хеш кашидаанду онҳо қатори хоҷагонашон дар давлати бегона бар зидди мусалмонони бегуноҳ меҷанганд. Бехабар аз он, ки онҳо, мисли тамоми ин гуна дастаҳои ба истилоҳ "Давлати исломӣ", бозичаи дасти бозигарони моҳири ҷаҳонӣ буда, дар он ҷойҳо фақат барои амалӣ сохтани ниятҳои пасипардагии геополитикии эшон дар набарданд. Тафриқа дар ислом, зиддиятҳои кӯҳнаи мазҳабӣ боз ҳам барои ҷанг андохтани мусулмонон, барангехтани низоъ миёни мазҳабҳои шиаву суннӣ, миёни исломи кӯҳнагарою исломи навгаро мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Мо бояд ҷомеаамонро аз ин вартаи хатарнок эмин бидорем. Василаи аз ҳама қавӣ дар муқобили он ваҳдати миллист. Ваҳдати миллӣ бошад, тавассути худшиносиву худогоҳии миллӣ, таҳкими эҳсоси ватандорӣ ба даст меояд, ки ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дар ин роҳ талош бикунад. Дониш биомӯзад, таърихи миллатро аз худ кунад, аз Ислом, техникаву технология бохабар бошад, равандҳои ҷаҳони муосирро сарфаҳм биравад. Ҷамъи ин донишҳо бошад, дар ниҳоди мо таҳаммулгароиро парвариш медиҳад. Таҳаммулгароие, ки саропои таълимоти пешвои бузурги диниамон Имом Абуҳанифа ва мазҳаби ҳанафии роиҷкардаи ӯро фаро мегираду тоҷикон мисли бисёр халқҳои дигари дунё аз пайравони ин мазҳаб мебошанд.

Инҳо ҳама умқи сиёсати Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар масъалаи таҳкими ваҳдати миллӣ, суботу оромии ҷомеа аз давраи оғози ба маснади Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардидан ташаккул додаанд. Инҳо ҳадафҳои волое мебошанд, ки Сарвари давлатамон дар роҳи онҳо ҳамеша собитқадамона талош кардааст ва зарурати ба ин ҳадафҳо расиданро дар ҳар суханронӣ пайваста таъкид намудааст.

Аслан бигирем, адлу инсоф, таҳаммулгароӣ, демократияву қонуният мафҳумҳои ба ҳам наздиканд. Эмомалӣ Раҳмон бошад, сиёсатмадорест, ки садоқаташро ба ин асосҳои олии давлатдорӣ ба таври барҷаста нишон додааст ва собит кардааст, ки ин аслҳо дар сиришти ӯ, дар бунёди ӯ ҷойи маҳкам доранд.

Дар зиёда аз 20-сола таърихи давлатдории мо пастию баландиҳои зиёде буданд. Мо борҳо шоҳид гаштаем, ки гоҳ аз ин ҷониб ва гоҳ аз он ҷониб муддаиёне сар мебардоштанду талоши пушти по задани қонуну вайрон кардани адолат ва хатти эътидолро доштанд. Аммо ба туфайли садоқати Сарвари давлатамон ба демократияву қонуният, ба инсофу адолат ва таҳаммулгароӣ ҳар яке, новобаста аз хизматҳои гузашта, ҷой ва ҷавоби шоистаи хешро пайдо намудаанд. Ин сиёсат кафили оромию осудагии ҷомеаи мо ва роҳест, ки мардуми Тоҷикистонро ба саодату хушбахтиҳои бардавом мерасонад.

# ОМИЛИ ПЕШРАФТУ ШУКУФОӢ

***Солҳои навадуми асри гузаштаро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳем кард. Баъзи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ комилан фалаҷ шуда, фазоро абрҳои тира, вуҷуди мардумро яъсу ноумедӣ фаро гирифта буд. Фардо чӣ мешавад, касе намедонист. Оташи қаҳру ғазаб ва ҳисси бадбинию бадхоҳӣ боло гирифта, оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ боис шуд, ки дар натиҷа ҳазорон нафар ҳамдиёронамон куштаю қариб як миллион нафар фирорӣ шуданд.***

**БА** Тоҷикистон хатари аз харитаи ҷаҳон нест шудан таҳдид мекард. Дар ин вазъияти тақдирсоз сарваре лозим буд, ки оташи қаҳру ғазабро фурӯ нишонад, мардумро ба ҳам орад, мамлакатро аз буҳрони вазнин раҳо бахшад.

Бори ин масъулиятро дар ҳамин давраи басо душвор ҷавонмарди шуҷою далер Эмомалӣ Раҳмон ба дӯш гирифт. Моҳи ноябри соли 1992 намояндагони мардум дар Иҷлосияи ғайринавбатии 16-уми Шӯрои Олӣ, ки дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, ӯро ба ҳайси Сарвари Тоҷикистон интихоб карданд.

Сарвари ҷавон дар нахустин савгандаш ба мардуми Тоҷикистон аз ҷумла гуфта буд: "Тамоми донишу малакаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад ҷонамро нисор мекунам." Вақт нишон дод, ки Эмомалӣ Раҳмон ба ин ваъдаи додааш устувор монд. Ӯ аз рӯзҳои аввали фаъолият барои расидан ба сулҳу оромӣ роҳҳои ҳалли ихтилофро дар ҷомеа дар гуфтушуниди муслиҳатомези Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин медид ва барои амалӣ шудани ин нақша саъю талошҳо меварзид. Ҳамин тавр, раванди сулҳи тоҷикон охири соли 1993 оғоз ёфт.

16 январи соли 1994 Сарвари давлат дар муроҷиатномаи худ барои ба Ватан баргаштани ҳамватанони ба хориҷа фирор карда таъкид намуд: "Бародар аз пайи кини бародар намеравад. Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯзу фардо боз хоҳед гашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро обод, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард". Ин суханони Сардори давлат ба дили ҳамагон дубора шуълаи умедро фурӯзон кард.

Гуфтушуниди ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсияи тоҷик (ИНОТ) барои расидан ба сулҳ дар кишварҳои гуногун то соли 1997 идома ёфт ва ниҳоят, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ" ба имзо расид.

Аз он сол то ба имрӯз ҳамасола 27 июн ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷашн гирифта мешавад.

Сулҳу ваҳдат иборaест, ки баробари шуниданаш вуҷуди касро эҳсоси хушнудӣ фаро мегирад, зеро мо ба умқи ин мафҳум ва муҳим будани он пас аз душвориҳои сангине, ки аз сар гузаронидаем, хуб сарфаҳм меравем.

Бале, ба шарофати сулҳу ваҳдат ва талошҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон миллати парешонгашта дубора сарҷамъ омад, ҷумҳурӣ обод шуд, рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ овард.

Имрӯз шукрона аз он мекунем, ки ниҳоли Ваҳдати миллӣ ба дарахти азиме табдил ёфтаасту аз меваҳои шаҳдбораш коми ҳамдиёрон ширин мешавад ва мардум бо дили пур ба сӯи фардо қадам мегузоранд.

**Рустам СОЛЕҲОВ,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ*



# ТАВОНОӢ ВА ХУШБАХТИИ ҲАР ЯК МИЛЛАТ АЗ ВАҲДАТ АСТ

***Ваҳдати миллӣ сутуне мебошад, ки давлат ва миллати моро пойдору устувор нигоҳ медорад ва вазифаи муқаддаси ҳамаи мо аз он иборат аст, ки бо заҳмати созанда ин пояи давлатдории миллиамонро боз ҳам таҳким бахшем.***

**Эмомалӣ РАҲМОН**

19 -уми майи соли ҷорӣ дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 18- умин солгарди Ваҳдати миллӣ бо иштироки меҳмонон, кормандони Агентии хизматии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, устодон, омӯзгорон, унвонҷӯён ва донишҷӯён ҷаласа баргузор гардид.

Ба ҷаласа ректори Донишкадаи мазкур Лутфия Абдулхолиқзода ҳусни ифтитоҳ бахшида, меҳмононро хайрамақдам гуфта, аз ҷумла зикр кард: **"27 июни соли 1997 ба таърих ҳамчун замони нави ташаккулёбии давлатдории Тоҷикистон ворид гашт. Ин иди фархунда тимсоли сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва осоиш дар ҷамъиятамон, боиси эҳёи маънавию иқтисодии кишвар, масъулияти умумии мо барои ҳаёти ҳозираву ояндаи дурахшони Тоҷикистон аст".**

Бале, Ваҳати миллӣ яке аз дастовардҳои кишвари соҳибистиқлол буда, Тоҷикистони азизи мо 18 сол аст, ки соҳиби ин санади муҳим гардидааст. Мо имрӯз танҳо бо ҳамдигарфаҳмиву ҳаммаромӣ ва заҳмати созанда метавонем бо ифтихор миллати худро, ки дар таърихи башар ҳамчун миллати сулҳпарвару адолатхоҳ шинохта шудааст, ба ояндаи дурахшон ҳидоят созем.

Дар чорабинӣ меҳмонон дар мавзӯи дастовардҳои кишвар, ваҳдати миллӣ, арҷгузорӣ ва эҳтироми он баромад намуданд. Аз ҷумла, узви пайвастаи Академияи педагогӣ ва иҷтимоии Русия, профессор- Нодир Одилов дар мавзӯи "Ваҳдати милӣ ва эҳёи Тоҷикистон", доктори илмҳои фалсафа, профессор, декани факултети фалсафаи ДМТ Рустам Назаров дар мавзӯи "Мафҳуми калидии мавзӯи миллатсозӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ ( бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллии тоҷикон)" баромад намуда, инчунин донишҷӯёни Донишкадаи идоракунии давлатӣ дар васфи Ватан - Модар ва Ваҳдати миллӣ шеърҳо қироат карданд.

**Гулҳаёи МАДИМАР**

**Ба таваҷҷуҳи аъзои Комиссияи давлатии қабули роҳи автомобилии Душанбе-Турсунзода**

# РОҲЕ, ки ҳанӯз МУШКИЛОТ ДОРАД



***Ба иттилои ОИ "Авесто" (09.06.2015) дар даҳаи аввали моҳи июли соли равон Комиссияи давлатии қорӣ роҳи автомобилгарди Душанбе - Турсунзодаро қабул мекунад. Таҷдиди роҳи мазкур ҳанӯз моҳи октябри соли 2011 оғоз гардида буд. Барои сохтмони он Бонки осиёии рушд 120 миллион доллар грант ҷудо кардааст. Саҳми Ҳукумати Тоҷикистон дар лоиҳаи мазкур 11,2 миллион доллари ИМА мебошад.***

**ФЕЪЛАН** роҳи мазкур аз роҳи қаблӣ гӯё ду маротиба васеъшуда, аз 4 хати ҳаракат иборат аст. Яъне, ҳоло ба як самт ду мошин метавонад ҳаракат кунад. Қаблан бошад, роҳи мазкур ҳамагӣ аз ду хати ҳаракат иборат буд. Вале он вақт паҳнои роҳ нисбат ба ду хати ҳаракат васеътар буд ва дар он се автомобил меғунҷид. Аз ду канори роҳ боз ба ғунҷоиши як мошин роҳи асфалтнашуда барои таваққуфи нақлиёт пешбинӣ шуда буд. Ҳоло бошад, аксаран канори роҳ (обочина) ба истиснои аз гардиши Шоҳамбарӣ то нишеби хоҷагии Ватан ва деҳаи Мортеппаи ноҳияи Ҳисор хеле танг буда, барои нигоҳ доштани мошин мувофиқ нест, зеро он бо ҷӯйбор (обпарто), ки болояш бо тахтабетончаҳо пӯшонида шудаанд, пайваст аст. Ин имконият намедиҳад, ки мошинҳо дар канори роҳ ист кунанд. Агар мабодо мошини бисёрвазн дар канори роҳ истад, аз вазни он шикастани бетончаҳои болои ҷӯйи канори роҳ эҳтимол дорад. Ҳамчунин, на дар ҳамаи самти ҳаракат чунин канори роҳ мавҷуд аст. Бинобар ин, ҳангоми исти як мошин дар қатори якуми роҳ ронандаи мошине, ки аз пас меояд, маҷбур аст, биистад ва холӣ шудани хати дуюми ҳаракатро, ки аксаран сермошин аст, интизор шавад. Бояд гуфт, ки дар роҳи кuҳна дар ҳар ду тарафи роҳ барои манъи мошинҳо дар канори роҳ, ки асфалтпӯш набуд, ҷой гузошта буданд ва мошинҳо метавонистанд аз роҳ баромада истанд ва ин ба ҳаракати мошинҳои дигар халал ворид намекард.

Роҳи Душанбе - Турсунзода асосан аз байни маҳалҳои аҳолинишин мегузарад. Мушкилоти асосӣ ҳам дар он аст, ки ҳангоми роҳро бо конструксияҳои металлӣ ба ду қисми ҳаракат ҷудо кардан, манфиати сокинони маҳалҳо ба инобат гирифта нашудааст. Акнун сокинони мошинсавори маҳалҳо барои ба деҳаҳои худ ворид шудан маҷбуранд, ки аз 500 метр то 1,5 километр ба пеш рафта, пас боз ҳамин масофаро ба ақиб баргарданд. Зеро бозгашт (разворот)-ҳо дар ҳамин хел масофаҳои дур гузошта шудаанд. Масалан, ҳангоми аз шаҳри Душанбе ба хона баргаштан сокинони деҳаи Узуни ноҳияи Шаҳринав бояд то охири деҳаи Чузӣ рафта, пас гарданд, ки ин аз 2 км ҳам зиёдтар мешавад. Ин ҳам дар ҳолест, як қитъаи роҳ аз охири деҳаи Чузӣ то деҳаи Кофирқалъа ҳоло маҳкам карда нашудааст. Агар ин қитъаи роҳ низ маҳкам карда шавад, он вақт мошиндорон боз қариб ду километри дигар ҳаракат мекунанд. Дар ҳамин маҳал сокинони деҳаҳои Чузии Боло (Наврӯз), Элокӣ ва Хуҷии Боло, ки дар қисмати шимолии роҳи мошингард ҷойгиранд, агар аз ҷониби Шаҳринав ё Турсунзода баргарданд, маҷбуранд, то охири деҳаи Узун (саршавии деҳаи Хӯҷагулпӯш) рафта, бозпас гарданд. Яъне, сокинони ин маҳалҳо низ барои вориди деҳаи худ гаштан маҷбуранд, ки аз 1 то 2 километр роҳро беҳуда тай кунанд. Аз чунин амали нодурусти роҳсозон ҳам вақти мардум барои бозгашт беҳуда сарф мешавад ва ҳам хароҷоти сӯзишвории нақлиёт меафзояд. Зеро ҳар як ронандаи сабукрав барои бозгашт дар ин роҳ аз 10 то 30 грамм сӯзишвории иловагӣ масраф мекунад. Ҳар рӯз аз Душанбе то Турсунзода даҳҳо ҳазор нафар сокинону меҳмонон бо мошинҳояшон ҳамин зайл ба маҳаллаҳои аҳолинишин вориду хориҷ мешаванд. Агар ба ҳисоби миёна теъдоди мошинҳоро 10 ҳазор адад гӯем, пас дар як рӯз аз бозгашти ноҷо мошинҳо 300 литр сӯзишворӣ харҷ мекунанд, ки он дар як сол ба 109,5 тонна баробар аст. Агар як литр сӯзишвориро ба ҳисоби миёна бо нархҳои имрӯза 5 сомонӣ гирем, пас дар як сол сокинон 547 ҳазору 500 сомонӣ беҳуда масраф мекунанд. Бинобар ин, камбудии мазкурро ислоҳ карда, бозгашт (разворот)-ҳоро дар ҷойҳои қулай барои сокинони маҳалҳо сохтан лозим аст, то мардум беҳуда роҳро тай накунанд.

Бояд гуфт, ки роҳи мазкур роҳи босуръат нест, зеро он аксаран аз дохили маҳаллаҳои аҳолинишин, назди мактабҳо мегузарад ва мувофиқи қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо суръати ҳаракати нақлиёт дар маҳаллаҳои аҳолинишин то 60 км соат ва аз ин ҳам пасттар муқаррар карда мешавад. Бинобар ин, сохтани бозгаштҳо дар деҳаҳо суръати ҳаракати мошинҳоро паст намекунад. Ин ҷо фақат дар бозгаштҳо хати иловагии паст кардани суръат ва ё таваққуф намудани нақлиётро сохтан лозим аст.

Воқеан, акнун ронандаҳои беодоб аз тахту ҳамвор будани роҳ сӯиистифода намуда, қоидаҳои ҳаракатро дағалона вайрон мекунанд ва бо суръати баланд - аз 80 то 120 км дар як соат ҳаракат мекунанд. Дар натиҷа амнияти роҳгузарон ва мусофирони нақлиёт зери хатар қарор дорад. Набудани чароғакҳо дар гузаргоҳҳо имкон намедиҳад, ки пиёдагардон роҳро бехатар убур кунанд. Бинобар ин, барои бехатар шудани ҳаракат дар роҳи мазкур гузоштани чароғакҳои роҳнамо ва насби видеокамераҳои назоратии суръатсанҷ мувофиқи мақсад аст.

ОИ "Авесто" хабар медиҳад, ки то моҳи июни соли равон аз маблағи умумии лоиҳаи таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе - Турсунзода, ки 131,2 миллион доллари ИМА аст, ҳамагӣ 94,9 миллион доллар ё 72,3 фоиз масраф гаштааст. Аз ин мебарояд, ки аз сохтмон беш аз 30 миллион доллар маблағ сарфа шудааст. Оқилона мебуд, ки аз маблағи мазкур барои ислоҳи камбудиҳое, ки номбар шуд, истифода мекарданд.

Набояд фаромӯш кард, ки роҳҳо барои беҳбудӣ ва некӯаҳволии мардум сохта мешаванд. Бошад, ки ин нуктаро масъулин ҳангоми қабули роҳи мошингарди Душанбе - Турсунзода ба инобат бигиранд.

**Ҷовид МУҚИМ,**
*журналист*

---

## *САФАРНОМАҲО:*

# АЗ САЪДӢ ТО КАБИРӢ

**САФАРРО** мактаби дунёдидану таҷриба андӯхтан хонанд. Бо шарте, ки мусофир дар хориҷ бартарияту беҳтарин хислатҳои хоси миллати хешро муаррифии дигарон созаду некӯтарину созандатарин дастовардҳои дигаронро ҳамчун намунаи ибрат барои беҳбудии рӯзгори ҳамватанони хеш тавсия созад. Саъдии бузургвор қойил аст, ки осори мондагори пандуахлоқиаш маҳз аз натиҷаи сафарҳои зиёд шакл гирифтаанд:

***Таматӯъ зи ҳар гӯшае ёфтам,***
***Зи ҳар хирмане хӯша***
***бардоштам... .***

Замоне фарзанди барӯманди халқи тоҷик устод Мирзо Турсунзода аламбардори Шӯравии абарқудрат буду дар ҳама гӯшаҳои сайёра сиёсати давлати хешро густариш медод. Дар баробари дигар миллатҳо ончунон хешро иродатманду соҳибғурур медид, ки "шодам, аммо меҳрам ғамҳои халқи дигаре" мегуфту бо ифтихор месуруд, ки:

***Ман кунун аз мулки***
***хуррам омадам,***
***Чун вакили халқи***
***аъзам омадам... .***

Имрӯз ҳам вакили дирӯзаи мо, роҳбари як ҳизби сиёсии кишвар Муҳиддин Кабирӣ ҳамеша дар сафар аст. Нисфи умраш дар фазо сипарӣ мешавад. Ба ғарбу шарқ дар парвоз асту ба шимолу ҷануб. Вале тафовути ин сафарҳо бо сафарҳои он бузургони миллат, ки дар боло зикрашон рафт, чунонест миёни осмону замин. Муҳиддин Кабирӣ ҳар куҷо, ки меравад, арзу шикоят ҳамсафари ӯянд. Дар умраш аз пешрафту рушди Ватанаш забон намекушояд. Мисли он, ки дар бойгонии луғавии каломаш танҳо вожаҳои фишор, таъқиб, адами озодбаёнию демократия, режимҳои худкома ва монанди инҳо сабт шудаанду бас. .

Боиси тааҷҷуб аст, вақте инсоне чун Кабирӣ, ки ҳизберо дар ихтиёр дорад, 10 соли умраш пушти курсии роҳати парлумон паси сар шуд, чандин ширкаташ дар ин давом озодона фаъолият доранду садҳо ҳазор доллар ба ҳазинаи шахсиаш мерезанд, фарзандонаш дар макотибу донишгоҳҳои бонуфузтарини дохилу хориҷ муҳассиланд, аз нигоҳи зиндагии хонавода ва маишати дунявӣ (манзурам хонумҳои ҳозиразамон) пурра таъмин аст, чаро ҳамеша аз фишор мегӯяду аз тазйиқ ва боз даст пеши бегонагон дароз мекунад. Кошки Худованд чунин "фишор"- ҳоро насиби чун мане - бандаи ниёзмандаш мегардонид. Умре даст дар гиребон шукргузорӣ мекардаму сари суҷуд аз ибодаташ баланд намекардам. Бо ин ҳама ақлу фаросат, Кабирӣ оё то ҳол бовар мекунад, ки барои чунин шикоятҳо ташаккураш мегӯянд? Шояд шахсан барои худаш ҳамчун паҳнкунандаи ақидаҳои динӣ-мазҳабӣ (аз ҷониби шайхбачаҳои шикамсери араб) ва ғояҳои демократияву озодӣ (аз тарафи садҳо институтҳои инсамтаи ғарбӣ, ки ҷуз пешбурди фаъолияти ҷосусӣ кори дигаре надоранд) фоидае мерасад, вале барои ҳамватанонаш чӣ? Бо истифода аз шиквaҳои Кабирӣ ва ҳамҳизбонаш дар ҳисоботи моҳонаву солонаи ҳамон институтҳо номи Тоҷикистон дар қатори ҳамон давлатҳое дохил карда мешавад, ки зери навои думбраи ғарбӣ рақс намекунанд. На аз ин бештар.

Ҳоло Муҳиддин Кабирӣ баъди сафаршикояти тӯлонии навбатӣ, ки Туркияю Эрон, Арабистону кишварҳои Аврупоро дар бар гирифт, муддатест боз дар Федератсияи Русия таваққуф дорад. Дар кишваре, ки соли дуюм аст ба қазияи Украина кашида шудааст ва мавриди фишорҳои воқеии беруна қарор гирифтааст. Ӯ бояд беҳтар аз дигарон эҳсосу таваҷҷуҳ кунад, ки чӣ гуна дар ин рӯзҳо мухолифини асосӣ, воқеӣ ва парлумонии Ҳукумати Русия - Г. Зюганови коммунист, С. Миронови адолатхоҳ, В. Жириновскийи сотсиал-демократ ва дигарон манфиатҳои миллиашонро аз талабу хоҳишҳои ҳизбӣ - гурӯҳӣ боло гузошта, дар гирди Президенти кишварашон муттаҳид гаштаанд. Чӣ гуна ин мардум ҳассосияти лаҳзаи таърихиро дарк карданду ҳақиқати "давлат ҳама з-иттифоқ хезад"-ро шиор.

Не, намебинад. Дар ҳамин ҷо ҳам, дар конфронсе, ки ташкилкунанда ва маблағгузораш Бунёди Корнегӣ дар Маскав аст, боз бар сари миллати худаш борони сиёҳи тухмату ғайбат мерезад.

Сад афсӯс, ки Кабириҳо ғурури Турсунзодаро, ки дар баробари дигар қавмҳо таҷассуми тавонмандии миллат буд, ба нестӣ кашида истодаанд. Ҳар куҷое, ки сафар мекунанд теша бар решаи ҳайсияти миллии хеш мезананд. Кӯшишашон ҳарчӣ бештар бечораю ҳақир нишон додани худ аст. Мисли талбандае, ки сер ҳам шуд, аз ғуломӣ бар нафси одаткардааш, боз металабаду металабад. Танҳо гадоёни муосир чун ақлу донишашон болотар аст, ин амалро ҷомаи дигар мепӯшонанд: иштирок дар конфронс, сафар бо даъвати бунёди..., институти..., мулоқот бо сиёсатмадор, муҳоҷир ва ғайра. Дуруст будааст, ҳар хӯйе, ки дар ниҳоди инсон ҷойгузин шуд, танҳо бо ҷон бурун хоҳад рафт.

**Сиёвуши НУРАЛӢ**

Минбари халқ
24 июни соли 2015,
№26 (1005)



*Раиси вилояти Хатлон, узви Маҷлиси Миллии парлумони кишвар Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода 30-юми майи соли равон дар ноҳияи Муъминобод қабули шаҳрвандон ва иҷлосияро бо фаъолони ташкилоту муассисаҳо ва мақомотҳои давлатии ҳокимияти маҳаллӣ доир намуд.*

# РОҲБАР БОЯД ҲАМРОЗИ МАРДУМ БОШАД

**ВАҚТИ** қабули шаҳрвандон раиси вилоят иброз намуд, ки мо ба назди шумо ба рои он омадем, ҳар он чи дар дил дорем, рӯирост ва ошкоро баён бикунем, бо машварат ва кӯмаки ҳамдигар то тавонем, роҳи ҳалли мушкилотро пайдо кунем. Гуфтори самимонаи мансабдори сатҳи баланд ва дар симои намояндаи баландрутбаи ҳукумат дарёфтани мутакко ва ғамхори аҳли заҳмат муҷиби он гардид, ки мардуми кӯҳистон аз мушкилоти дар зиндагиашон ҳамсафар ошкоро арзи ҳол намуданд.

Проблемаи асосие, ки ҳаллу фасли онро ба диққати волии вилоят бозгӯ намуданд, ба манзил ва қитъаи замин барои хонаҷо таъмин намудани бошандагони эҳтиёҷманд буд. Тибқи нақли аҳли заҳмат дар замони соҳибистиқлолӣ дар ҷамоатҳо ба таври бояду шояд мушкилотро нодида гирифтанд. Ва бисёр вақт мавриди ҷудо гардидани қитъаҳои замин бо ин мақсад на ба таври мунсифона, балки аз рӯи муомилоти тоҷикона "Аввал хеш, баъд дарвеш" муносибат мекарданд. Мутасаддиёни замини ноҳия ҳатто даст ба заминфурӯшӣ заданд ва чанде аз онҳо бо ин сабаб ориятнишини зиндон низ гардиданд. Маълум, ки беинсофӣ ҳарҷо ки реша давонд, ҳамвора ба одат табдил меёбад. Ва тарки одат кардан бошад, балои ҷон аст, мегӯянд.

Баррасӣ ва таҳлили ин масъалаи муҳим нишон медиҳад, ки ҳукумати ноҳия дар амалӣ гардонидани вазифаи ҷонии хеш - сари вақт қабул намудани шаҳрвандон ва мутобиқи талаботи Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ба арзу доди халқ сари вақт расидагӣ намуда, дар симои намояндаи Президент мутакко ва ғамхори худро ҳаматарафа эҳсос нанамуда истодаанд. Мутасаддиёни ҳокимияти давлатии ноҳия ба ҷои муроҷиати мардуми кӯҳистонро дар маҳал иҷро намудан бе ҳеҷ сабаби узрнок талаби онҳоро ба марказу вилоят ҳавола месозанд. Мисоли равшани ин беэътиноӣ арзу шикоятҳои зани танҳо А.Зоирова мебошад.

Ин модар дар даврони ноороміҳо дар бинои истиқоматии беморхонаи марказӣ сарпаноҳ ёфта,ба ҳайси фаррош кор мекунад. Пас аз рухсатии ҳомиладорӣ ва тарбияи кӯдаки навзод роҳбарияти касалхона қонунҳои амалкунандаро сарфи назар намуда, на танҳо модарро ба ҷои кори пештарааш қабул намекунад, балки талаби холӣ намудани манзилро ба миён мегузорад.

Зан чор фарзандро танҳо тарбия мекунад. Ба арзу доди вай на ҳукумати ноҳия, на мақомоти ҳифзи ҳуқуқ намерасанд.

Ин чӣ бедодгарист?!

Дар ноҳияе, ки садҳо соҳибкорони соҳибсарват дораду шумораи ҳоҷиёнаш ҳамасола дар афзоиш аст, чаро хайрандеше пайдо нашуд, ки ба кӯдакони ятим раҳм бикунад. Ин чӣ мусулмонист?

Ҷабрдида аз ночорӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президент ва ҳукумати вилоят арзи ҳол намудааст. Моҳияти Фармони Президенти кишвар дар бораи соли оила эълон шудани соли 2015-ро дар ноҳия магар ҳамин тавр истиқбол карданд? Мушкилоти тарбияи фарзандон, мустаҳкам сохтани оилаҳои ҷавон бешак имрӯз ба дастгирии давлатӣ ниёз доранд. Кормандони мақомотҳои давлатӣ, муҳофизони ҳифзи ҳуқуқ сахт муваззафанд, ки дар ин росто бештар кор бикунанд.

Ҳеҷ кадоми мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки дар вазифаҳои пурмасъул кор карда, чунин мушкилоти шаҳрвандонро нодида гирем. Бинобар ин, хоҳари азизро дар муддати як моҳ ба ҷои кори пештарааш барқарор намуда, манзили амонатиашро ба номаш ҳуҷҷатгузорӣ намоед. Ҳамчунин фарзандонашро ба таври ройгон дар парваришхонаи маркази ноҳия ҷой бидиҳед. Дар муддати як моҳ аз натиҷаи иҷрои супориш шахсан ба номи ман ҳукумати ноҳия ахборот пешниҳод намояд, - афзуд Гулмаҳмалзода.

Ин илтифоти раисро нисбат ба модар аҳли толор бо чаппакзании пурмавҷ пазироӣ намуданд.

Зимни қабули мӯъминободиҳо Д.Гулмаҳмадов аниқ кард, ки бозингарони замини музофот аз ҳама бештар ба талаби омӯзгорон беэътиноӣ мекунанд. Азбаски ин табақа ҳуқукҳои худро хубтар медонанду бе чоплусӣ ва маблағваъдакуниҳо дар асоси имтиёзҳои муқаррар намудаи давлат ҳақталабӣ мекунанд, ошашон ба заминсозон намепазад.

Ин падидаи номатлубро сиёсатмадори сатҳи баланд бадбахтии миллату зимомдорон маънидод намуд. Ба зиммаи мактабу муаллим меъмории насли инсон меистад. Бинои зебою мунаққаш бо завқу шавқи илҳомхези ҳунарвар зебу зиннати ғароиб касб мекунад. Бихоҳем, ки бачаҳоямон бароямон камтар проблемасозӣ бикунанду дар зиндагӣ ростгӯӣ, меҳанпарастӣ поквиҷдонӣ ва хоксориро пеша карда бошанд, мебояд қадру манзалати омӯзгоронро мисли замони шӯравӣ баланд бардорем, таъкид кард раис. Барои ҳамин ҳам дар гирифтани замин барои манзил замин барои хоҷагидорӣ давлат барои омӯзгорон имтиёз муқарар намудааст. Онҳо бе навбат ва дар мавзеъҳои ба ҷои корашон наздик талабашон қонеъ гардонида шаванд.

Азбаски дар Муъминобод замин мисли водиҳо камчин нест, проблемаро ҳукумат ба дуриҳо ғоз надода, талаби омӯзгорон таъҷилан то оғози соли нави таҳсил иҷро хоҳад шуд. Дастгоҳи иҷроияи ҳукумати вилоят ҳалли масъаларо зери назорат мегирад. Ҳамзамон ба модари се фарзанд Ҳанифа Бозорова - омӯзгори қишлоқи Деҳбаланд, ҳамсари шаҳиди роҳи озодӣ дар ҷанги шаҳрвандӣ бо супориши раиси вилоят аз бинои бисёрошёнаи навсохт манзили сеҳуҷрагӣ тақдим карда шуд.

Иштирокчиёни сершумори ҷамъомади бонуфуз бори дигар шоҳиди он гардиданд, ки сиёсати ба мактабу маориф афзалияти комил додани Тоҷикистон бебозгашт буда, равандҳои самараовари таълиму тарбия дар оянда боз ҳам такмил ёфта, рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ тавассути омода намудани кадрҳои босаводу навоварон тарҳрезӣ мегарданд.

Дар қисмати дуюми ҷамъомад раиси вилоят Д.Гулмаҳмадзода аз вазъи ҷаҳони имрӯза сухан ронда, тағйироти ҷадиди сиёсати давлатҳои абарқудратро дар Ховари Миёна шаҳр дод. Аз он изҳори нигаронӣ намуд, ки дар бозии навбатии тақсимоти сарватҳои ҷаҳонӣ зиёни гӯшношунидро давлату миллатҳои хурди сайёра мебинанд.

Ба сафи нерӯҳои размандагони ДИИШ кашида шудани сокинони мамолики Осиёи Марказӣ аз зумраи ӯзбеку тоҷик, туркману қирғиз ва қазоқ боиси нигаронии маҳз аст. Ин фарзандони нохалафи муслимин фанатизми бешууронаю беақлонаро шиори худ карда, муқобили ватану модари хеш силоҳ бардоштанианд.

Бадбахтона, дар қатори ин дастаи худкуш аз замину оби ҷаннатосои Муъминобод низ махлуқони ваҳшӣ гоҳо овоз баланд мекунанд. Кӣ онҳоро ба терроризму экстремизм ҳидоят намуд, барои мову шумо маълум аст. Вале вазифаи ҳамагон имрӯз аз он иборат аст, ки эшонро ҳарчи тезтар аз олами ҷаҳолат баргардонем.

Барои бегонагон, марзу буми кишварҳои ғайр қурбон шудан девонагисту бас. Сардори давлат дар ин бахш ҳамаи чораҳоро андешида истодааст. Аз ҷумла онҳое, ки иштибоҳашонро дарк карда, изҳори пушаймонӣ мекунанд, авф карда мешаванд. Аз ин имтиёзҳо истифода баред, муҳтарам падару модарон ва фаъолони ноҳия.

Дар фарҷоми иҷлосия раиси вилоят масъулини мақомоти ноҳияро барои он интиқод кард, ки аз замину оби нодири Муъминобод дар боби равнақи соҳибкорӣ ва ғанӣ гардонидани иқтисодиёти ноҳия самарабахш истифода намебаранд.

**Ғайбулло ҲАЛИМОВ,**
*ноҳияи Муъминобод*

# МОДАР НАХУСТДОРУЛФУНУН АСТ

## Ё КӮДАКОН БО РОЛТОН ҲАМ БУЗУРГ МЕШАВАНД

Дар ҳавои форами пойтахт як бегоҳӣ қадам мезадам. Ҷавонмодареро дидам, ки бо фарзандонаш сайру гашт мекард. Писараки тақрибан се солаашро бо садои гӯшхарош ва беодобона фарёд карда ба наздам биё гуфт. Кӯдак бо табиати кӯдаконаи худ бозиву саргармияшро идома дода, ба модар аҳамият надод. Модар бошад ба сӯи фарзанди хурдаш медавиду мегуфт, "ту чаро маро нервный мекунӣ ҳа, чаро маро нервный мекунӣ!" Ва ба гиряи кӯдак нигоҳ накарда ӯро бо тамоми қувва мезаду мезад. Ин манзара барои ман мудҳиш буд. Дилам сӯхта бо эҳтиром гуфтам, шумо кӯдакро ин қадар зери лату кӯб қарор надиҳед, охир. Дар ҷавоб, "ту кори худатро карда ба роҳат рафтан гир"-ро гирифта, бо таассуфи зиёд ба роҳам идома додам.

Агар имрӯз дар мошинҳои мусофиркаш савор шавед, бо андак сухан ронанда даргир шуда бо шумо даст ба гиребон мешавад. Агар худатон ронанда бошед, дар шаҳри Душанбе аз сабаби асабоният ва рафтори шӯрапуштонаи аксар ронандаҳои ҷавон дигар аз рондани мошин дилсард мешавед. Бо фурӯшанда сухани ҳақро гӯед, бо шумо ҷанҷол мешавад. Агар ин ё он кӯдакро дар кӯча ё ҷои дигар насиҳат кунед, аз амали кардаатон ҳазор бор пушаймон мешаведу аз чанголи онҳо роҳи халосӣ меҷӯед. Хулоса, имрӯз дар ҷомеаи тоҷик рӯҳияи хашму ғазаб ва асабоният зиёд шудааст, ки ин пасманзараи ваҳиме дорад. Сабаб дар чист? Қатъи назар аз он ки мутахассисон ва дигарон дар ин масъала чӣ мегӯянд, ман аз мушоҳидаи ҳамон манзараи модар бо писари хурдсолаш ба хулосае омадам, ки сабаби асосии ин вабо, ки ҷомеаи моро фаро гирифтааст, волидайн, махсусан модар мебошад. Чуноне аз мушоҳидаҳо ба назар мерасад, аксари модарони тоҷик айёми ҳомилагӣ ва дар ҳоли рушду инкишофи кӯдак чунин асабонӣ мебошанд ва бо кӯдаки худ ин хел муомиларо раво мебинанд, ки дар натиҷа ин бемориҳои ботинӣ дар рӯҳияи кӯдак зинда гашта, рушд мекунанд. Агар қазия чунин бошад, пас мо бояд аз ҷавонон дигар гила надошта бошем ва сар фуруд оварда, ин балои азимро таҳаммул намоем. Чунки насли навраси мо дар ҳамин рӯҳия рушду нумӯ ва тарбия ёфта истодаанд, ки тағйир додани он басо мушкил мебошад. Донишмандони ҷомеашинос имрӯз ба хулосае омадаанд, ки асоси тамоми ҷиноятҳои сангин, асабоният ва хашму ғазаб мебошад.



Рӯзе бо як модари дигар ҳамсуҳбат шудам, ки ӯ аз фарзандаш шикоят намуда, ашки чашм мерехт. Писараш ба камол расидаасту модарро чандин бор аст, ки лату кӯб мекунад. Модар мегуфт: "Намедонам бо ин фарзанд дигар чӣ кор кунам, насиҳат мекунам, гӯш намекунад". Гузашта аз ин мо шоҳиди чандин фарзандоне ҳастем, ки падару модари пири худро таҳқир мекунанд ва ҳатто лату кӯб менамоянд. Агар ин қазияро ба кӯтоҳии модару падар рабт бидиҳем ва камбудиро аз ҳамин паҳлӯ ҷӯё шавем, шояд хато накунем. Аҳамият ва сарбастагии ин мавзӯъ моро водор намуд, то ба афкору андешаҳои зумрае аз соҳибназарону ҳаётхӯрдагон такя намоем. Шоир Ҳасани Муҳаммадӣ, аз мушоҳидаи чунин амалкард таассуф хӯрда, нигаронӣ мекунад. Номбурда аз умри 76-сола ва ҳаёти дидааш дар ин мавриди ибратҳо мегӯяду аз дидани муносибати ҷавонмодарони имрӯза ангушти ҳайрат мегазад: "Ман имрӯз муносибати модарони ҷавонро дида ҳайрон мешавам ва аз худ мепурсам: Оё фарзандон ҳангоме, ки ҷавону мустақил мешаванд, модарашонро бо чӣ далел ёдоварӣ мекарда бошанд, ки аз онҳо ба ҷуз хашму таҳдид, нафрату ҳақорат ва танбеҳу шаллоқ, ҳарфи дигар нашунидаанд ва ба ҷои шири сафеду пок "ролтон" хӯрдаанд. Ин тоифа модарони ин замонро ба модари худам қиёс мекунам ва ба тааҷҷуб меоям, ки аз он рӯзе худ ва ӯро шинохтам, ягон маротиба маро "ту" нагуфта буд, ҳамеша писарам, Ҳасанҷонам, аълохонам, доноям, тавоноям, мегуфт. Куҷо расад он суханони зишту қабеҳе, ки модарони имрӯза бо фарзандони худ раво мебинанд". Дар воқеъ, вазъият чунин ба назар мерасад ва проблема вуҷуд дорад, аммо пайи ҷустуҷӯ ва дарёфти авомил ва роҳи ҳалли он бештар андеша намудан манфиатовар хоҳад буд. Баъзеҳо сабабҳои ин амалкардро ба сатҳи пасти иқтисод, камбудиву норасоиҳои маишӣ ва мунокишаҳои оилавӣ рабт медиҳанд. Бо Марҷонаи Муҳаммадшариф ном модаре, ки соҳиби ду писару як духтар аст, ҳамсуҳбат шудам. Ӯ мегӯяд писари калониаш панҷсола асту ниҳоят асабонӣ. Аммо писари дуюмаш бошад ботаҳаммул, бурдбор, ором ва соҳиби ахлоқи хуш. Марҷона ба андешаи худ сабаби асабонӣ ва бадҷаҳлии писари калониашро аз он ҷо ҷӯё мешавад, ки дар айёми дуҷон будан бо ин писараш дар хонаи шавҳар ҳамроҳи хусуру хушдоман ва дигар аъзои оила сукунат мекардааст. Бо сабаби камбуди иқтисодӣ ва дигар мушкилоти хонаводагӣ дар оила аксар вақт мунокиша ва ҷидол барпо мешудааст, ки чунин ҳаёти пурошӯб ӯро асабонӣ ва ғамгину маҳзун сохта, дар натиҷа фарзанди дар раҳмбударо бетаъсир нагузоштааст. Чунин вазъият дар айёми туфулият ва рушди кӯдак низ вуҷуд доштааст. Чуноне ба назар мерасад, рӯз аз рӯз ин ҳолат ба як бемории ирсӣ табдил ёфта, насл ба насл гузашта истодааст. Аммо роҳи ҳал ҳамеша бояд вуҷуд дошта бошад ва ҳар нафарро лозим аст, то ба алоҳидагӣ дар ин самт худро назорат намояд. Бояд иқрор кард, ки аксари модарони тоҷик тариқаи тарбия ва муомила бо кӯдакро ба таври дуруст намедонанд ва мутаассифона аз пайи таҳсили он ҳам нестанд. Имрӯз, ки технологияи ҷаҳонӣ дар ҳоли рушду тараққӣ қарор дорад, тарбияи насли наврас боз ҳам душвортар хоҳад шуд. Равоншиноси маъруфи рус Анатолий Гармаев дар ин масъала ва вобаста ба муносибати волидайн бо кӯдак андешаҳои илмию асоснок дорад. Ӯ аз ҷумла таъкид мекунад: "Ҳаргиз дар ҳолати ғазабнок будanатон кӯдакро барои кори нодурусташ муҷозот накунед, ки ин ҷаҳолат ва хатост. Имрӯз васоити электронӣ, махсусан бозиҳои компютерӣ, ба таъкиди тамоми равоншиносони дунё наркотики насли наврас арзёбӣ мешавад, ки аксар ба он муътод гаштаанд. Ин кор низ ба равони кӯдак таъсири манфӣ хоҳад расонд". Дар воқеъ имрӯз бештари кӯчаву паскӯчаи Душанберо бе интернеткафею макони хоси бозиҳои компютерӣ тасаввур кардан номумкин аст. Чанде қабл дар яке аз мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ миёни мактаббачагон мунокиша сар зад ва дар натиҷа кордзанӣ ба амал омада, як захмӣ бар ҷой гузошт. Ин қазияро яке аз муаллимон, ки зикр накардани номашро авло донист, шарҳ дод: Чанд хонанда ба бозии компютерӣ, ки хусусияти зӯроварӣ ва мусобиқа доштааст, машғул мешаванд. Дар бозӣ яке аз онҳо мағлуб шуда, аз рӯи ҷаҳлу ғурур бозиро ба сурати воқеӣ табдил дода ҳарифашро корд мезанад. Ин яке аз натиҷаҳои манфии бозиҳои компютерӣ маҳсуб мешавад ва боиси тахриби равони ҷавонон низ шуда метавонад. Бино ба ҳар вуҷуд асоси қазия боз мегардад ба ислоҳи модар, ки ӯст созандаи ҷомеаи солим ва насли солим.

**Қадриддин ИСОЕВ**

*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

# ДАСТЕ, КИ БА КУРУШ САНГ МЕАНДОЗАД...

## Ё сухане чанд пиромуни хештаншиносӣ ва фарҳанги номгузорӣ



Инак, масъалаи "ҷоҳилият". Ақидае бисёр паҳну ройиҷ аст, ки ҳамон аъроби биё боннишин даврони пешазисломӣ ҳеҷ осори моддиву маънавиро аз худ боқӣ нагузоштаанд. Вале мадракҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки он замон арабҳо бахрнавардони хеле моҳир будаанд, ки ҳатто дар музофоти Кантони Чин колонияи (намояндагии) тиҷоратӣ доштаанд. Кишвари қадимаи Яман, ки дар ҷануби нимҷазираи Араб воқеъ аст, аз ҷиҳати рушд ба баландиҳо расида буд. Масалан, плотинаи (сарбанди) бузурги Маъриб бозгӯ аз ин гуфтаҳост, ки садсолаҳо баҳри обёрии заминҳои ташналаби биёбон хидмат намудааст. Шаҳри Ҳиро, маркази қабилаи Лаҳмиён, ки зери таъсири эрониён қарор дошт, аз шаҳрҳои ободу зебои минтақа ба шумор мерафт. Умуман, ҳангоми ҳафриёт дар ин минтақа аз ҷониби олимон бозёфтҳои нодири моддиву маънавии даврони қаблазисломӣ дарёфт гардидаанд, ки қимати хеле баланди таърихиро доро ҳастанд. Дигар баҳсе, ки ҳаст, оиди тарбияи ахлоқию маънавист. Дар осори шуарои пешазисломии араб дар қатори маҳкум намудани ҷангҳои байниқабилавӣ, аз ҷавонмардиву ростқавлии мардон ва иффату бовафоии занон нисбат ба мардони хеш низ гуфта шуда, чунин хислатҳо сутуда шудаанд- яъне аз араби пеш аз исломӣ вахшии кулл тарошидан аз рӯи инсофу адолат нест. Иддао пеш меоранд, ки замони "ҷоҳилият" ҷинси латифи инсоният умуман қадр надошт. Аъроби пешазисломӣ, ҳангоме, ки дар оила духтар таваллуд мешуд, онро зинда ба гӯр мекарданд. Албатта, хеле хуб аст, ки Ислом чунин амалҳои ваҳшиёнаро манъ кард, вале то ҳол ягон мадраки аниқе нест, ки чунин рафтори ғайриинсонӣ ба таври хеле васеъ ва сартосарӣ миёни бодиянишинон паҳн шуда будааст. Чуноне маълум аст, зиндагии биёбон сангин аст ва дар баъзе мавриди барои наҷот додани аҳли оила ва кам намудани шумораи "нонхӯрон" маҷбур буданд навтавлидонро зинда ба гӯр бикунанд. Ин ҳодисоти нангин, фикр мекунам, ба таври куллӣ, ҳамеша ва ҳама ҷои нимҷазираи сӯзони Араб фарогир набуд, чун агар аз рӯйи мантиқ хулосаронӣ бикунем, дар сурати тамоми духтарони навтавлидшударо зиндабагӯр кардани аъроб имрӯз осоре аз ин мардум намемонд ва агар мемонд ҳам, теъдодашон монанди халқиятҳои дар ҳолати маҳвшавӣ қарордоштаи Сибиру Шарқи Дури Русия мебуд. Имрӯз аъробро теъдод бузург аст (зиёда аз 200 млн.) ва инҳо сарзаминҳои бузурги ду қитъаи олам- Осиёву Африқоро, ки дорои сарватҳои ғании табиӣ ҳастанд, ишғол мекунанд (ки як Исроили хурдро, ки таърихан ҷойгоҳ дар Фаластин доштӯ давлате кухантар аз инҳост, дида наметавонанд, ҳарчанд ҳар ду ин мардум решаи ягонаи сомӣ доранд). **Вале баъди оне, ки дар кишвари ҳамсояи мо, дар қарни 21, ки инсоният коинотро моли худ кардааству дар илм ба қуллаҳои баланд расида ва ҳоло ҳам баромадан ба он дорад, духтари мазлумаеро, ки баҳори умраш акнун расида буд - Фарҳундаи нокомро тӯдаи бариҳои ҷоҳили муосир шикаставу сӯзониданд, аъмоли арабҳои қадим "кӯдакона" ба назар мерасанд.** Сад афсӯс, ки шумораи Фарҳундаҳо дар таърих андаке нест ва мутаассифона, боз чунин Фарҳундаҳоро ояндa хоҳем дид, чун барои ҷоҳилияти инсонӣ сарҳаду замони муайяне вуҷуд надорад. Дигар ҳамин қоидаҳои динӣ, аз қабили ҳаҷ кардану иҳром бастану мӯйсарро гирифтан, санги сиёҳро бӯса задану даври он давидан, аз чашмаи муқаддаси Зам-Зам об нӯшидан ва молро ҳангоми зиёрати Каъба қурбонӣ кардану ғайраву ҳоказо ҳамон аъмоли пешазисломист. Фарқ танҳо дар он буд, ки он вақт дар Каъба бутҳо (300 адад) қарор доштанд ва Расули Акрам Муҳаммад (с) онҳоро хароб карду сӯи Офаридгори Якто даъват сохт.

Дар кишварҳои арабӣ инак чанд аср боз ҷараёне вуҷуд дорад бо номи "урубия". Тибқи ҷаҳонбинии ин ҷараён арабҳо аз миллатҳои пешрафтаи қаблазисломӣ маҳсуб ёфта, бинобар ин барои арабҳо зарур аст таърихи пешазисломиро ба гӯшаи фаромӯшӣ насупурда, зиёда аз ин, фахр аз он бояд бикунанд. Як лаҳзаи аҷиби таърихи на он қадар дур. Ҳангоми ҷанги Мисру Исроил (солҳои 60-уми қарни 20) барои озод намудани нимҷазираи Сино медонед баъзан мавриди сарбозони мисриро бо чӣ нидоҳо рӯҳбаланд месохтанд? Не? Пас бидонед: "Ба пеш, мо аз зурриёти Фиръавнҳоем!" (ишора ба он, ки Фиръавн қавми яҳудро бо Мӯсо - Паямбари Худо аз Миср пеш карда буд! Ҳол он ки аз нигоҳи этникиву нажодӣ арабҳои сомии омада ба мисриҳои қадим умуман дахле надоштанд).

Акнун мегузарем ба замони "ҷоҳилия"- е, ки Қутайба ибни Муслим, ин ҳам қасамшикастаи хунхор ва амсоли инҳо аҷдоди моро аз он "наҷот" додаву нури илму маърифатро овардаанд. Роҳи Бузурги Абрешимро ҳама шунидаеду медонед. Дар тӯли ин роҳ, ки ҳазорҳо фарсах буд ва Чинро бо мамолики баҳри Миёназамин мепайваст, забони расмии байналмилалӣ забони як ҷадди мо - суғдӣ буд. Тоҷиронy сайёҳони чинӣ навиштаҷоти муқаддаси буддоиро на аз забони аслӣ- санскрит, балки аз суғдӣ ба забони худ тарҷума карда дар Чин паҳн мекарданд. Бисёр осори арзишманди фарҳангиву илмие вуҷуд дошт, ки аз ҷониби ғолибон нобуд карда шуданд. То ҳоло харобаҳои шаҳрҳои пешазисломии аҷдоди мо - Саразму Тахти Ҷамшед ва амсоли инҳо одамонро мутаҳайир месозанд. Дур нахоҳем рафт, ҷуғрофидони қарни 10- и араб ал- Мақдисӣ Шумони Қадим (Ҳисор)-ро аз "уммаҳот- ул - булдон", яъне "модари шаҳрҳо" донистааст, чун ободиву пешрафти ин шаҳри бостонӣ ӯро дар ҳайрат гузошта буд (Дар китоби "Занд"- и Зардушт оиди Шумон ва ҳокимонаш ҳикоят шуда, алҳол қисмати ночизе аз ин шаҳри бузург боқӣ мондааст). Аз лиҳози тарбияи ахлоқӣ "Гуфтори нек, кирдори нек, пиндори нек" шиори гузаштагони мо буд. Яккахудоӣ бароямон навоваре набуд, Аҳуро Маздо - Офаридгори Ягонаро мепарастидем, оташ бароямон рамзи покӣ буд. Мо дорои ахлоқи ҳамида, фарҳанги воло ва ҳамосаи ҷавонмардиву шуҷоат будем, чун Спитамону Шерак ва амсоли ин абармардон аҷдодамон буданд.

### МЕЪМОРОНИ АСЛИИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ МОЕМ!

Ҳарчанд ба тахкурсии дини мубини Ислом дар нимҷазираи Араб бунёд гузошта шуда бошад, бинои муҳташами тамаддуни исломиро миллати ориётабори тоҷику форс сохтааст. Ин санъати меъмории воло, илму адабиёти оламшумул, ки то қарнҳои наздик баъзан мавриди доираи илмии Аврупо аз ҷониби бархе муҳаққиқон нодуруст "тамаддуни арабӣ" номида шуда баъд ба "тамаддуни исломӣ" табдили номаш карданд, аңқариб ҳама аз ҷониби **милали форснажод** рӯйи кор омада, ки дурдонаҳои қиматтарини махзани ҷаҳонӣ маҳсуб мегарданд. Агар мо бузургони худро номбар кунем, саҳифаҳои мо барои ин нахоҳанд расид. Танҳо зикри он ҷоиз аст, ки қисми ғолиби мусалмонони дунё, ки шумораашон аллакай аз 1,5 миллиард ҳам гузаштааст, пайрави мазҳаби ҳаммиллати бузурги мо- Абӯ Ҳанифа Имоми Аъзам аст. Сохтори давлатии Хилофати Исломӣ пурра аз империторіи Сосонӣ нусхабардорӣ шуда, чун қабилаҳои бодиянишини араб таҷрибаи давлатдории марказиятдоштаро доро набуданд. Сойири кишварҳои арабро ҷустуҷӯ кунед, муҳаддисе ба он бузургӣ, чун Имом Муҳаммад ал - Бухории тоҷик нахоҳед ёфт…Давлати Сомониён, ин тоҷи заррини миллати тоҷик, аз давлатҳои пешрафтаи замонаш буд, ки Халифаи Бағдодро чораe намонда буд, ҷуз эътироф намудани волоияти зеҳнии аҷдоди мо, гарчанде нафрати зиёд ба ҷадди мо доштӯ аммо ягон кор аз дасташ намеомад… Аз оне, ки мо имрӯз на арабӣ, балки бо забони нобии форсии тоҷикӣ ҳарф мезанем, хидмати бузурги хонадони Сомонхудот аст. "Шоҳнома"- и безаволи Фирдавсии бузург, ин Ҳамосаи мардонагиву шуҷоат ва зеҳнияти олии милали ориёнажод маҳз дар даврони Сомониёни бузург эҷод шуда, ки ҳувияти миллии моро ҳифз намудаву тани моро ҷавшан шудааст. Ва ҳамин давлати бузурги миллии мо - империторіи Сомонӣ ҳам барои Ислом хидматҳои бузург кардааст (масалан, дар самти ба дини мубини Ислом фаро гирифтани қабилаҳои сершумори бодиянишини ваҳшии турк).

### ИСЛОМРО ДУШМАНИ ИЛМ СОХТАН КАМОЛИ БЕХИРАДИСТ

Қарнҳои аввали Ислом барои рушди илму адабиёт як давраи тиллоӣ буд. Дар ин давр осори оламшумули бузургони эрониву юнонӣ ба забони арабӣ тарҷума шудаанд. Хилофати исломӣ аз пешрафтатарин империтуриҳои давр буд. Масалан бигирем, Испониёи исломӣ (Хилофати Андалус) тӯли садсолаҳо дар Аврупои тираву тори зери фанатизми католикӣ дармонда чун як шамъе буд, ки рӯшнoии маърифати инсонӣ аз он ба ин қитъа нурпошӣ мекард. Тамоми олимони аврупоӣ аз дасти попҳои ҷоҳил гурехта, ин ҷо омада осоиш меёфтанд ва ба кори илмӣ машғул мешуданд. Хилофати Бағдод низ ба улум сахт пайвастагӣ дошт. Дар дарбори халифа зардуштӣ бо мусалмон, мусалмон бо яҳудиву насронӣ озодона дар баҳси илмӣ машғул буданд, дигар улуми дунявӣ рӯ ба рушд буд. Муҳаққиқин ва олимони аврупоӣ низ иқрор шудаанд- агар мусалмонон намебуданд, осори гаронбаҳои хирадмандону уламои юнонӣ бар боди фано мерафт. Аммо ба ҳукми тақдир нақшҳо иваз шуданд ва Аврупоро замони Эҳё ва рушди диданашуда насиб гашту дунёи Исломро торикии ихтилофоти диниву мазҳабӣ ва хурофот фаро гирифт.

Яке аз қазияҳои бисёр зараровари руҳонияти дирӯзу имрӯзи кишвар ва умуман дунёи Ислом он аст, ки дар маъвизаҳояшон аз инсон як махлуқи нотавону оҷиз сохтаанду месозанд. Ин "уламо"-и муҳтарам магар фаромӯш сохтаанд, ки тибқи ривоёти динӣ ба Ҳазрати Одам тамоми малоикаву фариштаҳои ҳафт қабати олам саҷда намудаанд, илло ба ҷуз Шайтони лаъин, ки барои ин кибраш аз даргоҳи илоҳӣ ронда шуд? Одамизод кайҳо исбот карда, ки "махлуқ"- и нотавон нест- имрӯз чи қаъри баҳр, чи коинот тахти назараш қарор доранд. "Уламо"-и муҳтарам, ҳангоме ки ба зиёрати Хонаи Худо тавассути ҳавопаймоҳои азим соатҳои башумор масофаи зиёдро тахти садои муҳаррикҳои муқтадир роҳ мегиред, фаромӯш накунед, ки ин технология тӯҳфаи фариштаҳо нест, ки аз осмон омада бошад, балки маҳсули ақли бузурги одамизод аст, ки бо дастони худ сохтааст. Инсоният ҳамон вақт оҷизу нотавон буд, ки дар давраи ибтидоӣ дар ғор ба сар мебурд ва аз ҳар ҳаводиси табиӣ, аз қабили раъду барқ ҳарос дошт.

**Ҳангоми озмоиши бомби водородӣ солҳои 60 қарни гузашта, ки аз ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷазираи Замини Нав (Новая Земля), воқеъ дар Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ роҳандозӣ шуд, баъд аз таркиши он мавҷи зарбаи он (ударная волна) чандин маротиба сайёраи моро давр зад ва баъд аз ин, баъзе коршиносон мегӯянд, меҳвари кураи Замин мувакқатан каҷ шуда буд. Таркиши аввалин бомби ҳастаӣ (атомӣ), ки аз ҷониби амрикоиҳо зери муҳри махфии "лоиҳаи Манхеттен" дар ИМА пиёда гардиду баъдан сари ҷопониҳо фурӯ рехта шуд, шуое тавлид сохт, ки аз рӯшноии Офтоб 1000 маротиба зиёд буд! Соли 1969 астронавтҳои амрикоӣ Нил Армстронг ва Эдвин Олдрин ончунон дар Моҳ сайругашт карданд, ки мегӯӣ дар боғи бобоияшон бошанд... Захираи силоҳи муосири инсоният ончунон зиёд аст, ки метавонад ҳаёто дар сайёраи мо дар соатҳои башумор чандин маротиба маҳв бикунад. Нақшаҳо тарҳрезӣ шудаанд, ки то нимаи дуввуми қарни мо сайёраҳои дигар, дар навбати аввал Марсро зери даст бигиранд. Дар тиббу нанотехнология ва дигар риштаҳои муосири улум пешравиҳо вусъати бемисл доранду анҷомаш ҳоло маълум нест. Чунин мисолҳо нисбати қудрати инсоният хеле зиёд ҳастанд. Ин гуфтаҳо фарзияи "нотавонӣ"-и инсонҳоро кайҳост, ки ботил намудаанд. Мумкин баъзе муллоҳои мо ҳангоми маъвизаҳояшон "оҷиз" гуфта, одами қадимаи неандерталиро дар назар дошта бошанд.**

Албатта пеши Холиқи Якто ва марг инсоният нотавон аст, вале дар ҳаёти рӯзмарра дар илму технология ончунон пешравӣ кардаву анҷомаш маълум нест, ки он иконияҳое, ки пеш "монополия"-и малоик ва ҷинҳо буд, имрӯз пеши одамизод аз чизҳои оддист (афсонаҳое чун "қолини паррон", "оинаи ҷаҳоннамо" ва ғайраву ҳоказо).

Аввалин қишри ҷомеа, ки баҳри хидмати дилхоҳ истилогари аҷнабӣ камари хизмат мебаст, мутаассифона, ҳамин табақаи рӯҳоният буд. Яке аз қазияҳои қафомондагии мо ва генотсиди ареали ориёии минтақаи паҳновари Осиёи Марказӣ ҳуҷуми вахшиёни муғул буд, ки дар симои рӯҳонияти мусалмони Мовароуннаҳр хидматгорони беминнат ёфтанд ва доир ба ин мавзӯъ мадракҳои таърихӣ хеле зиёд мавҷуд ҳастанд. Имрӯз қишри рӯҳонии моро имконияти мусоид фароҳам аст, ки дар қаҳрамонони маъвизаҳояшон он сарсупурдагони миллатро қарор бидиҳанд, ки алайҳи аҷнабиён ҷоннашонро фидо намудаанд. Чуноне гуфтаанд, дӯст доштани Ватан ҷузъи имон аст. Бо ин амал рӯҳонияти муосир метавонад хиёнати гузаштагонашро (рӯҳонияти даврро) ҷуброн бикунад. Баъдан, дар маъвизаҳо бояд бештар сари илми дунявӣ гуфта шавад, чун яке аз калимоти дар Қуръон зиёд омада маҳз ҳамин "илм" аст. Ислом на душман, балки дӯсти илм аст, ки ҳадиси саҳеҳи "аз гаҳвора то гӯр илм биомӯз"- и Расули Акрам далели гуфтаҳост. Аз оне, ки имрӯз дар масоҷид ҳаводиси 1400 сол пеш вуқӯъёфтаро такрор ба такрор мегӯему пайваста ашк мерезем, барои миллат он қадар суди зиёд надорад, чун ҳангоми ашкрезии мо миллатҳои дигар коинотро фатҳ карда истода талоши сохтани садҳо таҷҳизоти навро доранд. Ҳамаи мо нисбати бузургони Ислом эҳтиром дорем, аз таърихи дин бохабарем ва ҳаёти инҳо барои мо дарси ибрат аст, аммо асрҳо пайи ҳам дар ивази якдигаранд, пас бояд аз пайи модерн (навовариҳо) бошем, дар акс дар ҷаҳони глобалӣ моро нақши бардагӣ интизор аст.

Боз як мавзӯе, ки наметавонам аз он ёдоварӣ накунам, хатароти муосире чун "Давлати исломии Ироқу Шом" ва амсоли ин аст, ки мутаассифона бархе ҷавонмардони миллатро ба қаъри халокати хеш кашидааст… Ҷиҳоди ҳақиқӣ ободии Ватан оилаи хеш аст, на ин ки ба хидмати хоҷагони аҷнабӣ ва ғояҳои бегона камари ҳиммат бастан. Ман мегӯям, ки муҳаббат ба "Давлати исломии Ироқу Шом" ва дилхоҳ ҳаракатҳои "исломӣ"- и муосир хиёнат ба Ватану модари хеш мебошад.

Барои ҳамин ҳам, ба ҷои эрод гирифтан ба номҳои аҷдоди мо хуб аст баҳри рушд ва ободии Меҳан камарҳо баста шаванд, чун дастони бархе аз намояндагони аҳли рӯҳониятро мефишурӣ, гӯиё дасти гарму нарму сафеди зани зебоеро фишурдаӣ, сабаб ин аст, ки барои эшон кори ҷисмонӣ ҳамеша бегона буда… Боқӣ ҳамаро ба паноҳи Парвардигори олам месупорем.

**Азамат ДӮСТОВ**

*Бо хоҳиши хонандагони сершумори ҳафтанома мо нашри мақола дар бораи рӯйдодҳои таърихиро идома медиҳем. Шумораи зиёде аз хонандагони доимии нашрия пас аз чопи мақолаҳои "Шоире бо тақдири шикаста ва ғурури шоиста" (дар бораи Ғ. Мирзо), "Суқути як сиёсатмадор" (аз рӯзгор ва фаъолияти Б. Кормал ва рӯйдодҳои Афғонистон), "Либоси миллӣ ҷавшани тани мост" ва "Хушкида бод дасте, ки ба Куруш санг меандозад", дар мавриди моҳият ва таърихи номҳо ва либоси миллӣ вокунишҳо нишон дода, аз иқдомоти идораи ҳафтанома ва кӯшиши ҳайати эҷодӣ барои нашри матолиби пурмуҳтаво ва хонданӣ тавсиф намуданд.*

*Аз ҷумла, мудири шуъбаи нашрияи "Насими Терай" (н. Шӯрообод) Ҷумъаи Назарзодаи Назрӣ, собиқадори ҲХДТ аз Истаравшан Сайфулло Файзуллоев, устоди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон Таваккал Ҷабборов ва даҳҳо нафари дигар ба идора занг зада, хоҳиш намуданд, ки доир ба ин мавзӯъ матлаби бештаре ба табъ расонем.*

*Ҳоло мақолаи дигареро, ки ба таърихи пажӯҳиши осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшида шудааст, пешкаши хонандагони суханшинос мегардонем.*



# НАШРИ НАХУСТИНИ ДЕВОНИ Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ

**Бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ имсол 700-солагии бузургдошти олими ориф ва адиб Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҷлил мегардад. Асрҳои зиёдест, ки зиёратгоҳи ин марди закӣ, маъруф бо номи Ҳазрати Амирҷон ва Мири Кабир, зиёратгоҳи соҳибдилони тоҷик ва аҳли ҷаҳон гаштааст. Бо саъю талошҳои марди наҷиб Раҷаб Асозода муҳаққиқ, сарвари Осорхонаи вилоятии таърихию кишоварзии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб имрӯз дар хазинаи дастхатҳои Осорхонаи Мероси хаттӣ ва осори адабии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ беш аз 200 ҷузъ дастхатҳои гуногун гирд оварда шудааст. Вале кам касон огоҳанд, ки то солҳои 90-ум зоирини тоҷик асли навиштаҳои Ҳазрати Амирҷонро дар даст надоштанд ва барои ба даст овардани онҳо ҷасорату мардонагӣ ва истодагарии чанд нафар олимон дар солҳои 90-уми асри гузашта зарур гардид. Дар ин мавод зимни суҳбат бо Раҷаб Асозода таърихи нашри нахустини девони аллома тақдими шумо мегардад.**

### МУҚОВИМАТ

Дар аҳди шӯравӣ Тоҷикистон аз лиҳози иқтисоду илму фарҳанг рушд ёфт, вале аз муносибатҳои оштинопазиронаи режими коммунистӣ ба дин, фаъолияти марказу обидаҳои динӣ ва омӯзиши осори алломаҳои марбут ба дин маҳдуд карда мешуданд. Вале ба мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб мардуми маҳаллӣ ва ихлосмандони хориҷӣ пайваста барои зиёрат меомаданд ва аз солҳои 70-ум ба он назари зимомдорони замон нармтар гардид. Пас аз бозсозии нимаи солҳои 80-ум дар ин ҷода андак дигаргунӣ ба вуҷуд омада, сафи зоирини хориҷӣ бештар гардид. Муҳаққиқ Раҷаб Асозода ба ёд меорад, ки солҳои 80-ум сафи зоирини хориҷӣ аз Ҳиндустон, Покистон, Эрону Афғонистон зиёд шудан гирифт. Ба ҳар меҳмон мо, ходимони Осорхона, суҳбатро ба Он ҳазрат ва осори ӯ мекашидем. Интизор будем, ки кадоме аз онҳо нусхае аз китоби ин марди шарифро туҳфа мекунад. Ваъдаҳо беҳисоб буданд, ҳар кадом мегуфт, ки баъди бозгашт ҳатман ин ё он нусхаи китоби ӯро ба мо ҳадя мекунад, аммо ҳайҳот, ваъда паси ваъда давом дошту вале самар наовард. Шояд гап сари он буд, ки Ҳукумати Шуравӣ ба ин иқдом рухсат намедод. Вале мо ба Ҳазрати Амирҷон ихлос доштем ва аз муҳаббати зоирини хориҷӣ шавқамон бештар мегашт.

***Не дида бувад, ки***
***ҷустуҷӯяш накунад,***
***Не кому забон, ки***
***гуфтугӯяш накунад.***
***Ҳар дил, ки дар ӯ***
***муҳаббати ӯ набувад,***
***Гар пеши саг афкананд,***
***бӯяш накунад.***

Рӯзе ба зиёратгоҳ президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ омаданд. Пайи маълум кардани осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо эшон ҳамсуҳбат шудему ин марди шариф иброз намуданд, ки аз рӯи шунидам, чанд дастхати асари ин аллома дар хазинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии академия ёфт шудааст. Ва бо ин хабар шод гашта, пайи ба даст овардани онҳо шудем.

Бо маслиҳати роҳбари Раёсати фарҳанги вилоят Зариф Валиев соли 1989 ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, ки сарварии ҷумҳурӣ ба дӯши он буд, нома навиштем, то барои истифодаи дастхатҳои дар академия мавҷуд буда ба мо рухсат диҳад, вале баъди интизории зиёд ҷавоби рад гирифтем. Бори дувум



соли 1990 номаи муфассалтар навишта, арз намудем, ки рафтуомади хориҷиён, хоса ихлосмандони каломи алломаи Машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зиёд шудааст. Дар ин ҳолат мо, ходимони осорхона, бинобар хабардор набудан аз рӯзгор ва осори бузургвор худро ниҳоят заифу нотавон меҳисобем. Хоҳишмандем, ки дар ин кори хайр мадад намоед. Аммо боз ҷавоби рад гирифтем. Дар посух танҳо илова шуд, ки воқеан, чанд вароқи зарду фарсудае аз осори аллома дар шуъбаи дастхатҳо мавҷуд аст, аммо қобили истифода нестанд. Пас аз ин умедамро кандам. Зеро ки дастгоҳи тавонои шӯравӣ муддати 70 сол дар муқобили Ислом истода буд ва аз ин роҳ баргаштан намехост. Хулосаи сарвари Осорхона Музаффар Азизов ин буд, ки сабр мебояд кард. Дар хотимаи суҳбат хоҳиш намудам, ки маро як ҳафтаина ба сафари хизматӣ ба Осорхонаи ба номи Камолиддини Беҳзод фиристад, то ягон илоҷ пайдо кунам.

### ҶУСТУҶӮ

Дар пойтахт ҳар саҳар як худамро дар Осорхонаи Беҳзод нишон медодаму аз пайи мақсад шуда, чанд олими бо ин мавзӯъ машғулро ёфта, суҳбат кардам. Муҳаққиқи баъдан маъруфгашта Моҳирхӯҷа Султонзода низ гуфт, ки бе иҷозати шуъбаи илм ва мактабҳои олии Комитети Марказии ҲКТ хондани дастхатҳо имкон надорад. Баъди пурсуков муайян кардам, ки тавассути талошҳои зиёд корманди калони илмии Институти шарқшиносӣ Амрияздон Алимардонов беш аз як сол дастхатҳоро мураттаб намуда, оид ба осори Ҳазрати Амирҷон маълумоти зиёд дорад. Вале аз он, ки хабарбарҳо зиёд буданд, шояд ба таври расмӣ суҳбат кардан бо ҳар кас дар он замона натиҷаи дилхоҳ намедод. Бино бар ин, вақти наҳорхӯрӣ дар ошхонаи Академияи илмҳо гӯё тасодуфан ба мизи нишаста он кас ҳамроҳ шуда, аз дур худро шинос намуда, гуфтам, ки даҳ сол боз дар Осорхонаи назди мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хизмат мекунам. Ва зуд аз пайи мақсад шудам.

Амрияздон Алимардонов гуфт, ки чанд рӯз пеш дастхатҳои Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар шакли девони алоҳида таҳия кардам. Дар он 56 асари аллома гирд оварда шуд ва дубора онро ба хазинаи дастхатҳо супоридам. Ба сарвари институт расондам, ки бахшида ба 680-солагии ин олим ягон ҷаласаи илмӣ гузаронем. Вале муносибату назари роҳбарони ҳукумат нисбат ба уламои гузашта маҳдуд аст. Ба мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ осори садҳо олимону файласуфони барҷаста сазовори таҳлилу таҳқиқанд. Мутаассифона, бо сабабҳои маълум, на ҳар кас имконияти ба онҳо наздик шуданро дорад.»

Аз олим хоҳиш кардам, ки маро бо "Девони Мири Кабир" шинос кунад, то ба қадри имконам чизе аз он бардошт намоям. Ӯ посух дод, ки баъди ҷавоби рад додани Кумитаи Марказӣ, ин кор барои ману ту оқибати хуб надорад ва бо қойидаи замона ҷиноят маҳсуб мешавад. Чун дид, ки ман аз ниятам гаштанӣ нестам, маслиҳат дод, ки ба назди директори Институти шарқшиносӣ Акбар Турсун даромада рухсат пурс. Фақат бигӯй, ки ин сирри байни ҳардуятон мемонад.

Акбари Турсун бо асарҳои машҳури худ дар бахши фалсафа, сиёсатшиносӣ, забону адабиётшиносӣ машҳур буданд. Бо шунидани арзи ман, ангуштонашро рӯи миз хеле тук-тук зада, ниҳоят гуфт: "Афсӯс, кори хуб накардед. Кӣ шуморо гуфт, ки ба КМ ҲКТ муроҷиат кунед?" Агар ҷавоби рад дода бошанд, ҳеҷ кор карда наметавонем. Баъди як-ду моҳ биёед, шояд ягон шароит пайдо шаваду хоҳиши шуморо иҷро кунем. Дилам аз пешомади беҳтаре гувоҳӣ дода, умед қавитар гашт.

***Муштоқи офтобу***
***ҷамоли Муҳаммадем,***
***Тобандаи Муҳаммаду***
***оли Муҳаммадем.***
***Парвонавор сӯхта***
***аз оташи фироқ,***
***Дар орзуи шамъи***
***висоли Муҳаммадем.***

### БОРИ ГАРОНИ САВОБ Ё ГУНОҲ...

Вале баъд вазъият мушкилтар шуд. Ибтидои соли 1991 барои ҷумҳурӣ вазнин буда, дар шаҳри Душанбе нооромиҳо оғоз гаштанд. Ҳаракатҳоиислоҳталаб ва мухолифи давлат ба ҷунбиш омада буданд. Чунин ҳолат боиси он шуд, ки мақомоти давлатӣ барои камтарин гуноҳ шахсони алоҳида ва махсусан роҳбарони идораю муассисаҳоро ҷазо медоданд. Вале дар ҳасрати дастхатҳои Ҳазрати Амирҷон шабҳо хобам намебурд. Ҳатто дар хобам он дастхатҳоро медидаму варақ мегардондам. Ниҳоят, моҳи март дар як рӯзи боронӣ ҳамроҳи писарам Ҳотам, ки ба сифати роҳбаладди Осорхона кор мекард, озими Душанбе шудам. Дар дафтари кории худ Акбар Турсун моро бо либосҳои аз борон шип-шилта дида, самимона истиқбол намуда гуфтанд: "Худоё, чӣ бандаҳое офаридӣ, ки ҳама дар майдонҳо дар талоши вазифаю сарват ҳаёҳуй доранд, аммо ин падару писари содда, аз пайи дастхатҳои афгору зардшудаи 600-сола сарсону саргардон..."

Барои мо қаҳва тайёр карда, аз ҳаёти мардони бузург қиссаҳо карданд. Он лаҳза ба худ меандешидам, ки ин мард бо ҷуссаи хурдакакаш ҳайкали тиллоии ҷасорат ва саропо хазинаи илму фарҳанг аст:

***Мешунидам, ки***
***марди майдонӣ,***
***Чун бидидам,***
***ҳазор чандонӣ.***

Устод Акбари Турсун гуфтанд: "Ман ба садоқату муҳаббати шумо нисбат ба илм, хоса, рӯзгори авлиёҳои забардаст мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ боварӣ ҳосил намудам. Модоме ки шумо ба мушкилиҳои ин кор ва нотинҷии замона нигоҳ накарда омадед, маҷбурем ба аҳдамон вафо кунем". Дар хотимаи суҳбат як хатча навишта доданд, ки ба Амрияздон Алимардонов диҳам. Вале таъкид кард, ки худи ҳамон рӯз хатчаро баргардонда диҳам. Вазъият мураккаб буд.

Вақте А.Алимардонов мактуби Акбари Турсунро гирифтанд, хурсанд шуда гуфтанд: "Акнун бори гарони савоб ё гуноҳро ҳар се тақсим мекунем". Сипас ба муҳлати се рӯз, гӯё барои бозомӯзии худашон аз Хазина девони алломаро таҳти № 546 оварданд. Шодии мо ҳадду канор надошт. Писарам Ҳотамҷон матнро хондан гирифту ман онро ба кириллӣ рӯйбардор кардам.

*(Давом дорад)*

**Ҷумъа ҚУДДУС**

# НУФУЗ, МАВҚЕЪ, ИМКОН...

**Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатию қарздиҳии (ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" яке аз калонтарин институтҳои молиявии кишвар буда, 15 сол аст, ки фаъолияти пурсамар дорад. Ташкилот 136 намояндагӣ дошта, шумораи кормандонаш аз 1900 нафар зиёдтаранд. Шумораи мизоҷон бошад, беш аз 100 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд.**



Дар ноҳияи Ғончӣ низ филиали ташкилоти мазкур аз соли 2007 инҷониб фаъолияти назаррас дорад. Ташаббускорони таъсиси бахш Шуҳратҷон Усмонов - директори филиал ва Назирҷон Облоқулов -менеҷери тиҷорати чаканаи филиал мебошанд.

Ҳамарӯза аз соати 8-00 то 17-00 дарҳои филиал барои мизоҷон боз буда, зиёда аз 90 нафар машғули хизматанд. Теъдоди муштариёни қарзгиранда 6000 нафар буда, амалиёти қарздиҳӣ 8 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Филиал дорои 9 маркази хизматрасонии бонкӣ дар ҷамоатҳо ва деҳаҳои дурдасти ноҳия аст. Ҷомеаи меҳнатӣ назди худ мақсад гузоштааст, ки барои рушди иқтисодӣ ва ҳам баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум минбаъд низ аз тамоми имкониятҳо истифода барад.

-Самтҳои фаъолияти мизоҷони мо гуногунанд, - мегӯяд директори филиал Шуҳратҷон Усмонов, - вале бинобар ноҳияи мо минтақаи аграрӣ будан қисми асосии муштариён ба парвариш, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд. Бо ин васила ҳам ҷойҳои корӣ дар оила пайдо мешавад, ҳам мизоҷон барои таъмини бозорҳои вилояту ҷумҳурӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ҳиссагузоранд.

Инчунин, муштариёни мо дар парвариши чорво фаъолияти назаррас доранд, даромадҳои зиёд мегиранд, буҷаи иқтисодии оилавиашон афзун, мавқеашон устувор, имкониятҳашон беш мегардад.

Тавре дар идомаи суҳбат Ш.Усмонов иброз дошт, дар филиал қариб ҳамаи амалиётҳои бонкӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, қабули пасандоз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳо, интиқоли маблағ, мубодилаи асъор, амалиёти свифт, бонкинги интернет ва бонкинги мобилӣ ва ғайра. Хурсандиовар аст, ки ҳамагӣ дар давоми як сол мардуми ноҳия 5 млн. сомонӣ пасандозашонро ба филиали ноҳиявӣ гузоштааст.

- Сирри пешрафти кор аз фаъолияти самараноки масъулон ва дастгирии ҳаматарафаи роҳбарияти ташкилот (С. Шарифова), аҳолии бо имону баори мардуми Ғончӣ аст,-мегӯяд, роҳбари филиал. Аксарияти кормандони филиал ҷавон буда, маълумоти олӣ доранд ва 30 фисади кормандон занҳоянд.

- Ҳамкорӣ бо филиали мо хуб ба роҳ монда шудааст, - мегӯяд менеҷери тиҷорати чаканаи филиал Назирҷон Облоқулов. - Солҳои аввали фаъолият кор бо душворӣ пеш мерафт. Филиал танҳо дар маркази ноҳия амал мекард. Муштариён барои пардохт аз деҳаҳои дурдасти Калининобод 45-50 км роҳро тай карда, хароҷоти зиёдатӣ мекарданд. Зарурат пайдо шуд, ки марказҳои хизматрасонии филиалро наздиктар ба мавқеи зисти аҳолӣ ташкил намоем ва ҳоло 8 маркази хизматрасонӣ дар маркази ҷамоатҳо ва деҳаҳои дурдаст кушодаем, ки муштариён ва аҳолӣ аз ин хеле хушнуданд.

Яке аз чунин марказҳои навбунёди бонкӣ дар деҳаи Дархон воқеъ аст. Мудири марказ- Абдусаттор Нарзуллоев буда, фаъолияти хуби корӣ ва ташкилӣ дорад.

- Маркази хизматрасонии бонкии деҳаи мо бо кӯшишу эҳтимоми директори филиал Ш.Усмонов ва менеҷери он Н.Облоқулов таъсис ёфтааст, - афзуд мудир. - Ин марказ бахри беҳдошти фаъолияти муштариён дар деҳаҳои атрофи Дархон- Сурхоб, Каҷровут, Сумулканд, Овчӣ, Угук амал мекунанд. Фаъолияти пурраи хизматрасонӣ имкон дод, ки муштариён ба ин марказ омада, ба осонӣ қарз гиранд, ё пасандозашонро ба мо бовар намоянд. Ё ин ки маблағҳои ба номашон ирсолшударо аз нуқтаи наздиктарин бигиранд. Инчунин, маркази мо дар муддати кӯтоҳи фаъолияташ баҳри сазовор пешвоз гирифтани ҷашнвораҳо (ҷашни Истиқлолият, иди Наврӯз), ҳиссагузорӣ намудааст. Дар ҷашни Наврӯз-2015 аз тарафи ташкилоти мо ба хонандагони синфҳои ибтидоии мактаби деҳаи Дархон тӯҳфаҳои наврӯзӣ (асбобу лавозимоти хониш) кӯмак карда шуд. Байни хонандагони синфҳои болоии деҳаҳои Дархон, Сурхоб, Каҷровут, Угук, Овчӣ мусобиқаи футбол баҳри дарёфти ҷоми Наврӯз барпо гардида, 5 рӯз идома ёфт. Ба ғолибон ҷом ва дигар тӯҳфаҳои арзишнок супоридем…

Навгонии дигаре дар соҳаи бонкдории ҶСП ТАҚХ "Имон интернешнл" ин бонкдории мобилӣ аст. Аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мизоҷоне, ки телефонҳои муосири "Андроидҳо" доранд, аз тарафи мутахассисон дар муддати кӯтоҳтарин ва ройгон қарзҳо пешниҳод мешаванд. Ва онҳо имконият пайдо менамоянд, ки бо воситаи телефонҳои худ аз ҷои нишаст тамоми пардохтҳоро (пардохти хизматрасонии коммуналӣ, додани қарзҳо, пардохти пули телефонҳо…) анҷом диҳанд.

**Анварҷони СУХАНВАР,**
*сокини деҳаи Сурхоби ноҳияи Ғончӣ*

**Мушкилот**

# БАРТАНГИ БОЛО БА РӮШАНӢ НИЁЗ ДОРАД



***Водии Бартанг яке аз водиҳои бузург ва зебоманзари Тоҷикистон ба шумор меравад. Табиати зебо ва обҳои мусаффои он таваҷҷуҳи сайёҳони ватанӣ ва хориҷиро пайваста ба худ ҷалб мекунад. Гарчанде ки ин водӣ ба роҳи пурпечутоб ва душворгузари худ дар байни дигар минтақаҳои Бадахшон маълуму машҳур бошад ҳам, вале теъдоди зиёди мардум, бахусус, сайёҳони хориҷӣ ҳамаи ин мушкилиҳоро сарфи назар карда ба тамошои табиати зебо ва аҷиби ин водӣ камари ҳиммат мебанданд. Барои онҳо табиат, обу ҳаво, кӯҳҳое, ки дар фасли тобистон ҳам дар куллаҳояшон барф боқӣ мемонанд, хеле аҷиб ва нодир аст. Хусусан, тамошои кӯли Сарез ба онҳо як дунё завқ мебахшад. Ва онҳо баъди бозгашт ба ватани худ, гаштаву баргашта аз дидаҳояшон ба ҳамдигар қисса карда, табиати ин водии биҳиштосоро таблиғ мекунанд, то сайёҳони дигар низ ба ин водии табиаташ нодир сафар кунанд.***

**ВАЛЕ** бо вуҷуди табиати зебо доштани ин сарзамин набудани барқ ва вуҷуд надоштани алоқаи мобилӣ (ба наздикӣ бояд таъмин карда шавад) сайёҳонро норозӣ мекунад, чун онҳо намехоҳанд лаҳзае аз олами мутамаддин берун бошанд. Ин омилҳо боиси он мегардид, ки сайёҳони бо як ҷаҳон завқ ба ин диёр омада, ночор онро зуд тарк кунанд. Вақте ки шаб мешуду мардум чароғи керосиниашонро фурӯзон мекарданд, ҳам боиси завқ ва ҳам боиси таассуфи онҳо мегардид. Ба қавли эшон чунин зисту зиндагонии халқи мо онҳоро ба ёди таърихи асрҳои гузашта меандозад. Дили баъзеашон бар ҳоли мо месӯхт, вале буданд нафароне, ки ба зиндагии мардуми ин диёр бо тамасхур назар меандохтанд. Ин ҳақиқати талхест, ки мардуми мо ба он мувоҷеҳанд. Зеро пешрафти илму дониш, тамаддунҳо пешрафти инсоният ва огоҳ гаштан аз рӯйдодҳои ҷаҳони тағйирёбанда дар замони ҳозир ба барқ ва мухобирот сахт вобастагӣ дорад. Мо хоҳемнахоҳем ҳам ин ҳолат албатта моро ба ёди асрҳои гузашта тела медиҳад на ба замони имрӯз.

Оре, мардуми Бартанги Боло солҳост, ки дар орзуи доштани барқ ва равшанӣ дар таконпӯянд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар он ҷо дизелҳо ҷойгир буданд, ки мардумро аз барқ таъмин мекарданд. Баъдан вақте ки Шӯравӣ аз байн рафт, сокинони ин деҳаҳо бо барқ низ падруд гуфтанд. То соли 2009 деҳаҳои болооби Бартанг, махсусан, деҳаи Рошорв, ки яке аз калонтарин деҳаҳои водии Бартанг ба шумор меравад, доштани барқро дар "хобаш" медид. Банда мактаби миёнаро бо чароғи солряркагӣ хатм кардам, ки то ҳол ҳам бӯйи дуди ғализаш аз димоғам дур нашудаст. Дар ёдам ҳаст, боре тасодуфан ба чароғ бархӯрдам, ки солряркааш рехту хонаи майдаякро, ки аз тарси сармои зимистони қаҳратун дар он ҷо гирифта будем бӯй фаро гирифт. Бадбахтона, шишаи чароғ ҳам шикаст. Шишаи изофӣ надоштем ва солряркаамон ҳам тамом шуда буд. Қасдан фардои он рӯз имтиҳон доштам. Дигар илоҷ наёфтаму дари оташдонро кушода дар рӯшноии хираи оташ ба имтиҳон каме ҳам бошад тайёрӣ дидам. Он лаҳзаҳо ҳеҷ гоҳ аз хотирам намеараванд.

Ҳамин тавр соли 2009-ум бо ташаббус ва заҳмати шабонарӯзии яке аз омӯзгорони мактаби деҳа Нурмуҳаммад Мадимаров ва дигар ҳамроҳонаш дар болои оби дараи қишлоқ як НБО-и кӯчаке сохта шуд. Мардум хурсанд. Гарчанде ки баъзеҳо ба ин амали ӯ боварӣ надоштанд, вале ин шахс иродаи қавӣ дошт ва дар гапаш истодагарӣ карду онро амалӣ гардонда ба як қисмате аз деҳа равшанӣ овард. Н. Мадимаров аввалин шахсе буд, ки дар қишлоқи Рошорв ба сохтани НБО-и хусусӣ асос гузошт ҳам гӯем, хато намекунем. Баъдан харбуза аз харбуза ранг мегирад, -гуфтаги барин дар деҳа шумораи чунин "ГЭС"- ҳо афзуд. Вале, мутаассифона, онҳо ба ҷуз равшанӣ чизи дигареро дода наметавонанд, аниқтараш зӯри чунин НБО-ҳои кӯчак ба ҳеҷ чиз намерасид. Ин ҳам дар ҳолест, ки бештари вақтҳо онҳо ҳам аз кор мемонданд боз ҳамон торикӣ ҳукмфармо мешавад. Агар аз гушнагӣ ба ҷон меомадиву "ғизо"-и тезтайёр ширчойро хӯрдан мешудӣ, маҷбур будӣ, ки дар оташдон алов андозӣ. Болои сӯхта намакоб, мардуми деҳаи Рошорв ба ҳезум ҳам дастрасӣ надоранд ва ширчояашонро нимҷӯш карда мехӯранд. Бинобар ин, ҳар боре, ки масъулин ба ин деҳа " ташриф" оранд, мардум дар ҳол аз надоштани барқ шикоят карда, ин орзуи чандинсолаи хешро бо онҳо дар миён мемонанд. Вале чунин "меҳмонҳо" дар хизмати халқ будани худро фаромӯш сохта ваъдаҳои бисёре медиҳанду пас гашта мераванд. Ва дигар дар ёдашон ҳам намезанад, ки дар куҷо ҷӣ ваъда карда буданд. Халқ бо умед интизори ваъдаҳои минбаъда ба сар мебаранд.

саҳ. 13

# Мақсадам ободӣ аст

***Ба идораи ҳафтаномаи "Минбари халқ" бо умед муроҷиат мекунам. Ба умеде, ки ин нашрияи муътабар дар барқарор кардани шаън ва ҳифзи эътиборам мадад мерасонад.***

**АСЛИ** гап ин аст, ки аз соли 2002 то 2004 вазифаи раиси ҷамоати деҳоти Зайнабободро ба уҳда доштам. Дар ҳамон давра бештар ба корҳои ободонӣ ва бозсозии роҳҳои байни деҳот ва маҳаллаҳо машғул будам. Яке аз корҳое, ки мекардем, бар асоси аризаи сокинон ва бо дарназардошти эҳтиёҷашон тақсим ва додани заминҳои наздиҳавлигӣ буд.

Мутобиқ ба нақшаи таъмини ниёзмандон бо қитъаи замин бо қарори Шӯрои ҷамоат аз як маҳалли бекор ва партовгоҳ 4 сотихӣ замин ба ду муаллимаи яке аз мактабҳои ҷамоат тақсим карда додам. Баъд аз вазифа рафтанам ин қитъаҳои заминро "ғайриқонунӣ" гуфта аз ин ду нафар баргардонда гирифтанд. Қарори Шӯрои ҷамоат дар бораи тақсими замин пас аз эътирози прокурор бекор шуд.

Муҳаббат Худойбердиева ва Сангинмоҳ Давлатова соҳибони ин порчаҳои замин аз иқдоми мақомоти ноҳия барои бекор кардани қарори Шӯрои ҷамоат норозӣ шуда ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурӣ ва Прокуратураи генералӣ ариза навишта, талаби баррасии ин масъаларо карданд.

Прокуратураи ноҳия пас аз даъвои ин ду нафари аз замин маҳрумшуда дубора масъаларо баррасӣ кард.Вақти муҳокима даъвогарон нисбати ман даъво ва шикояте надоштанд. Аммо ман дар боло мондам ва тамоми гуноҳ ба сарам бор шуд.

Соли 2005 бо ҳукми худ додгоҳи ноҳия бар асоси моддаи 63 КҶ ҶТ 200 (дусад) маоши ҳадди ақал ҷаримаам кард.Ман ин маблағро дар вақти муайяншуда пардохт кардам.

Аммо замоне, ки муҳокима давом дошт, мӯйсафеде бо номи Сатторов ба Прокуратураи ноҳия муроҷиат намуда ба ман туҳмат кард, ки гӯё аз ӯ барои гирифтани замин пул гирифта бошам. Ин даъвояш асос надошт. Баъдтар фаҳмидам, ки бадбинҳоям ин даъворо барои фишори рӯҳӣ равонӣ ворид кардан нисбати ман сохта будаанд. Пас аз ҳалли қазияи судӣ ба хотири он ки кадом зарари дигари ҷисмонӣ ба ман нарасад чанд муддат маҷбур аз Тоҷикистон берун рафтам. Баъди бозгашт раиси ҳамонвақтаи ноҳия Хол Машрабов маро сарфи назар аз туҳмат ва бадгӯиҳои душманонам раиси ҷамоати деҳоти Лоҳур таъин кард. То соли 2008 дар ин вазифа содиқона ва софдилона бо нерӯю тавони дучанд кор кардам. Тайи ин муддат касе ба ман эроде нагирифта ва аз корам шикояте накарда буд. Пас аз бемор шудану аз мақом рафтани Машрабов, ки ба ман эътимод дошт, аз вазифа озод шудам. Аз моҳи марти соли 2010 ба кори нав гузашта ва котиби иҷроияи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯдакӣ таъин шуда то ба имрӯз ин вазифаро ба таври лозим иҷро мекунам. Мақомоти маҳаллӣ ва марказӣ аз натиҷаҳои корам розӣ ҳастанд.

Дар кор мушкиле надорам, чунки фарзанди ҳамин ноҳия ҳастам ва тамоми душвориҳои зиндагии мардум ва арзу ниёзҳояшонро медонам. Ба қадри тавон ва дар доираи барномаҳои ҷамъиятӣ иқдомоти хайрия ташкил намуда, бо иштироки фаъоли мақомоти ноҳия ба иҷро мерасонем. Мақомоти ноҳия ҳам аз фаъолияти бахши ноҳиявӣ розианд.

Шояд ба ин мавзӯъ дигар барнамегаштам, чунки дар як ташкилоти муҳим кор мекунаму аз натиҷаи фаъолиятам ҳама розӣ буда, зиндагиам бо маром пеш меравад.

Вале пас аз он ки дар моҳи январи соли



2015 ба таври худпешбарӣ номзади интихоботи МН МО ҶТ шудам мавзӯи доғи судӣ доштанам дубора рӯ зад ва баҳонае шуд, ки маро аз рӯихати номзадҳо хориҷ кунанд. Дар ҳақиқат бароям аламовар буд, ваќте аз як иштибоҳи ҷузъӣ садде дар роҳам сохтаанд.

Дар ҳоле ки суди ноҳия бар асоси аризаам рӯзи 19 феврали соли 2007 ин масъаларо баррасӣ карда, мутобиқ ба талаботи қ.3, банди "Б"- и моддаи 84 КҶ ҶТ ба ин далел нисбати онҳое, ки ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд, бо гузашти як сол пас аз тамом кардани мӯҳлати таъиншуда ҷазо барҳам меҳӯрад, доғи судиро аз ман бардошт.

Аммо дар охирин рӯзи бақайдгирии номзадҳо маро бо баҳонаи доғи судӣ доштан аз рӯихат баровularанд, Рӯзи эълони ин хабар якшанбе буду ба ҳеҷ куҷо муроҷиат карда натавонистам. Пас аз чанд рӯз ба ман санад доданд, ки протоколи комиссияи ҳавзавии интихобот дар бораи бақайдгириам бар асоси эътирози прокуратураи ноҳия бекор шудааст.

Бар асоси шикояти ман Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ ҳам ба ман посух навишт, ки тибқи қ.4, банди4-уми моддаи 26 Қонуни конститутсионии ҶТ "дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин гунаҳкор шудаанд, новобаста аз оне, ки мӯҳлати доғи судии он бардошта шудааст, ҳаққи номзад ба вакили Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ шуданро надоранд.

Аз рӯи гуфти мутахассисон, он иштибоҳе, ки замони раиси ҷамоат буданам содир шудааст, на тибқи талаботи КҶ, балки бар асоси Кодекси маъмурии ҶТ бояд баррасӣ мешуд. Аммо ҳар чӣ буд, гузашт ва коргардонҳое, ки тарҳи бадномии маро кашида буданд, ба мақсадашон расиданд. Аламовар ин аст, ки ман ба касе зарар нарасондам, аз касе чизе нагирифтаам ва ҳатто он порчаи заминe, ки ба ду муаллима тақсим карда додам, дар ҷояш боқӣ буда он вақт пас аз муҳлати доддоҳ ба ҳолати аввала баргардонда шуду онро ба ҳеҷ ҷое набурдаанд (баъдтар ин қитъаҳои замин ба дигарон дода шуда ва онҳо сохтмон карданд).

Ба ин хулоса расидаам, ки ин ҳама, бадкориҳои бадхоҳон нисбати ман баъд аз он сохта шуд, ки дар як чорабинии, ки дар сатҳи ноҳия баргузор гардида роҳбарияти Ҳукумати кишвар пас аз он ки аз авлоди шодравон Турсун Ӯлҷабоев буданамро донистанд, бо ман самимона суҳбат карда, барои корамро хостанд.

Дар даврони раиси ҷамоат будан ҳамеша дар фикри ободии маҳалла будам. Даромадгоҳи ҳеҷ ҷамоат дарвоза надошт, вале мо дар баробари таъмири роҳҳои асосӣ дарвозаи баланд ва зебое сохтем. Дар ғаму шодии мардум дар паҳлуяшон будам, гапам ба ҳар кас мегузашт. Як сомонӣ барои иҷрои ин тарҳ аз буҷа харҷ накардам, дили мардум ва соҳибкоронро ёфта, ҳамроҳ бо фаъолон ин корро анҷом дода дар рӯзҳои ҷашни Истиқлол соли 2003 бо иштироки мақомоти ноҳия дарвозаро ифтитоҳ кардем.

Агар дар даврони раиси ҷамоат будан дар фикри фоидаи шахсӣ ва истифода аз мансаб мебудам, ҳоло дар чанд ҷой замини шахсию хоҷагии деҳқонӣ медоштам ва акнун бо се фарзанд дар манзили падарӣ ва бо модарам зиндагӣ намекардам.

Худоро шукр, имрӯз ҳам муҳтоҷи касе нестам, Мақомоти ноҳия ҳам кию чӣ кора буданамро медонанд. Аммо ҳар боре хоҳиши муроҷиат ба онҳо пайдо мешавад, масъалаи доғи судӣ пеши назарам меояд ва аз баёни дархости ба вазифаи дигари бароям муносиб пешниҳод шудан худдорӣ мекунам. Медонам, ки дар ноҳия кор барои мо, занҳо бисёр аст ва шароит барои фаъолияти хуб аз тарафи ҳукумат ҳам фароҳам шудааст.

Самимона мегӯям, ки ҳатман раис будан мақсади ман нест, балки мехоҳам бе доғ ва бо сари баланд бо ҷамъият бошам. Коре якҷоя бо онҳо барои ояндагон анҷом диҳем. Мардум ҳама корро барои ободӣ мекунад, ба шарте забони хуш дошта, ҳамроҳашон бошӣ. Аз таҷрибаи кор бо мардум медонам, ки халқ нерӯи бузурге буда, қудрати ободониро дорад.

Намехоҳам, солҳои пур аз нерӯи созандагиам доғдор даргузарад ва бегуноҳ бадном бошаму тақдири тағои раҳматиам, ки як замоне раҳбари Тоҷикистон буду бо туҳмат бадном шуд ва бо гузашти солҳо сафедаш карданд дар зиндагии ман такрор шавад.

Масъалаи доғи судӣ ин фақат мушкили ман набуда, доғе барои аҳли оилаамон низ ҳаст. Модарам, ки соҳиби 10 фарзанд буда ва 84 сола шудаанд, ҳоло ягона дарде, ки доранд, ҳамин доғи судии ман аст. Модарам, ки қариб нисфи умри худро бо алами доғи судии бародарашон Т. Ӯлҷабоев гузарондаанд ва фақат дар чанд соли пеш аз ин ин дард халос шуда буданд, ҳоло дар даврони пирӣ боз ҳамон дарду аламро доранд. Ҳарчанд намехоҳам, вале ӯ дарди маро дарди худ ва доғе, ки дорам, доғе ба обрӯю эътибори хонавода медонад. Мехоҳам, ки дар дами пирӣ модарам ин азобро надошта бошанд.

Аз саҳифаи ин нашрияи муътабар бо муроҷиат ба Раиси Суди Олии ҶТ муҳтарам Шермуҳаммади Шоҳиён хоҳиш мекунам, мунсифона барои аз роҳи қонунӣ ва мусбат ҳал шудани ин мушкил ба ман ёрӣ расонанд.

**Рисқинисо ХУДОЙБЕРДИЕВА,**
*деҳаи Адолат, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, н. Рӯдакӣ*

**ÀЗ ÈÄ ÎÐÀ: Номаи ин зани дар сатҳи як ноҳия шинохта, воқеан қобили андеша аст. Мо қабл аз он ки ин номаро ба нашр диҳем, каме таҳқиқ кардем. Аз суҳбат бо чанде аз сокинони ин ҷамоат маълум шуд, ки мардум аз ин раиси собиқ фақат хотироти хуш доранд. Баъзеҳо мегуфтанд: "Фаъолияти хубу наздик буданаш бо мардум шояд ба касе нафорид ва дар паи шикасташ шуданд".**

**Соҳиби вазифа шудану коре ба нафъи ҷамъият кардани ӯ ба ибтидои солҳое рост омада буд, ки бо ҳидояти Сардори давлат ба нақш ва ҷойгоҳи зан дар ҷомеа ва аз ҷумла дар сатҳи раҳбарии мақомоти маҳаллӣ таваҷҷуҳи бештаре дода шуд. Ба назари мо, ин дастуру ҳидоятҳо бо гузашти вақт ҳоло аҳамияти бештаре касб карда ва зарур аст, ки барои пайдо намудану ҷобаҷоии занони болаёқат ҳар ниҳод кӯшиши бештар ба харҷ диҳанд.**

**Дар робита ба гунаҳкор ва ё бегуноҳии Р.Худойбердиева аз мақомоти судӣ ва прокуратура хоҳиш мекунем бо анҷоми як ташхиси ҳуқуқӣ ин масъаларо ҷиддан баррасӣ кунанд. Сарфи назар аз он ки пушти ин қазия чӣ касе меистад, бояд як шахс ва модаре бо се фарзандро бинем, ки нангу номуси инсониаш дигар тобу тавони бардошти чунин як доғро надорад.**

# БАРТАНГИ БОЛО БА РӮШАНӢ НИЁЗ ДОРАД

*саҳ. 12*

Чунин ваъдаҳои умедворкунанда мардумро то ба имрӯз овардааст. Ва мардуми деҳа аз сахтии зиндагӣ, ба хусус, беҳезумӣ дар азобанд. Гузашта аз ин деҳаҳои Нисур, Рухч, Пасор, Бобпасор ва Ғудара бо барқ бо истилоҳ "қаҳрианд". Онҳо солҳост, ки рушноиро надидаанд.

Ҳар гоҳе бо ҷавонони деҳа, ки ба хотири ёфтани қути лоямут ба Русия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, дар тамос мешавам, фақат мепурсиданд, ки барқ шудаст ё не? Онҳо мегӯянд, ки агар барқ шавад, мо ҳатман ба ватан бармегардем. Чунки зиндагии тоқатфарсои ин ҷо моро шикаст дода истодааст. Чанд рӯз пеш ҳамсинфам (ёдаш ба хайр) чунин дарди дил карда буд, вале афсӯс ин орзуяшро ба гӯр бурд. Баъди се рӯзи ин суҳбатамон мурдаи ӯро аз Русия овардаанд.

Бояд гуфт, ки мушкилоти асосии мардуми болооби Бартанг надоштани барқ аст, ки на фақат сокинон аз набудани он азият мекашанд, балки ба вайроншавии табиати гирду атрофи онҳо низ таъсири калон дорад. Зеро дарахтону растаниҳои зиёде ба хотири набудани ҳезуми кофӣ сӯзонда мешаванд. Ва ҳамаи ин боиси вайрон шудани муҳити экологӣ, дар ниҳоят, нестшавии ҳайвонот ва паррандаҳо мегардад. Чунки дар деҳаи Рошорв ягон саҳро ва пуштааш намондаст, ки пайи сокинонаш барои ҷамъоварии ҳезум ба он ҷо нарасида бошад. Ҳатто то ба наздикии қуллаи кӯҳ ва барфҳо ҳам мардум ба табару арраи худ расидаанд. Онҳо муътақид бар онанд, ки агар аз барқ таъмин гарданд, аз 100 70%-и мушкилиашон ҳал мегардад. Зеро агар дар асрҳои гузаштаи дур 60%-и мушкилиҳои одамонро оташ ҳал



мекард, имрӯз чунин вазифаро барқ бар дӯш дорад. Чунки дар ҳама ҷо ва дар ҳамаи давру замонҳо нақши рӯшноӣ дар зиндагии инсонҳо ҳамеша назаррас буд ва маҳз дар ҳолатҳои мухталиф, чӣ ба маънои аслӣ ва чӣ ба маънои маҷозиаш рӯшноӣ ҳаст, ки инсониятро то ба дараҷаи баланди пешрафту тараққиёт оварда расонд.

Бинобар барои мардуми деҳаҳои болооби Бартанг набудани барқ мушкилест, ки солҳои дароз сокинонаш аз набудани он дар азобанд. Умедворем, рӯзе ин масъалае, ки тӯли солҳо ҳалли худашро наёфт, ҳал мегардад. Сарвари давлат таи чанд сол аст, ки кӯшиш дорад, бо сохтани неругоҳҳои хурду бузург тамоми минтақаҳоро аз барқ таъмин кунад. Ва ин ташаббуси наҷиб, албатта ба зудӣ то ба кӯҳистони дурдаст, аз ҷумла, водии Бартанг низ рафта мерасад. Чун агар ҷомеае дар чунин асри пешрафти илму техника аз дастовардҳои фаннӣ бенасиб монад, ин боиси қафомонӣ аз тамаддуни ҷаҳонӣ ва дар охир сабаби реша гирифтани ҷаҳолату нодонӣ мешавад. Ин аст, ки сокинони ин деҳаҳо умеди калон доранд, ки рӯзе Президенти кишвар барои раҳоӣ ёфтани сокинон аз мушкилии бебарқӣ чораҷӯӣ хоҳад кард, зеро ӯ солҳост, ки ба муқобили ҳама гуна зулмоту торикӣ мубориза мебарад.

**Гулҳаё МАДИМАРОВА**



# ЧӢ ГУНА АЗ ФИШОРБАЛАНДӢ РАҲО ЁБЕМ?

**Баландшавии фишори хун яке аз бемориҳои маъмулӣ маҳсуб гардида, барои рафъи он бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад. Зеро бар асари баландии фишор ҳар яки мо метавонем мубталои бемориҳои инсулт, инфаркти миокард, номураттабии фаъолияти дилу гурда ва дигар узвҳои бадан шавем. Баландии фишори хун босираро заиф намуда, дар баъзе ҳолатҳо ба нобиноӣ низ оварда мерасонад.**

**АКСАРИ** одамон баландшавии фишорро пайхас намекунанд ва беҳуда ҳам нест, ки ин бемориро "марги нуҳуфта" мегӯянд. Аломатҳои асосии фишорбаландӣ дарди сар, чарх задани он, ташнагӣ, кори номураттаби дил, дарди қафаси сина, баландии аз меъёр зиёди ҳиссиёт мебошад.

Новобаста ба он, ки дар бораи оқибатҳои ҳузнангези фишорбаландӣ бисёр мегӯянду менависанд, то ба имрӯз дар ҷомеа ба ин намуди беморӣ аҳамияти зарурӣ дода намешавад.

"Инсон ба фишори баланди хун то он вақте, ки дучори беморӣ нашавад, диққат намедиҳад. Ҳол он ки агар фишори хуни шумо аз 130/85 mm Hg боло бошад, ин аллакай аз баландии он дарак медиҳад", - ёдовар мешавад, мутахассиси клиникаи Premium Medical Датс Цибул.

**НОМБУРДА ТАЪКИД МЕКУНАД, КИ:**

**- ҳар саввумин сокини сайёра гирифтори бемории фишорбаландӣ (40%) асту ин раванд тамоили афзоиш дорад;**

**-фишорбаландии хун миёни мардон бештар ба мушоҳида мерасад;**

**-13 % ҳолати фавти беморон бар асари фишорбаландӣ рух медиҳад.**

### ФИШОРИ БАЛАНДИ ХУН АЗ КУҶО САРЧАШМА МЕГИРАД?

**ЯКЕ** аз омилҳои асосии баланд шудани фишори хун истеъмоли хӯрок мебошад. Риоя нашудани меъёри истеъмол аз истифодаи маводи равғандор, равғани ҳайвоноту растанӣ, қаймоқ, рӯи шир, меваи бархе аз дарахтон сарчашма мегирад. Дар радифи ин намуди маводи равғандор паниру ҳасиб, қандҳои шоколадӣ ва амсоли инҳо, ки дорои калорияи баланд ҳастанд, боиси баланд шудани фишори хун мегарданд.

### НАМАК - МАНБАИ АСОСИИ ФИШОРБАЛАНДӢ

**МУТАХАССИСОН** истеъмоли намакро дар як шабонарӯз 4-5 грамм тавсия медиҳанд. Ин дар ҳолест, ки ҳанӯз аз синни хурдӣ аксари мо бо истеъмоли маводи мухталиф аз ин меъёри нишондодашуда ба маротиб бештар намак истеъмол менамоем.

Бештари маводи хӯрока дар баробари равғаннокии худ дар таркиб намак доранд. Ин дар ҳолест, ки тавлидгарони маводи хӯрока барои ҳар чӣ бештар истифода бурдани намак дар таркиби маҳсулот ҳавасманд мебошанд, зеро ин намуди кислота майли истеъмолро афзун ва рағбати истифодаи обҳои ташнашиканро ба маротиб зиёд мегардонад. Ва ин ба манфиати тавлидгарон аст.

Агар мо аз истеъмоли намак ҳар чӣ бештар даст кашем, барои сиҳатии тан замина гузошта метавонем, зеро истифодаи аз меъёр зиёди намак пеш аз ҳама ба гурда, рагҳои хунгард ва бофтаҳои ҷисм зиён мерасонад. Таҷрибаи сокинони кишварҳои Ҷопон, Британияи Кабир ва Финляндия дар ин бахш мавриди омӯзиш аст. Дар кишварҳои номбурда дар асоси барномаҳои давлатӣ истеъмоли ҳар чи камтари намакро амалӣ намуда, ба нишондиҳандаи назаррас ноил гардиданд. Яъне, дар ин кишварҳо шумораи фавтидагон аз бемории инсулт то 80 фоиз поён рафтааст. Истеъмоли ками намак ба нафарони вазни зиёддошта, ки гардиши хунашон аз меъёр зиёд аст, фоидаи бештар овардааст.

### АЛКОГОЛ ГАРДИШИ ХУНРО МЕТЕЗОНАД

**АҚИДАИ** нодурусте роиҷ аст, ки гӯиё алкогол гардиши хунро паст мекунад. Истифодаи андаки маводи алкоголӣ шояд ба фишор таъсире надошта бошад, вале истеъмоли зиёди он таппиши дилро тезонида, гардиши хунро зиёд мекунад.Яқин аст, ки ҳар қадаре дил бештар кор кунад, ҳамон қадар ҳаракати хун дар рагҳо бештар мешавад. Дар баробар ин дар таркиби машруботи спиртӣ маводи биологиву консентратҳои ба организм зиёновар мавҷуданд, ки хоҳу ноҳоҳ ба саломатӣ таъсири манфӣ расода метавонанд.

### МЕВАЮ САБЗАВОТ - ТАЪМИНКУНАНДАИ КАЛИЙ

**КАЛИЙ** дар организм чун нейтрализатори натрий хизмат карда, дар мураттабсозии ҷараёни хуни рагҳо нақши назаррас дорад. Мусаллам аст, ки калий дар таркиби меваю сабзавот, зардолу чормағз, банан ва картошка зиёд асту истеъмоли онҳо таъминкунандаи моддаи калий дар бадани мост.

Заҳмати фикрӣ ва камҳаракатӣ ба беморӣ мубтало мекунад.

Зиндагии имрӯза тақозо мекунад, ки мо вазифаи дар наздамон гузоштаро новобаста ба гаронии он ба ҷо оварем. Дар бораи нафароне, ки ба меҳнати зеҳниву ақлонӣ сару кор доранд, ҳоҷати гап нест. Мутаассифона, аксари одамони ба меҳнати фикрӣ банд гардида, имкон, шароит ва ё ҳавсалаи ба меҳнати ҷисмонию варзиш машғул шуданро надоранд. Бо нафарони ба меҳнати эҷодиву фикрӣ машғул будаи дучори ҳолатҳои асабоният шуда, тавсия дода мешавад, ки роҳҳои самараноки ба ҳолати муътадил овардани асабро пайдо карда тавонанд. Беҳуда ҳам намегӯянд, ки кори тан саҳл аст, фикри дил кунед.

### БЕКОР ШИНӢ - БЕМОР МЕШАВӢ

**ИСБОТ** шудааст, ки 68 фоизи нафарони ба бемории гипертензий мубтало гардида вазни аз меъёр зиёд доранд. Вазни барзиёд водор мекунад, ки қалб аз меъёр бештар таппиш кунад. Фаъолияти аз меъёр фузуни дил ба фишорбаландӣ мубтало карда, оқибати шарёни хун ба бемории хавфнок оварда мерасонад.

### ТАМОКУКАШӢ МАНБАИ БЕМОРИСТ

**НАФАРОНЕ,** ки солҳои тӯлонӣ носу сигор истеъмол мекунанд, хоҳу ноҳоҳ дучори беморӣ мешаванд. Агар рагҳои хунгарди марди сигоркаш бо мурури замон фарсуда шаванд, пардаҳои луоби даҳони нафари носкаш заҳролуд гардида, моддаҳои таркиби нос ба системаи рагҳои хунгард, меъдаву системаи асаб таъсири манфии худро мегузоранд.

### БА ТАБОБАТ АЗ КАЙ ОҒОЗ НАМОЕМ?

**НОВОБАСТА** аз вазъи сиҳатӣ фишорбаландиро ҳатман бояд табобат кард. Зеро фишорбаландӣ тӯли чанд сол метавонад ба тамоми узвҳо таъсири манфӣ расонад. Бо дарназардошти он, ки вазни аз меъёр зиёд омили асосии фишорбаландӣ буда метавонад, риояи истифодаи ғизо чун маҳаки асосии пешгирии фарбеҳӣ ва баландшавии фишор аст. Коршиносон ҳатто дар сурати 130-139/85-90 mmHg будани фишор тавсия медиҳанд, ки вақти табобат фаро расидааст. Зеро пешгирии фишори баланди шарён афзалтар аст аз гирифтор шудан ба ин ё он намуди бемории ишемияи дил.

### ГАРДИШИ АЗ МЕЪЁР ЗИЁДИ ХУНРО ЧӢ ТАВР ТАБОБАТ КУНЕМ?

**БАРОИ** он ки хавфи мубтало шудан ба бемориҳои хавфнок пешгирӣ карда шавад, тавсия он аст, ки пеш аз ҳама гардиши хун дар рагҳои шумо муътадил бошанд. Агар шумо хоҳиши муътадил нигоҳ доштани фишори хунатон бошед, пас табибони соҳибтаҷриба тавсия медиҳанд, ки намакро ҳар чи камтар истеъмол кунед. Кӯшиш намоед, ки аз кашидани сигору нос худдорӣ кунед. Ба тарбияи бадан машғул гардидан василаи муҳими бардамии шумо буда, истироҳату фароғатро аз ёд набароред. Фаромӯш накунед, ки вазнатон аз меъёри муқаррарӣ бештар набошаду аз истеъмоли машруботи спиртӣ ҳаддалимкон худдорӣ кардан ба манфиати саломатист. Ба ҷо овардани ин тавсияҳои олимони соҳа бешубҳа ба сиҳатии бардавоми шумо, пеш аз ҳама муътадил нигоҳ доштани гардиши хунатон ёрӣ мерасонад.

Ногуфта намонад, ки табобати фишорбаландӣ кори саҳлу содда нест ва дар мавриди аз ҷониби табибон тавсия шудани истеъмоли дору онро ҳатман бояд ба ҷо овард ва ё аз гиёҳҳои шифобахши диёри азизамон, ки табиат онро арзонӣ доштааст, пайваста истифода бояд намуд.

*Таҳияи* **М. МАҲМУДОВ**

# БА ГАРМӢ ЧӢ ГУНА ТОБОВАР ШАВЕМ?

*Тобистони гарм ҳар шахси "мана ман" мегуфтагиро ҳам мешиканад. Агар ба шароити гармои ин фасл одам худро мутобиқ накунад, ба иловаи азоб ва мушкили ҳамарӯза сахтиҳои дигареро ба монанди боло рафтани фишор, беҳолӣ, аз бинӣ хун омадан ва дилбеҳузурӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд.*

**ПАС чӣ бояд кард?** Бисёриҳо дар ин рӯзҳо наҷот аз гармиро дар об мебинанд, ки дуруст аст.

Агар имкон бошад, бар иловаи обу оббозӣ, нӯшидани то 3 литр об дар тӯли рӯз як роҳи муносиби мутобиқ шудан ба гармо аст.

Агар шумо эҳсос мекунед, ки ин миқдор кофӣ нест, аз ин бештар об бихӯред ҳам зарар надорад. дар назар бояд дошт, ки бо арақи бадан аз ин зиёд об дар ин рӯзҳо аз ҷисм хориҷ мешавад.

Бо нӯшидани оби зиёд мо миқдори лозими микроэлементҳои баданро ҳифз мекунем. Аммо оби зиёд нӯшидан ҳам ба дили кас мезанад, бинобар ин агар шароит дошта бошед, нӯшобаҳое бо истифода аз меваҳои порашуда тайёр карда дар давоми рӯз бихӯред.

Дуғоб, бо резаи бодиринг ва райҳону кабудиҳои дигар низ дар ин рӯзҳо барои ҷисм гуворо ва форам аст.

Ҷисми инсон дар ин шабу рӯз барои ҳазми хӯроки сахт чандон фаъол нест, ки ин боиси лоғар шудан ва коҳиш ёфтани захираи сафеда дар бадан мешавад, аммо барои таъмини фаъолияти босамар нигаҳдории захираи сафеда ва нерӯмандии ҷисм зарур аст. Бинобар ин дар ин мавсим аз рӯи барномаи махсус бояд ғизо хӯрд. Субҳона бояд сабук бошад, вале метавонем хӯроки ширӣ ва ғизоҳои аз тухми мурғ ва сабзавот тайёршударо бештар истеъмол кунем.

Салат ё хӯриши таҳияшуда аз меваю йогурт барои ин давра муносиб аст.

Нимарӯз барои хӯрдани шакароби тайёршуда аз помидор, пиёз, бодиринг ва мост (ҷурғот) мутобиқ аст.

Аслан дар рӯзҳои гарм зиёд хӯрдани гӯшту хӯрокҳои бирён ва рӯғанӣ аз ҷумла оши палав маслиҳат нест. Ба хусус бегоҳӣ аз чунин ғизоҳо дурӣ ҷӯед.

Ба ҳар ҳол вобаста ба имконоте, ки доред, хӯрдани хӯроки аз гӯшти мурғ, моҳӣ ва сабзавоту меваҳо тайёршуда муфид аст.



Шароити табиии Тоҷикистон барои мо дар ин давра анвои меваҳои хуштаъмро фароҳам мекунад ва истифода набурдан аз онҳо ҷабре ба иштиҳою ба ҷисм, ношукрӣ нисбат ба ин неъматҳои худододӣ аст. Аз хӯрдани мева кори мағзи сар танзим шуда, ҷисм серҳаракатии худро нигоҳ медорад.

Аммо аз истеъмоли қанд, шакар ва шириниҳои дигар худдорӣ кардан барои ҷисм беҳтар аст, зеро анвои хӯрданиҳои ширин боиси бештар арақ кардани бадан шуда одамро ланҷ мекунад.

Агар дилатон майли яхмос дошта бошад, онро барвақт ва то нимарӯз бояд бихӯред.

Хӯришҳоро тару тоза ва пас аз реза кардан зуд ва вайрон нашуда бихӯред.



Агар дар тобистон либоси сабук ва аз матоъҳои пахта, шоҳӣ ва катон (лен) дӯхташударо пӯшед, баданатон роҳат карда тасфи ҳаворо камтар эҳсос мекунед.

Одамони каммӯй ва калонсол ҳатман сари худро бо кулоҳ бояд бипӯшанд, вагарна аз гармии офтоби сӯзон осеб диданашон мумкин аст. сари кӯдаконро ҳам вақти дар ҷойҳои офтобӣ гаштан ва бозӣ карданашон ҳатман бипӯшнед, то нури офтоб назанд.

Аз корҳое, ки ба дил ва ҷисм фишор ворид мекунанд, худдорӣ шавад ва дар сурати зарурат ин гуна фаъолиятҳо ба ҳадди ақал дар барномаи рӯз бояд кам бошад.

Агар имкон бошад ду бор дар рӯз - саҳару бегоҳ оббозӣ кардан ҳам аз манфиат холӣ нест.

Муҳимтар аз ҳама бояд дар ёд дошт, ки обу ҳавои тамоми рӯзҳои тобистон ба он дараҷае, ки гумон мекунем, тоқатфарсо нест ва аз ҷиҳати равонӣ ҳам омодагӣ бояд дошта бошем, ки ин гармиҳо ҳама гузарон аст. Ба ҳар сурат ба нафъи худу босамар истифода бурдан аз гармои тобистон коре аст, ки ҳар кадоме аз мо метавонад бикунад.

Ба ҳар ҳол гармӣ, ки дар ин шабу рӯз гоҳе боиси нороҳатиамон мешавад, беҳтар аз сардӣ аст.

**Таҳияи Ю.СОЛЕҲ**

Ҷонвари обухокӣ, ғук
Рӯзноманигор
Нашъунамо, рушд

СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Я | ■ | ■ | К | ■ | ■ | А | ■ | В | ■ | Л | ■ | ■ | Р |
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Х | О | Н | А | Д | О | Р | Ш | А | В | И | ■ | ■ | У |
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | М | ■ | ■ | Р | ■ | Т | ■ | А | ■ | ■ | М | У | Р | Ч |
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | О | Д | И | Л | ■ | Т | А | М | О | К | У | ■ | ■ | К |
| К | А | Р | А | Б | А | С | ■ | ■ | С | Ш | А | ■ | Ъ | ■ | А | ■ | А | П | А |
| ■ | ■ | И | ■ | ■ | Н | ■ | ■ | ■ | О | ■ | В | ■ | ■ | О | Р | Д | ■ | О | ■ |
| ■ | ■ | Ш | А | С | Т | ■ | К | А | Н | Д | А | К | О | Р | ■ | И | ■ | Р | ■ |
| Г | ■ | А | ■ | ■ | О | Ҳ | У | ■ | ■ | О | ■ | А | ■ | Б | А | Н | Д | А | Р |
| А | Б | Р | А | ■ | Н | ■ | К | А | В | С | А | Р | ■ | А | ■ | ■ | ■ | ■ | А |
| М | ■ | ■ | С | ■ | И | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | Р | К | ■ | ■ | ■ | ■ | М |
| Б | Е | С | О | М | О | Н | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Н | ■ | А | ■ | ■ | ■ | ■ | А |
| У | ■ | У | ■ | У | ■ | И | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Т | У | Й | ■ | ■ | ■ | ■ | З |
| Р | ■ | Б | ■ | С | ■ | Н | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | И | ■ | Т | ■ | ■ | ■ | ■ | О |
| Г | А | Ҳ | В | О | Р | А | Ҷ | У | Н | Б | О | Н | ■ | Е | Р | Е | В | А | Н |

Онро варзишгар мебардорад
Ҳамсояи Латвия
Муқобили боло
Заҳ
...и Абубакр, овозхон
Таъҷилан, зуд
Мас-саж
Футболбоз ё гӯштингир
Карашма, ишва
Кайфу сафо - ...у ишрат
Рангубори рӯи актёр
Аз он борон мебoрад
Шабакаи ТВ-и Русия «...-Планета»
Мехи печдор барои болт
Моҳи шарифи ислом
Шакли арабии номи Александр (Мақдунӣ)
Қанди машҳури шӯравӣ
Эътиқод ба дин
Номи мардона
Ҳиссаи нутқ, ном
"И"-и дароз ё ...
«Кофе» ба тоҷикӣ
Санъати танқид бо ханда
Дар латифа «как шакар, только шӯр»
Ҷуфт барои мард
Студияи мултфилмҳои амрикоӣ
Сарҳад
Рӯзномаи «Варзиш- ...»
Кӯл дар Арманистон
Панҷаи дасти барои задан тайёр
Домод дар рӯзи тӯй
Тамғаи яроқи Калашников



Газҳои атрофи Замин
Қадраш аз медал боло
Шакли пурраи номи Оля
Забони Яману Ироқ
Ҳайвони ширхӯри дарранда
Донандаи касби худ
Ноҳия дар вил. Суғд
Забони тоҷикии Афғонистон
Модар (лаҳҷ.)
Паррандаи гӯё
Оҳуи шимолӣ
СММ ба русӣ
«Д»-и арабӣ
«Гапи бисёр – як хара ...»
Кирми ...

## Инсоф

***Инак, ҳафтаи дуввум аст, ки султони моҳҳо - моҳи Рамазон, ки аҳли ислом онро моҳи раҳмату мағфират мехонанд, фаро расидаву ҳар фарди мусалмон тибқи фармудаҳои илоҳӣ ва аҳодиси шарифи марбут ба ин моҳ фаъолият намуда, тақвову парҳез мекунанд ва амалҳои хайр анҷом медиҳанд. Имрӯз ҳар оне, ки худро аз аҳли дини мубини Ислом мешуморад, хуб медонад, ки моҳи шарифи Рамазон билкул аз раҳмату мағфирати Парвардигори олам иборат буда, бо фаро расидани ин моҳ дарҳои дӯзах баста ва дарҳои биҳишт боз мегарданд. Баробари он, ки моҳи Рамазон моҳи эҳсон, хайру саховат, раҳмату мағфират аст, дар ин моҳ гуноҳҳо омурзида ва дуоҳо иҷобат мегарданд. Муслимини олам бузургии ин моҳро дар он мебинанд, ки маҳз дар ин моҳи муборак китоби муқаддаси Қуръон нозил шудааст. Аз ин хотир, мусулмонони ҷаҳон барои дарёфти ризои Худованд дар доираи фармудаҳои илоҳӣ амалҳои хайрро ба анҷом мерасонанд.***

# РИОЯИ ИНСОФ БО ИБОДАТ БАРОБАР АСТ

Я**КЕ** аз амалҳои хайр, ки анҷоми он дар сартосари олам миёни мусалмонон ба ҳукми анъана даромадааст, хайру садақа, коҳиш додан ва ё паст намудани нархи молу маҳсулот аст. Албатта, мақсад аз даст задан ба тиҷорат дарёфти манфиат аст. Вале дар кишварҳои мусалмонии дунё низ тоҷирону савдогарон бо нияти ба даст овардани манфиат аз тиҷорат тамоми сол бо нархи муътадил савдо намуда, маҳз дар моҳи Рамазон бо хотири дарёфти савоб ва анҷом додани амали хайр нархи молу маҳсулоти хешро паст менамоянд. Яъне рафтори ин гуна тоҷирон тибқи ахлоқ ва одоби исломӣ сурат мегирад. Зеро анҷом додани ҳар амали хайр ва садақа бо хотири як навъ кӯмаки иқтисодӣ ба бародари муъмини худ аст.

Мутаассифона, одати хариду фурӯши мардуми мо дар моҳи шарифи Рамазон далолат аз он мекунанд, ки тоҷирону савдогарони мо бараъкси гуфтаҳои боло рафтор мекунанд. Баъзе савдогарон бо хотири дарёфти фоидаи бештар молу маҳсулоти хешро захира ва дар моҳи шарифи Рамазон онро бароварда бо нархи дучанд мефурӯшанд. Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад: Пайғамбари Худо (с) фармудаанд: "Ҳар касе ба муддати чил шабонарӯз таомеро эҳтиёт ва захираанадӯзӣ кунад, дар воқеъ аз Худо безорӣ ҷустааст ва Худо низ аз ӯ безор аст".

Бояд гуфт, ки захира намудани мол бо мақсади фурӯхтан бо нархи дучанд аслан як навъ рибо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, кам дода бисёр гирифтан, фиреб дар тарозу низ рибо ба ҳисоб рафта, рибо буда, яке аз гуноҳҳои бузург ба ҳисоб меравад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксаран тоҷирону савдогарон дар арафаи иди саиди Фитр нархи маҳсулоти ғизоиро ба маротиб баланд мебардоранд. Шахсияти ин гуна савдогарон дар ҳадиси Умар ибни Хаттоб (р) чунин баён мегардад:

Пайғамбар (с) фармудаанд: "Ҷалбкунанда (воридкунандаи маводи ғизоӣ) баҳрманд ва муҳтакир (захиракунанда) малъун аст". Яъне дини мубини Ислом ин гуна шахсиятҳоро муҳтакир хондааст ва аз қавли Пайғамбари гиромӣ Худованд онҳоро лаънат хондааст.

Фиқҳи исломӣ мегӯяд, ки сафар бо мақсади тиҷорат аслан касби маош аст. Лекин барои ҳар шахси оқил муносибтар он аст, ки дар ин сафар низ нияти дин дошта бошад, зеро тамоми кору бори дунё вақте иродаи динӣ ва нияти нек ба он соя афканад, ибодат ба ҳисоб меравад. Масалан, тоҷир барои тиҷорат бо ин ирода берун шавад, то нону нафақаи шахсонеро, ки шариат сарпарастии зиндагии онҳоро бар гарданаш гузоштааст, ба даст оварад ва онро дар корҳои хайр ба масраф расонад.



Тоҷирони мо, ки худро мусалмон мехонанд, бояд дар хотир доранд, ки захираандӯзӣ кардани маводи ғизоӣ аз нигоҳи фиқҳи исломӣ макрӯҳи таҳримӣ аст. Зеро ин амал сабаби боло рафтани нархҳо гардида, мардум молу маҳсулоти мавриди ниёзи хешро бо мушкилоти зиёде дастрас мекунанд. Пас биёед, бародарони муъмину мусалмон, бо итоат ба фармудаҳои Худованд, аз бархе амалҳо, ки шарҳи онҳоро дар навиштаҳоямон овардем, худдорӣ намоем, бахусус аз захираандӯзии молу маҳсулот, маводи ғизоӣ ва ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи онҳо. Яқин аст, бар ивази ин иродаи худ шумо ҳатман аз ҷониби Худованд аҷру савоби бузурге подош хоҳед гирифт.

**Нурулло ТУРСУНОВ,**
*мудири бахши дини мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода*

## Варзиш

***Дар шаҳри Остона мусобиқоти футбол барои дарёфти Ҷоми президенти Қазоқистон миёни наврасон (U-16) идома дорад.. Дар он 8 даста дар ду гурӯҳ бо ҳам рақобат мекунанд.***

# НАВРАСОНИ ТОҶИК БОЗИРО БОХТАНД

Ба гурӯҳи "А": Қазоқистон, Испания, Тоҷикистон, Қирғизистон ва ба гурӯҳи "В": Русия-2, Беларус, Озарбойҷон ва Гурҷистон шомиланд.

Мусобиқа рӯзи 22 июн оғоз шуд. Он рӯз мунтахаби наврасони футболи Тоҷикистон бар дастаи Испания бозиро бо ҳисоби 0:3 бохт.

Дар дақиқаи 13-уми нимаи аввали бозӣ Миян Алехандро аввалин шуда ҳисобро кушод. Баъдан дар нимаи дувуми бозӣ Сан Барталонэ ва Хуан Брандарис ду тӯби дигарро вориди дарвозаи Тоҷикистон карданд.

Бозиҳои дигари ин гурӯҳ он рӯз бо чунин натиҷа анҷом ёфтанд:

**Беларус - Озарбойҷон - 1-3**
**Русия-2 - Гурҷистон - 0-2**

Мунтахаби наврасони Тоҷикистон дар гурӯҳи "А" бозии навбатиро рӯзи 23 июн бо тими Қирғизистон баргузор карда, бо натиҷаи 2:1 ғолиб омад. Вохӯрии дигари футболбозони тоҷик пагоҳ, 25 июн, бо мунтахаби Қазоқистон доир мешавад.

Ғолибони гурӯҳҳо ба бозии ниҳоӣ роҳ меёбанд. Дастаҳои дигар барои ҷойҳои минбаъда талош мекунанд.

Маблағи ҷоизаҳои мусобиқа 20 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ғолиби мусобиқа ба ҷуз Ҷоми президенти Қазоқистон бо 10 ҳазор доллар сарфароз мегардад. Дастае, ки ҷойи дуввумро мегирад, бо 6 ҳазор доллар мукофотонида мешавад. Барои ҷои сеюм 4 ҳазор доллар муқаррар шудааст.

Ҳайати Тоҷикистон аз чунин бозигарон иборат аст: **Далер Азизов, Сироҷиддин, Ҳусейнов, Зиёвуддин Фузайлов, Султоншо Мирзоев, Ҳусейн Нурматов, Маҳмадзарифи Абдураҳим, Ваҳдат Ҳаннонов, Аваз Камчинов, Фаридун Неъматов, Искандар Солиев, Саидмухтор Азимов, Аслам Камолов, Шервонӣ Мабатшоев, Амир Иброҳимов, Исломиддин Ғоибов, Шамсулло Ҷӯраев, Рамз Амрохонов, Мубинҷон Муъминов.**

Бозиҳои ниҳоӣ рӯзи ҷумъа, 26 июн, доир мешавад.

**А.ҶӮРА**

## "ИДЕАЛ" - ДАР ҲАҚИҚАТ ХАРОБ МЕШАВЕД!



"Идеал" -фитомаҷмӯи гиёҳӣ буда:
**- ба ҷабидани равған дар организм монеа мешавад;**
**- холестеринро аз меъда бароварда ба таҷзияи он мусоидат мекунад;**
**- таъсири нарми дарунронӣ дорад;**
**- хориҷшавии моддаҳои зарароварро аз организм метезонад;**
- Боз аҷоиботи "Идеал" дар он аст, ки он на танҳо вазнро кам мекунад, балки ҳусну зебоии танро ба меъёр меоварад.
Дар интернет **"Идеал"**-ро ҷӯё шавед ва худ шоҳиди таъсирнок будани он гардед.
**ИСТИФОДА:** Аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол (марду-зан) аз 1-то3 donача 1 бор дар як рӯз шабона ҳангоми хӯрок, давомнокӣ аз 30 то 60 рӯз.
***АЗ ДОРУХОНАҲОИ ШАҲР ПУРСОН ШАВЕД!***

***МОЛ ДОРОИ СЕРТИФИКАТИ МУТОБИҚАТ АСТ.***

## "ТОКСИДОНТ МАЙ": - ДАВОИ МАСТОПАТИЯ ВА МИОМАИ БАЧАДОН



Олимони Русия фитомаҷмӯеро омода намудаанд, ки ҷиҳати тоза намудани бадан (хун) аз моддаҳои заҳрнок, табобати тарбод (ревматизм)-у миёндард ва ниқрис (подагра), бахусус, бемориҳои занонаи мастопатия ва миомаи бачадон ҳамто надорад. Инчунин дар тибби халқӣ онро барои суръат бахшидани мубодилаи моддаҳо, кам намудани вазн ва коҳиш додани миқдори қанд дар хун истифода мебаранд. Дар таркиби ин даво моддаи аспарагин кашф гардидааст, ки инкишофи ҳуҷайраҳои саратониро бозмедорад. **"ТОКСИДОНТ МАЙ"** бӯй ва таъми хуш дошта, ба зудӣ дар об маҳлул мегардад. Таркиби хунро беҳтар гардонида, бемориҳои сироятӣ, иллатҳои пӯст ва захмҳоро шифо мебахшад. **"ТОКСИДОНТ-МАЙ"** давои беҳамтост ва комилан безарар аст!

**Тарзи истеъмол:** Ба марду зан 1 қошуқча дар 1 истакон об омехта, 3 маротиба дар 1 рӯз.

**Тарзи фӯрӯш:** хариди он аз дорухонаҳо ва истеъмоли он бе дорухати духтур иҷозат аст.

**Телефон барои маълумот:** 918 47 93 93

***МОЛ ДОРОИ СЕРТИФИКАТИ МУТОБИҚАТ АСТ.***

## БО "УРИСАН" БАРДАМОНА ҚАДАМ БИЗАН!



Вуҷуди инсон аз банду буғумҳо иборат аст ва бемориҳои илтиҳобии банду буғумҳо - варампай(артрит), артроз ва ниқрис(подагра- сурхшавӣ ва сӯзиш) аслан бемориҳои хеле тӯлонӣ буда, ашхоси гирифтори ин бемориҳо зиёд дард мекашанд. Барои эшон ҳама гуна ҳаракат бо душворӣ муяссар мешавад, бахусус, роҳгардӣ. Бархе ҳар сол чанд маротиба дар бемористонҳо табобат мегиранд. Вале акнун **"УРИСАН"**- давои воқеан таъсирбахши ин бемориҳо низ пайдо гардид.

**"УРИСАН"** аз растаниҳо омода шуда, комилан безарар аст ва илтиҳоби узвҳоро рафъ сохта, бемориҳои варампай(артрит), артроз ва ниқрис(подагра)-ро шифо мебахшад. Ҳамзамон ҳаҷми таҳшиншавии намаки кислотаи пешобро дар хун ва банду буғумҳо коҳиш медиҳад. Бинобар ин, агар шумо аз дарди буғумҳо раҳоӣ ёфта, бардамона қадам задан хоҳед, ҳатман аз **"УРИСАН"** истифода баред. Бо **"УРИСАН"** бардамона қадам бизан! **Истифода:** ба калонсолон 2 капсула 2 бор ё ин, ки 5 пилюлагӣ 2 бор дар як рӯз, ҳангоми хӯрок. **Давомнокӣ:** 3 ҳафта. **Тарзи фӯрӯш:** хариди он аз дорухонаҳо ва истеъмоли он бе дорухати табиб иҷозат аст.

***МОЛ ДОРОИ СЕРТИФИКАТИ МУТОБИҚАТ АСТ.***

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj
*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:** Хусрав Дӯстов
**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 48952 нусха**
Навбатдор: И.ТОҲИР

